**МУҲАММАД ҒОИБ**

# СЕСАДУ ШАСТУ ШАШ ҒАЗАЛ

Душанбе
«Адиб»
2017

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ғ-29

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

Ғ-29 **Муҳаммад Ғоиб. Сесаду шасту шаш ғазал**.
– Душанбе, «Адиб», 2017, 384 саҳ.

Китоби нави Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ Муҳаммад Ғоиб намунаи эҷоди солҳои гуногуни қаламкашро дар бар мегирад. Ин офаридаҳои ҳунармандона ва пур аз тасвирҳои зебову байтҳои хотирнишин, ки бозгӯи табъи равон аст, аз чашмаи дардошноӣ ибтидо гирифта, лаҳзаҳои талху ширини зиндагиро пеши рӯ меорад.

Умед дорем, ки ҳар як ҳарфу ҳиҷои ин ашъор чун қатраҳои ашки дилу дидаи инсони ҳамдард писандатон меояд.

ISBN 978-99947-2-502-1

© Нашриёти «Адиб», 2017

*   *   *

Хӯшаи иқболам аз дони алам рӯидааст,
Лолаи мақсудам аз саҳрои ғам рӯидааст.

Ранги мӯйи сар дигар шуд аз фишори зиндагӣ,
Ин сафедӣ аз намакзори ситам рӯидааст.

Тарбият тавлидро бахшад ҳаёти ҷовидон,
Байти дил дар дафтар аз лутфи қалам рӯидааст.

Чашми роҳи орзу саргаштатар аз мо надид,
Ҷойи ҳар як нақши по садҳо қадам рӯидааст.

Гӯшт шуд аз сӯхтанҳо соҳиби номи кабоб,
Тухми шуҳрат бе азоби беш, кам рӯидааст.

Хонаи дилро, Муҳаммад, ашк равшан мекунад,
Нури шаъми дидаи мо ҳам зи нам рӯидааст.

* * *

Тани бар ранҷ тобоварда дорам,
Ду чашми марги хобоварда дорам.

Шарорамро ғизо шуд ашки хунин,
Ҳамин нақди кабобоварда дорам.

Расад аз роҳати фардо паёме,
Рақиби пуразобоварда дорам.

Нагардам ноумед аз сарсафедӣ,
Самарҳои шабобоварда дорам.

Ба амри дил бигӯям шеъри худро,
На байти аз китобоварда дорам.

Маро аз ганҷи бодоварда нанг аст,
Муҳаммад, ганҷи обоварда дорам.

*   *   *

Суханро дода печутобҳо гирдоб месозам,
Ба дарёи ҳунар камтоби худ пуртоб месозам.

Агар донишварон аз об ҳосил баркро карданд,
Зи барқи чашми худ ман лек ҳосил об месозам.

Барои хуфтани худ халқи олам хона месозад,
Биное баҳри бедорӣ зи хишти хоб месозам.

Намонад то асар аз шӯразори дафтарам боқӣ,
Диламро об карда, чашмаҳои ноб месозам.

Мадори пешрафтан бахшадам нанги худодода,
Мусофирҳои роҳи дурро дарёб месозам.

Шаби торик ҳам бедор кунҷи хилвати хешам,
Мани рӯшандил аз сӯзи дилам маҳтоб месозам.

Ба садҳо ранг мерос аст агар боғи вуҷуди ман,
Ба сайқал додан аз чӯби умед асбоб месозам.

Садафкорӣ нишони хондани сози ғами мо нест,
Муҳаммад, сози худ аз гавҳари ноёб месозам.

*   *   *

Пайи фаҳми ҳар мусофир нарасад ба ҷодаи мо,
Ба хаёли раҳ нағунҷад қадами ниҳодаи мо.

Гули нӯши мо зи неш аст, ками мо фузун зи беш аст,
Зи ҳама савора пеш аст, ба худо, пиёдаи мо.

Ба назар агарчи хобем, ба амал ба печутобем,
Нафитода ҳам хӯрад гаҳ ҳасади фитодаи мо.

Нигаҳи алам, ки дорем, нигаҳи қалам, ки дорем,
Фикананд чашми ҳайрат ҳама бар ифодаи мо.

Зи ду ҳарфи дидаи мо саду як рисола пайдост,
Ба мураккабе бигӯед сабақе зи содаи мо.

Хати тобдори ришта хабар аст аз навишта,
Ки дароз тор созад гираҳи кушодаи мо.

Ба диёри дури мақсад бибарад раҳи Муҳаммад,
Сипаре наоварад тоб ба дами иродаи мо.

*　*　*

Ҳарфи чашми ман сурх аст, хунҷигар фақат хонад,
Ин хати гаронхонро хатшинос медонад.

Оташи муҳаббатро ҳеҷ кас намебинад,
Инчунин надиданҳо абргиряро монад.

Он диле, ки ман дорам ишқ раҳмгин кардаст,
Тифли душмани худро аз дараш намеронад.

Ман замини бесангам, оби тоза аз рангам,
Ранҷи ман наранҷонад, зӯри ман наафтонад.

Ҷонфидо бурун гардад аз раҳи ғами ҷонаш,
Рӯ ба мардум оварда, рӯ зи хеш гардонад.

Аз вафо сухан гӯям, рӯзу шаб ватан гӯям,
То зи ҷо ягон пуркин санги ӯ наҷунбонад.

То даме ки армон аст, дард маҳви дармон аст,
Аз Муҳаммад ин сарват ҳеҷ кас набистонад.

* * *

Ҳамон роҳе, ки поёнаш намебинам, ватандорист,
Ҳамон дарде, ки дармонаш намебинам, ватандорист,

Ба хуни ноф ҳар хоке шавад олуда, ҷон дорад,
Танеро бе ғами ҷонаш намебинам, ватандорист.

Танӯр аз оташу оби намакдораш ғизо гирад,
Нишони хӯрдани нонаш намебинам, ватандорист.

Ҳамон марде, ки аз тири аду дорад ҷароҳатҳо,
Вале чашмони гирёнаш намебинам, ватандорист.

Парешонгаштагонро то қиёмат нест осоиш,
Ҳамон ҷамъе парешонаш намебинам, ватандорист.

Агар фикри ватан дар сар набошад, сар чӣ кор ояд,
Диле холӣ зи армонаш намебинам, ватандорист.

Раҳи осоншавии мушкили худро ҳама ҷӯяд,
Ҳамон мушкил, ки осонаш намебинам, ватандорист.

Фидоиро Муҳаммад шиква аз бори гаронаш нест,
Зи умри худ пушаймонаш намебинам, ватандорист.

*  *  *

Ватан мегӯям аз рӯзе, ки ман фаҳми сухан дорам,
Сухан мегӯям аз рӯзе, ки ман меҳри ватан дорам.

Вафою эътиқоду ифтихорам – қаҳрамононам,
Ба ин ҷамъияти худ гуфтугӯю анҷуман дорам.

Ба дил раҳму ба ҷон сӯзу ба хун нангу ба чашмон меҳр,
Тамоми хулқи ибратбахши миллат дар бадан дорам.

Гирифтам аз ниёгон дарси номуси ватандорӣ,
Насими бӯйи гулбоғи нав аз боғи куҳан дорам.

Зи кӯҳаш орзу санге барои лавҳи рӯйи гӯр,
Зи хоки пунбапарвардаш таманно як кафан дорам.

На ғайру ошно донад, на сад мушкилкушо донад,
На дунёи даво донад, ҳамон дарде, ки ман дорам.

Зи ман монад асар боғе, намемонад нишон доғе,
Агар доғест, аз роҳи замон дар пираҳан дорам.

Муҳаммад маҳв месозад бадиро некиям охир,
Ниҳон донҳои Ҳурмуздӣ ба хоки Аҳриман дорам.

*   *   *

Дур назар карданам, ёди ватан кардан аст,
Шом саҳар карданам, ёди ватан кардан аст.

Ҳар дами умри шабоб, ҳар нафаси дар ҳисоб,
Сарфи ҳунар карданам, ёди ватан кардан аст.

Аз дили осудаам, аз фараҳолудаам,
Оҳ бадар карданам, ёди ватан кардан аст.

Модари дилсӯз рафт, меҳри шабу рӯз рафт,
Ёди падар карданам, ёди ватан кардан аст.

Хӯрда ғами решаро, мазраи андешаро
Пур зи самар карданам, ёди ватан кардан аст.

Аз чамани пур зи мушк ҷониби саҳрои хушк
Майли сафар карданам, ёди ватан кардан аст.

Гарчи дар он куҳнадеҳ ҳоли касе нест беҳ,
Хонаву дар карданам, ёди ватан кардан аст.

Дар ҳама кунҷи ҷаҳон аз ғами як ғамраҳон
Доғ ҷигар карданам, ёди ватан кардан аст.

*    *    *

Аз ҳама пайғомат илҳомат бас аст,
Як сухан аз ҷамъи инъомат бас аст.

Нестам ҳамсоғари танпарварон,
Қатраи оби тахи ҷомат бас аст.

Олами озод ҳам бе фитна нест,
Мурғи ҳастии маро домат бас аст.

Субҳи козиб тирагӣ дорад зи пай,
Як чароғи хираи шомат бас аст.

Сабр мерос аст аз аҷдоди ман,
Пухтагонро меваи хомат бас аст.

Қаср не, осуда бошӣ, баҳри ман
Сояи лабгӯшаи бомат бас аст.

Эй ватан, эй даргаҳи ишқу умед,
Номаи бахти манӣ, номат бас аст.

* * *

Маҷмӯаи дилобкунӣ рӯди сухан шуд,
Гарди раҳи андешаи ман хоки Ватан шуд.

Тавлид ҳамон гавҳари меҳри садафи умр
Аз қатраи ҳар васвасаю тавбаи ман шуд.

Борони сиришке, ки зи чашмони сияҳ рехт,
Дар коғази зарди нигаҳам сабзчаман шуд.

Дар зиндагӣ аз сарҳади сад марг гузаштам,
Пайдо асари хилъати ҳастӣ зи кафан шуд.

Мурғи дили ман майли дигар кӯй надорад,
Меҳр аст ҳамон банд, ки бар пош расан шуд.

Дар ҳасрати он пираму он кӯдаки шӯхаш,
Бар ман асари нав алами дарди куҳан шуд.

Аз нози ҷафокор дигар шиква надорам,
Пайкони вафо тири ҳамон нозфикан шуд.

Сад акси баҳор аст дар оинаи пойиз,
Афсӯсхӯр аз кардаи худ аҳдшикан шуд.

Пурсед суроғам агар, аз кишвари доғам,
Пайдои абад гумшудаи мулки Хутан шуд.

* * *

Тоҷикистон чашмаӣ, ҷӯят манам,
Як ҷаҳон чашми вафо сӯят манам.

Бӯи ҷаннат ояд аз ҳар гӯшаат,
Мушкбӯям, зинда бо бӯят манам.

Ҷонфидоӣ ҷавҳари меҳр асту сидқ,
Бозии ҷон дар сари мӯят манам.

Рӯ наорам бар гурез аз як садо,
Шери майдонам, на оҳуят манам.

Гар ба чандин лафз мегӯям сухан,
То абад фарзанди якрӯят манам.

Сӯхтан аз ҳинду омӯзанд агар,
Ғолиби меҳмони ҳиндуят манам.

Дар сари минбар ватангӯ беҳисоб,
Дар сари дафтар ватангӯят манам.

*  *  *

Ватанро аз як оҳангаш шиносам,
Зи овози наю чангаш шиносам.

Нишони кӯҳсорашро ба ҳар ҷо
Зи ҳар як пораи сангаш шиносам.

Ба олам нест ҳамранги диёрам,
Диёрамро ҳам аз рангаш шиносам.

Шуданд аз фикри ҳифзаш пир садҳо,
Ҷабинашро аз ожангаш шиносам.

Надорад ҳамлаашро ёд таърих,
Ба дунё душмани ҷангаш шиносам.

Баҳои дасти фаҳмаш дастхатҳост,
Фари худро зи фарҳангаш шиносам.

Ватан мероси нанг аст аз ниёгон,
Худамро соҳиби нангаш шиносам.

* * *

Манам доротарин одам, ватан дорам, ватан дорам,
Ками худро нагӯям кам, ватан дорам, ватан дорам.

Агарчи кулбаам одист, вале дил маскани шодист,
Фараҳ хезад маро аз ғам, ватан дорам, ватан дорам.

Нанолам аз гаронборӣ, напурсам аз касе ёрӣ,
Нагирам қоматамро хам, ватан дорам, ватан дорам.

Ватанро гӯшаи имон бигӯянду Худо додаст
Маро имони мустаҳкам, ватан дорам, ватан дорам.

Нишони ӯ нишони ман, сурудаш дар забони ман,
Ба бомам ҷилвагар парчам, ватан дорам, ватан дорам.

Пайи сарсабзии хокаш, ба мисли абри афлокаш
Ба чашми сина дорам нам, ватан дорам, ватан дорам.

Хасисон низ мебахшанд баҳри ҳифзи меҳан ҷон,
Ватан касро кунад ҳотам, ватан дорам, ватан дорам.

Ғарибафтодагонро ҷашн аз мотам надорад фарқ,
Маро ҷашн аст дар мотам, ватан дорам, ватан дорам.

Надонам вақти беморӣ, ба ҷуз меҳри ватандорӣ
Ба дарди ҷони худ марҳам, ватан дорам, ватан дорам.

Манам доротарин одам, ватан дорам, ватан дорам,
Садоям бишнавад олам, ватан дорам, ватан дорам.

*   *   *

Гар забондон нестем, аз анҷуман берун шавем,
Гар ҷаҳонноошноем, аз ватан берун шавем.

Сардии озодӣ аз гармии маҳбас беҳтар аст,
Гардани нангем мо, аз пираҳан берун шавем.

Дар лаҳад гӯянд агар: – душам ба хокат по ниҳад,
Мурдаи садсола бошем, аз кафан берун шавем.

Дур созад аз муқимӣ хотири тифли амал,
Ноилоҷ аз сарҳади мулки сухан берун шавем.

Хонаи гӯши ҷаҳон манзилгаҳи уммед нест,
Нестем он ҳарфи ноҷо, к-аз даҳан берун шавем.

Давраи парвонаву шамъу гулу булбул гузашт,
Бояд аз даргоҳи афкори куҳан берун шавем.

Дар биёбони вафо ҳам баҳри ҷонсахтон нам аст,
Аз хазони умр пеш аз ин чаман берун шавем.

Пардашинӣ хоси марду одати мардона нест,
Ҳамчу мӯ бояд Муҳаммад аз бадан берун шавем.

*  *  *

Рақам намонд, хато дар раҳи шумурдан нест,
Нишони сабзшавӣ баъди ин фусурдан нест.

Тамоми умр кашидам барои номе ранҷ,
Маро ба ҷуз асари бори нанг бурдан нест.

Анорвор дил аз дасти зиндагӣ хун аст,
Хазон маё, ки маро ҳоҷати фишурдан нест.

Зи имтиҳони бузурги ҳаёт бигзаштам,
Ягон баҳо баландтар аз ин супурдан нест.

Ба ғайри фурқати ту, к-аз висол маҳрум аст,
Баҳонае ба Муҳаммад барои мурдан нест.

*   *   *

Биё, ки дар сари як масъала қарор кунем,
Хаёли хеш бас, андешаи диёр кунем.

Мусофирони балабҷонрасида бисёранд,
Пиёдаҳои раҳи дурро савор кунем.

Хамӯш то нараванд аз ҷаҳони пурфарёд,
Мадад ба лолҳои ба лаб оҳдор кунем.

Саволдода чаро посухаш намегирад,
Чи сон умед аз ин аҳду эътибор кунем.

Ба дидаҳои камонранги ин ҷаҳон тир аст,
Биё, ки эҳтиёт зи ҳама тирдор кунем.

Мураккабӣ,ки гирифтаст рӯи оламро,
Ба соддагии хеш ҳанӯз ифтихор кунем.

Агар дигар накунем ин раҳи ҳаёти хеш,
Ҳама зи ғайру зи худ низ мо фирор кунем.

*  *  *

Оламе ҷӯяд бузургӣ, хурд будан хуб нест,
Бурди худ ҷӯяд ҳама, бебурд будан хуб нест.

Дида ғолиб гаштанашро боз фандаш мекунанд,
Дар ҷаҳони фитнакорон курд будан хуб нест.

Роҳи озодии худ болонишинон ёфтанд,
Маҳбасам шуд таҳнишинӣ, дурд будан хуб нест.

Нотавонро зиндагӣ майдони машқи мурдан аст,
Рағми ин бераҳм ғайри гурд будан хуб нест.

Нангро донам, Муҳаммад, маънии асрори зист,
Гар набошад нанг бояд мурд,будан хуб нест.

*   *   *

Ғамхориям аз ҳад гузашт, рӯ бар рақамҳоям кунед,
Маҷмӯи шодии маро ҳосил зи ғамҳоям кунед.

Печидаҳоям во шавад, тарҳи раҳам пайдо шавад,
Пайванд агар бар ҳамдигар ҷамъи қадамҳоям кунед.

Аз худ гузаштанҳои ман, аз об гаштанҳои ман
Воқиф шудан хоҳед агар, ташхис намҳоям кунед.

Хомед агарчи, мепазед, ангушти ҳайрат мегазед,
Боре ба дӯши дил агар бори аламҳоям кунед.

Сарҷамъ то гардад париш, ҷӯё шудам нӯшам зи неш,
Ҳаргиз накардам фикри хеш, бисёр камҳоям кунед.

Меҳру вафо парвардаам, як умр некӣ кардаам,
Бонги фаромӯшӣ расад, ҳарф аз ситамҳоям кунед.

Сар мешавад дарди сухан аз меҳру номуси ватан,
Дилро қалам кардам, ки фарқ аз беқаламҳоям кунед.

*   *   *

Зиндагӣ ҳама фарёд, зиндагист хомӯшӣ,
Ҳам дар он баёдорист, ҳам дар он фаромӯшӣ.

Аз пайи дами васлаш ашки ҳаҷри якумрист,
Тифли ҳасраташ бошад зодаи ҳамоғӯшӣ.

Мастӣ оварад пастӣ, ҳаст марг ин ҳастӣ,
Ғайри машқи мурдан нест дарсҳои мадҳӯшӣ.

Ҳар ишора ҷон дорад, тир дар камон дорад,
Ширхора мегиряд аз ғами кафанпӯшӣ.

Дар баҳои овоза кард дигар овозам
Сурмаи қалам хӯрдан, бодаи аламнӯшӣ.

Оташи худовандӣ покро намесӯзад,
Қиссаи ҷавонмардист ибрати Сиёвӯшӣ.

Ҳӯши ман Муҳаммад рафт аз пайи ватандорӣ,
Мондааст асар аз он дарди сахти беҳӯшӣ.

* * *

Сад ҷони ширин кандаам, пайдо нашуд як қанд ҳам,
Ҳосил муроди ман нагашт аз гуфтани сад панд ҳам.

Зоҳирнишон бологузар, ботинасар дар пушти дар,
Сад ҳақталабро метавон барҳам занад як фанд ҳам.

Хоки вафо гардидааст олудаи гарди ҷафо,
Аз ғам шикоят мекунад дар даври мо хурсанд ҳам.

Бар даст бигрифтаст занг акнун сари занҷири нанг,
Мустаҳкамӣ гум мешавад аз ҳалқаи пайванд ҳам.

Дарди ниҳони корагар аз сар ба сар созад гузар,
Ақли падарро мехӯрад беақлии фарзанд ҳам.

Дар рӯзи бад тири шикаст аввал расад бар зӯрдаст,
Дар хашми бедавлат фитад ночор давлатманд ҳам.

Дардошноӣ ҳам намонд, дуди давоӣ ҳам намонд,
Аз оташи тези замон бедуд гашт испанд ҳам.

Тарсам Муҳаммад шармро бандӣ кунад, шармандагӣ,
Бандам ба фикри зиндагӣ, фарсуда ҳаст ин банд ҳам.

*   *   *

Нест азбаски ғуборе зи раҳи кин моро,
Хати афсӯс нагардад ба ҷабин чин моро.

Аз дари меҳр, ки бар аҳли башар менигарем,
Сабз тобад мижжа дар дидаи раҳмин моро.

Ҷамъи ҳарфи дил агар ҳаст суханҳои забон,
Талхгӯист туро, гуфтаи ширин моро.

Бори ҳастии ду-серӯза миёнро шиканад,
Тоб гардест зи як мазраи тамкин моро.

Дӯш кардем ба як наъли зи раҳ ёфта шукр,
Асп дорем, набошад талаби зин моро.

Аз дари хона бароем, дуо мегирем,
Аз хатар ҳифз кунад ҳар қадам омин моро.

Ҷондиҳӣ дарди зи дориаи ақл аст бурун,
Метавон кард даво сураи Ёсин моро.

Он чи гӯем ба ҳар давр зи Қуръон ёбем,
Хираду ақли ду дунёст ба як дин моро.

Мо бубинем, Муҳаммад, ба ҷуз аз хеш ҳама,
Баски додаст Худо чашми ҷаҳонбин моро.

*  *  *

Пухтагӣ талаб дорам, то ба кай ману хомӣ,
Номи нек мехоҳам, марг беҳ зи бадномӣ.

Фанди зиндагӣ хӯрдан ҳаст мушкил аз мурдан,
Ҷони ман ба тан дорад ҳоли мурғаки домӣ.

Рӯди ҳастӣ аз ҷунбиш мерасад ба баҳри бахт,
Рутбаи аҷал гирад зиндагӣ аз оромӣ.

Тухми коми ҷовидон дар замини дидор аст,
Мебарад раҳи ҳиҷрон бар ҷаҳони нокомӣ.

Аз фалак, ки нолидем, сели ғуссаҳо дидем,
Хонаи ҷаҳон вайрон мешавад зи бебомӣ.

Ман нанолам аз сӯзам, шамъи ишқ афрӯзам,
Юсуфу Зулайхо шуд шуҳратовари Ҷомӣ.

Аз шабам саҳар ҷӯям, аз табам шарар ҷӯям,
Субҳи равшанам бахшад худфурӯзии шомӣ.

Олами дигар дорам, мӯрро наёзорам,
Пири роҳи худ донам Боязиди Бастомӣ.

Ҳомиёни даври мо ҷонситонтаранд аз марг,
Бар Муҳаммад охир нест ҷуз Худо дигар ҳомӣ.

* * *

Дар дафтари дили ман меҳрам чунин навиштаст:
Дар даҳр нек бешу кам одамони зишт аст.

Нармему синачокем,эй сангдил, чӣ донӣ,
Саҳрои зиндагиро афзун замини кишт аст.

Дар рӯзи гарму сардӣ монанди мо наёбӣ,
Эй санги пухта, бишнав, пурзӯр аз ту хишт аст.

Озордода бинад як рӯз сахт озор,
Ин ҳукми зиндагонӣ, ин роҳи сарнавишт аст.

Бадхоҳ ё накӯем, имрӯз рӯ ба рӯем,
Ҷойи ҷудоии мо дар дӯзаху биҳишт аст.

Бори гарони ғамҳо шуд бори мо, Муҳаммад,
Чун тори набзи мо нест, ин риштаро кӣ риштаст?

*  *  *

Чашм хобидаву дил бедор аст,
Бори фарзанд ба модар бор аст.

Зард ҳаст аз ғами ҳиҷрон гули зард,
Дур будан зи чаман душвор аст.

Хундаҳан кард ба як бӯса маро,
Ханҷари тези забон хунбор аст.

Рӯйсурхӣ зи фараҳ нест нишон,
Лоласон сӯхтадил бисёр аст.

Рафт хуршеду шафақ дилхун шуд,
Аз ҷудоӣ ҳамаро озор аст.

Аз дили мо аламаи ишқ мапурс,
Нозук ин тору гарон ин бор аст.

Сараш аз шӯри хаёл аст чу баҳр,
Рӯзи бад дар сари дунёдор аст.

Гаҳ дар афлоку гаҳе дар хокем,
Раҳи умри ҳама ноҳамвор аст.

Тифл бе гиря наояд ба ҷаҳон,
Ҳар кӣ ояд ба ҷаҳон ғамдор аст.

Ҳамчу фаввора ба ҷое нарасӣ,
Гар Муҳаммад суханат такрор аст.

* * *

Роҳ то қуллаи армон дур аст,
Теппаву санг нишон аз гӯр аст.

Ҳаст ранҷур зи кӯтоҳии умр,
Ҳар куҷое, ки дили ранҷур аст.

Мурғи тақдири ман аз гардиши чарх
Рӯз шаҳбозу ба шаб шабкӯр аст.

Соҳили зарбахӯри хомӯшам,
Зиндагӣ баҳри ғами пуршӯр аст.

Дар раҳи кашмакашиҳои ҳаёт
Қудратам хирману ҷисмам мӯр аст.

То ба хокам намаке ҳаст зи ишқ,
Оби полидаи чашмам шӯр аст.

Чашми пурмеҳр маро маст кунад,
Мардумаш дар назарам ангур аст.

Ҳеҷ кас пеши раҳи нур набаст,
Раҳи хуршед гирифтан зӯр аст.

Қаламам аз аламам ашк бирез,
Беасар ходаи рӯи гӯр аст.

Равшан аз ҳарфи Муҳаммад дилхост,
Ба давоти сияҳи мо нур аст.

* * *

Зи хобаш мекунам бедор боди бомдодиро,
Фиристонам ба кӯйи интизорон ин мунодиро.

Зи дасти нотавониҳо муроди дил нашуд ҳосил,
Илоҳӣ кас набинад рӯйи шуми номуродиро.

Дар ин дурӯза умрам баски садҳо теғи ғам хӯрдам,
Касе дар зиндагӣ чун ман надонад қадри шодиро.

Зи думболи фараҳ то сояи ғам гирд мегардад,
Намебинад ягон одам нишоти умрбодиро.

Зи роҳи тарбият имрӯз шогирдон бурун гаштанд,
Набардорад ба дӯш устод бори устодиро.

Гираҳ дар дидаи сӯзан гарон аз кӯҳ метобад,
Аҷал донанд бар худ тангчашмон дилкушодиро.

Дар ин водӣ, ки мебинам ба рӯйи худ дари баста,
Чӣ сон гирам, Муҳаммад, пеш роҳи ҳафт водиро.

*   *   *

Субҳи уммед шуда дар назарам шом имрӯз,
Дидаи рӯшани ман гашта сияҳфом имрӯз.

Кафани боғи муродам шуда гулҳои сафед,
Зиндагӣ барфи баҳору ҳама бодом имрӯз.

Аз дари чашм барорад нигаҳи сард сараш,
Гашта ҳар чашм ба чашми дигараш дом имрӯз.

Обосо, ки шавад хушк зи ҷӯшидани беш,
Пухтагон гум шуда, монад ба ҷаҳон хом имрӯз.

Гӯргирӣ бигузаштасту замони гӯр аст,
Ҷон кашад мӯри аҷал аз тани Баҳром имрӯз.

Баски аз мо ба азизон хабаре хок барад,
Мурда ҳам нест ба оромгаҳ ором имрӯз.

Килки мо тир ба майдони ҷаҳолат нашавад,
Панди некон накунад кора ба бадном имрӯз.

Хонаи ҳарфи Муҳаммад, ки баланд афтодаст,
Нардбоне нарасад бар лаби ин бом имрӯз.

* * *

Ба чашми посдорон зиндагӣ ранги дигар дорад,
Дарахти бед ҳам аз соя дар гармо самар дорад.

Зи баски баста гарди роҳи мо дар хоки намдор аст,
Нишони покдомонӣ зи мо ҳар раҳгузар дорад.

Фалак шуд аз бухори оби баҳри чашми мо пурабр,
Сари он хок резем ашк, тухми меҳр агар дорад.

Даҳони дил ба дасти синаи худ сахт мебандем,
Чӣ суд аз оҳу фарёде, ки олам гӯши кар дорад.

Зи ҳарфи дидагони рангзардон хонам ин маънӣ,
Ба зарҳал менависад номи худро он ки зар дорад.

Либоси фақр мепӯшанд дороёни дурандеш,
Ниҳон дар ганҷдонаш санг тилло аз шарар дорад.

Хамӯшиҳои доно пеши нодон нест бемақсад,
Шикасти мо ба ранги дигаре бар худ зафар дорад.

Барои гавҳари маънӣ ба гирдоби сухан рафтем,
Хаёлиро лаби дарё нишастан ҳам хатар дорад.

Шавад то коми талхи табъи мардум аз сухан ширин,
Муҳаммад дар замини дафтари худ найшакар дорад.

* * *

Ифтихори сода моро мекушад,
Заҳри ширинбода моро мекушад.

Қатраеро мо ба дарё мехарем,
Ганҷи азкафдода моро мекушад.

Бар сари худ кулфат орад одамӣ,
Доми худбинҳода моро мекушад.

Гар ба роҳи нафси бад по мениҳем,
Бехабар ин ҷода моро мекушад.

Оқибат мастӣ ба пастӣ мебарад,
Бодакӣ аз бода моро мекушад.

Модаре бар модаре гӯяд ба дард,
Ранҷи тифли зода моро мекушад.

Бар тавозӯи аду бовар кунем,
Пешипоафтода моро мекушад.

Маҳбаси бефитна моро зинда дошт,
Олами озода моро мекушад.

Дар ҷаҳоне, ки мураккабпеша аст,
Ифтихори сода моро мекушад.

*   *   *

Зиндагонӣ асари пайғом аст,
Нанги ӯ муждарасон аз ном аст.

Барфи барчошии оғози баҳор
Хабар аз бебарии бодом аст.

Рағбати роҳравӣ ҳаст агар,
Баста дар зери кафи по гом аст.

Соя аз нур гурезон гӯяд:
Субҳ бар чашми сияҳдил шом аст.

Симхор аст саросар мижгон,
Чашм бар дидаи бадбин дом аст.

Ақл бар қисмати мо ҳифзгарест,
Сар ба девори тани мо бом аст.

Сухани пухта Муҳаммад гӯяд,
Гарчи парвардаи шири хом аст.

*   *   *

Омад баҳори гулфишон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд,
Сарсабзу рӯсурх одамон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.

Бадҳол хушҳолӣ кунад, дилро зи ғам холӣ кунад,
Як ҳарф бошад дар забон: «Наврӯз шуд, Наврӯз шуд!»

Гӯё ки аз абри сипеҳр борад фақат борони меҳр,
То кина гардад бенишон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.

Дар шохаҳову лонаҳо, дар гӯшабоми хонаҳо
Хонанд ширин мурғакон: «Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.»

Аз ҷӯйҳо берун шуд об, рахшандатар гашт офтоб,
Дар остону осмон Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.

Ояд ба гӯш овозҳо, густурда пойандозҳо
Аз атласи рангинкамон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.

Пирони ҷӯеи Худо гӯянд ҳангоми дуо:
Сад шукри даври бехазон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.

Дар баҳри шодӣ ҷумла ғарқ, Наврӯз дорад Ғарбу Шарқ,
Ҷашн аст дар рӯи ҷаҳон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд!

*   *   *

Гард берун қадами худ зи раҳи тар накунад,
Нафси бад тарки ғизохонаи пайкар накунад.

Бодак ором зи шарми тани пурдоғ шавад,
Рег афтад ба кафи мум паропар накунад.

Об то ҷамъ шудан нарм кунад пайкари ҳифз,
Нармрӯ зуд ба найранги худаш сар накунад.

Тифли навзод шавад раҳмгин аз синаи раҳм,
Гар хӯрад шири дигар, раҳм ба модар накунад.

Муҳри иқбол ба ҳар кас натавонем супурд,
Дил ба ҳар чашми нигаҳбохта бовар накунад.

Арсаи бозии мардони бананг аст ҳаёт,
Талаб имдод ҳунарманд зи довар накунад.

Ҳарфи мо ҳаст, Муҳаммад, пайи мо дар раҳи умр,
Ҳарфи нохуб сухансанҷ ба дафтар накунад.

*   *   *

Тобовар аз гудозу ранҷҳо тан мешавад,
Чашм дар гирдоби ашк афтод, равшан мешавад.

Сангдилро нармдил кардан зи нав бошад муҳол,
Ранги аслӣ кай шавад, хоке, ки оҳан мешавад.

Шубҳа дорад пири доно ҳам зи шогирдони хеш,
Гарди азпайхеста доғе ба доман мешавад.

Фикри беқадрии ранҷашро намеорад ба сар,
Гар ватанпарвар ба монанди Таҳамтан мешавад.

Кори душман мекунад гаҳ дӯстҷӯ ҳам хӯрда фанд,
Кушта бехотир Фуруд аз дасти Бежан мешавад.

Тира гардад хотири равшан ба базми тирадил,
Нур агар бар тӯр афтад, соявравшан мешавад.

Нест охир дар набарди умр ҷуз некӣ силоҳ,
Некиям бар ханҷари ҳар дида ҷавшан мешавад.

Нам намеҷӯяд Муҳаммад ҳеҷ гоҳ аз хоки ғайр,
Сабз тухми ормон дар хоки меҳан мешавад.

* * *

Бо умеди зистан ҷон меканам,
Чун ғарибе дар ватан ҷон меканам.

Шамъаму бо хандаҳои сӯздор
Дар миёни анҷуман ҷон меканам.

Бенасиб аз васли ширини ҳаёт
Рӯзу шаб чун Кӯҳкан ҷон меканам.

Зиндаам, то ҳаст як Ҳурмузд агар,
Ҳаст то як Аҳриман, ҷон меканам.

Пахтаро як тӯда соҳиб мешавад,
Ман барои як кафан ҷон меканам.

Қадри доно пеши доро ҳеҷ нест,
Баъд аз ин ночор ман ҷон меканам.

То шавад ҷонбахши мардум шеъри ман,
Дар сари ҳар як сухан ҷон меканам.

Ҷон ба лаб омад, Муҳаммад, чора нест,
Бори ҷон бар дӯши тан ҷон меканам.

*     *     *

Рост асло пайи ожанг наафтад ба ҷабин,
Каҷмакаҷ ҳаст раҳи қисмати ҳар тахтнишин.

Монад испор ба ҳар хок нишон ранги дигар,
Самари умр аён аст зи ҳар ҷӯяи чин.

Мард аз меҳр занад даст ба домони сахо,
Сабз аз дони муҳаббат нашавад хӯшаи кин.

Зараре аз шарари нексириштон нарасад,
Дуда аз оташи хуршед нарезад ба замин.

Чашм бар хонаи бетифл надӯзанд ба меҳр,
Қурби ангуштарии мо ҳама бошад зи нигин.

Қатрае доғ намонад зи пайи дасти ҳунар,
Нуқс ҳаргиз натавон ёфтан аз косаи Чин.

Аспдорон ба раҳи шавқ ҷаҳони дигаранд,
Ба ягон тахт набахшанд фараҳхонаи зин.

Ҳаст сарчашмаи ихлос, Муҳаммад, покӣ,
Нашавад сер нигаҳ аз рухи фарзонаи дин.

* * *

Фикри дунё ҳама гирди сари мо мегардад,
Гирди қасри шаҳи ғамхор гадо мегардад.

Тобад аз марди сафар рӯйи худ иқбол агар,
Гарди раҳ обилае бар кафи по мегардад.

Гар бигӯӣ гунаҳи хеш, азобат надиҳанд,
Кай ба дандон расад он уқда, ки во мегардад.

Узр дармон нашавад бар дили хунбаста дигар,
Нохуни захмгин аз гӯшт ҷудо мегардад.

Бар дили зор ғами ишқи ту як умр ғизост,
Ҳаст дарде, ки ба он заҳр даво мегардад.

Ошиқ аз кӯтаҳии даст ба мақсад нарасад,
Зиндагонӣ ба сари ишқ бало мегардад.

Сари ҳар кор, Муҳаммад, газад ангушти хаёл,
Дар ҷаҳони амал ангуштнамо мегардад.

*   *   *

Фӯлодро бипурс раҳи обутобро,
Бар нангомада написандад азобро.

Болини нарм зери сар аз санг ҳаст сахт,
Путк аст фикри мо сари сандони хобро.

Дар ҷисми хурд ҳам асари сад бузургӣ аст,
Як села мавҷ нафканад аз по ҳубобро.

Дастони нафс шаҳпари парвозро шикаст,
Ҳамранг кард тоири бахту кабобро.

Масти сухан ба ҷодаи дигар намеравад,
Аз мо мапурс қиссаи масти шаробро.

Ҳастем устухон ба гулӯи хаёли хеш,
Нармӣ ба хок луқма кунад охир обро.

Роҳи талоши мурдадилон инқилоб нест,
Монад умеди зиндадилон инқилобро.

Бар даҳр омадем, Муҳаммад, чу ташнаҷон,
Хӯрдем ҷойи об фиреби саробро.

*   *   *

Бероҳа набошӣ, ҳама олам хати роҳ аст,
Бероҳа, ки бошӣ кафи уммеди ту чоҳ аст.

Бечой намонӣ қадам, озор набинӣ,
Санги раҳи ту ҳифзгару пушту паноҳ аст.

Мижгони ҳама бадназарон аст агар хор,
Мижгони каси некназар меҳргиёҳ аст.

Аз ширхӯрӣ қалби сияҳ ранг нагирад,
Сад бӯр фурӯбурдаи як лавҳи сиёҳ аст.

Хуб аст, ки бар чашми касе бад нанамоӣ,
Душвор раҳо ёфтан аз доми нигоҳ аст.

Бояд, ки дилеро надиҳӣ ранч, Муҳаммад,
Зеро ки асарнок зи сад тир як оҳ аст.

*     *     *

Мо олами меҳрем, ба дил кина надорем,
Як сангнигаҳ ҷониби оина надорем.

Гумкардаҳисоби гуҳари ғуссаи хешем,
Уммеди фараҳ низ зи ганҷина надорем.

Эй бод, шунав синаи мо дашти пуроб аст,
Он гарди ниёзат ба кафи сина надорем.

Эй олами урёнӣ, агар холии аз шарм,
Бар сар ғами андешаи як пина надорем.

Бар чашми ҷаҳон боми замон чоҳи фиреб аст,
Аз мо натавон ҷуст мадад, зина надорем.

Гӯянд агар имрӯз ба мо як сухани хуш,
Парвои гапу ранҷиши дерина надорем.

Аз ашки қалам об хӯрад, об дили мо,
Ширинтар аз ин қатараи нӯшина надорем.

*   *   *

Хуршед ғами гардиши вартоҷ надорад,
Доро ғами ҷон кандани муҳтоҷ надорад.

Бар пойи равон захмати бепой ниҳон аст,
Аз ҳоли ҳубобе хабар амвоҷ надорад.

Ҳайронам аз он гоҳ ҷафопеша азиз аст,
Девор ба ҷуз хор ба сар тоҷ надорад.

Тороҷгарӣ одати тоҷик набошад,
Тоҷаш диҳаду фикр зи тороҷ надорад.

Аз моли ҷаҳон дида бипӯшем, Муҳаммад,
Ҷуз ганҷи вафо кишвари дил боҷ надорад.

* * *

Намедонам чӣ сон дар сина дилро одамин ҷо дод,
Фараҳбахше набуд, ки бар дараш ғамофарин ҷо дод.

Расад аз омаду рафти нафас ҳар лаҳза бар гӯшам,
Чаро беррахмро дар хонаи худ раҳмгин ҷо дод.

Вафоро бин, ки бо он саркашиданҳо дар оғӯшаш
Гиребон гардану дастони моро остин ҷо дод.

Вафодорон дуруштиҳои ёронро намебинанд,
Намебинӣ, ки чинҳоро ба тахти худ ҷабин ҷо дод.

Муҳаммад, хезад ин овоз аз гӯри хирадмандон:
Замон кушту ба оғӯшаш вале моро замин ҷо дод.

* * *

Ҳар барги зиндагонӣ барги тараб набошад,
Осори ҷони равшан гармии таб набошад.

Чун субҳ кард моро як ханда ғарқаи хун,
Чун теғи рӯз хунрез шамшери шаб набошад.

Беҳуда ҳеҷ инсон тарки ҷаҳон насозад,
Ҳар ҷо натиҷае ҳаст, он бесабаб набошад.

Гӯянд ханҷаре тез аз ханҷари забон нест,
Тез аст,пуртавонтар аз кӯки лаб набошад.

Марҷони ишқ дорад аз хуни дил нишона,
Ин муҳра пойбанди тори асаб набошад.

Як барг ҳам накандӣ аз бӯстон, Муҳаммад,
Бераҳму бемурувват аҳли адаб набошад.

* * *

Ғамхор ба ҳар ғамзада масрур нагардад,
Бедард мададгор ба ранҷур нагардад.

То бастаи сармазили осоиши хеш аст,
Наздик ба бепой раҳи дур нагардад.

Аз додани хун зинда нагрдад тани мурда,
Гармӣ ба сари сарддиле зӯр нагардад.

Бикшода дари ризқ шавад аз раҳи ҷунбиш,
Муҳтоҷ ба даргоҳи дигар мӯр нагардад.

Носоз шавад соз зи молидани гӯшаш,
То даст ба торе набарӣ, ҷӯр нагардад.

Гар ҷавҳари зот аст касеро, ки чу моҳӣ,
Сад оби намакдор хӯрад шӯр нагардад.

Чун дасти дуо кӯлмаке дар назари мост,
Сад чоҳи даҳанвоз яке гӯр нагардад.

Дар дидаи дил мардумаки ҳарф шинонем,
Донандаи маҳруми назар кӯр нагардад.

Мастему хуморем ба ёди гули рӯе,
Дур аз нигаҳи бодакаш ангур нагардад.

Ҳаргиз накунам шиква ман аз оташи ишқаш,
Бесӯз рухи шамъ пур аз нур нагардад.

Гар табъи худодод набошад ба Муҳаммад,
Сад ранҷ кашад, шоири машҳур нагардад.

* * *

Тарафи хоки мулоим раҳи нам мегардад,
Аз пайи нармдилон неккадам мегардад.

Рехта қатраи ҷонаш ба сари ҳар дона,
Об дар пуштаи корамшуда кам мегардад.

Эй фараҳ, дур марав, гирди чароғи дили мо
Пари худ сӯхта парвонаи ғам мегардад.

Ханҷари кинаи худ бар сипари меҳр назан,
Ин ситамгори ту маҳрум зи дам мегардад.

Ҳаркӣ гӯяндаи асрори дигарҳо бошад,
Сархӯри хештан охир чу қалам мегардад.

Хонам аз қисмати пурдарди ниёгони азиз,
Гар наво нола шавад, савти Аҷам мегардад.

Гашта аз хуни ҷигар оҳи Муҳаммад берун,
Бар сари боми муҳаббат чу алам мегардад.

*   *   *

Нури маҳ бо рангҳои шоми тор олуда аст,
Бо сиёҳӣ хотири шабзиндадор олуда аст.

Сели вайронкору барқу жола дорад дар бисот,
Бо хазону гарди он фасли баҳор олуда аст.

Мешавад дилгарм сард аз зарбаҳои зиндагӣ,
Санг бо он сардии худ бо шарор олуда аст.

Поктинат ёфтан душвор аз зери фалак,
Осмон вақте ки бо абру ғубор олуда аст.

Дар пайи бигзаштани рӯзи худ асло нестем,
Ҷони мо бо дардҳои рӯзгор олуда аст.

Баҳри ҳифзаш нек ҳам гардад, Муҳаммад, ёри бад,
Гул барои ҳифзи ҷони худ ба хор олуда аст.

*   *   *

Пайдо ба назар реги ғаму хори ҷафо нест,
Ошиқшуда ҳаст обиладил, обилапо нест.

Борони сиришкем, ки дар қофилаи мо
Осори пай асту асари бонги диро нест.

Бемағз кунад пеши ҳама нола ҳамеша,
Дарди азалиро ба ҷуз аз марг даво нест.

Бар олами ҷовид барад роҳи хамӯшӣ,
Фарёд ватандор ба дунёи бақо нест.

Дар дидаи мо бенамакон ҷой наёбанд,
Дар ашки алам ҷуз намаки муҳру вафо нест.

Азбаски шикам ҷойи дил имрӯз гирифтаст,
Дар маҳфили айём ба дилбохта ҷо нест.

Ҳамқисмати хокистари ишқем, Муҳаммад,
Гарде, ки шавад доғ дар оинаи мо нест.

*    *    *

Раҳи куйи фараҳро бе ғубори ғам намебинам,
Тани девори ҳастиро тиҳӣ аз нам намебинам.

Агарки қоматам хам мезанад рӯзе зи бори умр,
Вале аз нанг то мурдан сарамро хам намебинам.

Сари даъво надорам, дар баҳои ҳақ хатоӣ нест,
Ками худро ман аз беши дигарҳо кам намебинам.

Дили бишкаста аз паймоншиканҳо монда меросам,
Бинои аҳдҳои бастаро маҳкам намебинам.

Гурезон дидаам дар рӯзи сахтӣ лофзанҳоро,
Ба дарди ночавонмардӣ дигар марҳам намебинам.

Пари товус дорад дар матои фанди зебояш,
Сареро роҳат аз болини ин олам намебинам.

Ҳама дар фикри Қорун гаштаанд имрӯз овора,
Сахо қурбонии нафс аст, як Ҳотам намебинам.

Вафо ҷустам, ҷафо дидам, ҷудо дард аз даво дидам,
Муҳаммад посро дар ҳазрати одам намебинам.

* * *

*Барои зиндаёд Давлаталӣ Шариф*

Аз раҳи хуниҷигарнӯшӣ бурун кардӣ маро,
Аз таҳи чоҳи фаромӯшӣ бурун кардӣ маро.

Шод кардан хотире гӯянд аз ҳаҷ беҳтар аст,
Аз ҷаҳони ғамбаоғӯшӣ бурун кардӣ маро.

Захмҳо бар дӯши дил аз бори ҳасрат доштам,
Аз муҳити борбардӯшӣ бурун кардӣ маро.

Хомӯшӣ дорад асар аз марги барвақтӣ ба худ,
Дида хомӯшам, зи хомӯшӣ бурун кардӣ маро.

Дил қабое бар тани худ аз матои ғусса дошт,
Эй фараҳбахш, аз сияҳпӯшӣ бурун кардӣ маро.

Аз шароби ноумедӣ буд асар афтодагӣ,
Аз раҳи ин гуна мадҳушӣ бурун кардӣ маро.

*   *   *

Мушкгумкардаро суман хонем,
Пуштаи хушкро чаман хонем.

Обрӯ аз хирад намеҷӯем,
Обрӯро зи пираҳан хонем.

Он пизишкем, баҳри нафъи хеш
Дардро ҷониби бадан хонем.

Ҷои он хокфаҳми пеши чашм,
Аз раҳи дур гӯркан хонем.

То насозанд фош айби мо
Лолҳоро ба анҷуман хонем.

Бурда бегонагон дили моро,
Хасмро ёри хештан хонем.

Ҷои мулки ҳамешасабзи худ
Қиссаи сурхии Яман хонем.

Майл олам ба ҳарфи нав дорад,
Мо ҳамон номаи куҳан хонем.

Бо ҳамин диду дарку фаҳмиш боз
Хешро ворисони ватан хонем.

Як ҷаҳон пешу мо қафомонда,
Гӯ Муҳаммад кадом фан хонем.

* * *

Ба Худо замони ман нест, асаре зи худ наёбам,
Ба паси сиёҳабраш ба мисоли офтобам.

Дили санг тар нагардад, зи ғамам хабар нагардад,
Ба миёни санглохе мани уфтода обам.

Ба сарои базми ҳастӣ ҳама банди худпарастӣ,
Чи кунам, ба чашми мастӣ мани хуб зишт тобам.

Ҳама ҷо гапи дурушт аст, сухани дурушт мушт аст,
Ба куҷо равам надонам, ба ҳамин раҳи азобам.

Сари худ ниҳам ба соқам, кӣ раҳонад аз фироқам,
Ба уммеди васл дидан шабу рӯзи худ ҳисобам.

Ҳама ҷамъу ман парешам, ҳама мезананд нешам,
Дилу ҷони пур зи решам, набарад зи дард хобам.

Ба аломати саволе асар аст аз заволе,
Раҳи нуқта пеш гирам, биканам дил аз хитобам.

Зи ҳадаш гузашт агар ҷабр, гузарад зи сабрияш сабр,
Дили пур зи раҳми ман лек накашад ба инқилобам.

На раҳи зи худ фироре, на мадори тоборӣ,
Ба мисоли расми ҳайрон ба дами фишори қобам.

Каси роздони ман нест, асар аз ҷаҳони ман нест,
Ба Худо замони ман нест, накунад мадад китобам.

* * *

Бар зӯрҳо бигӯед занҷирҳо кушоянд,
Дарвозаҳои банди тадбирҳо кушоянд.

Бар ақлҳо расонед, гар дасташон тавоност,
Як сафҳа аз китоби тақдирҳо кушоянд.

Зар хешро нахонед, оҳантабиатонед,
Як рӯз ин муаммо иксирҳо кушоянд.

Навмедтар зи дил нест, ин ноумедӣ аз чист?
Роҳе ба кӯи дилҳо дилгирҳо кушоянд.

Дунёи ашку оҳанд, аз зиндагӣ чӣ хоҳанд,
Рози қаламкашонро тасвирҳо кушоянд.

Дар нохуни хирадшон дандони дигаре ҳаст,
Накшудаи ҷавонон ин пирҳо кушоянд.

Аз даҳри хомҷӯем, аз пухтагӣ чӣ гӯем,
Асрори хомии мо худ ширҳо кушоянд.

Сарбози мулки хешем, нӯше ба коми нешем,
То сӯи мо камонҳо кам тирҳо кушоянд.

Оянд бар дари мо, аз чӣ пас аз сари мо,
Сарномаҳои моро кай мирҳо кушоянд?

Бандем чун Муҳаммад роҳи забони ҳар бад,
Нанги сипарниҳодон шамшерҳо кушоянд.

*  *  *

Дар мағзи сиришк оҳ дорам,
Хун дар ҷигари нигоҳ дорам.

Дар шарбати шодии савобам
Олудағами гуноҳ дорам.

Дар ҷодаи ман ғубор чашм аст,
Дар чашми ғубор роҳ дорам.

Ҳар як қадами ниҳода пайкест,
Пайғом зи хайрхоҳ дорам.

То дорад асар зи ҷунбиш обам,
Даъво накунад, ки чоҳ дорам.

То мурғи гурусна ҳаст айём,
Дон зери қабои коҳ дорам.

Шодиву ғамам куҳанрафиқанд,
Дарвеш ба базми шоҳ дорам.

Бедард матои ман нагирад,
Моли ҳама дардгоҳ дорам.

Бар коми ғуруб рафт хуршед,
Сад шукр, ки нури моҳ дорам.

Навмед намешавам Муҳаммад,
То сарвару сарпаноҳ дорам.

* * *

Дар дафтари дил ҳарфи ҷигарсӯз надорем,
Он дарс, ки бошад хирадомӯз, надорем.

Ёде зи хазонем, ки ҷуз гиря надорад,
Таҳмондаи гулхандаи наврӯз надорем.

Ҳамчун шаби ялдо ба таҳи чодари қисмат
Пинҳон санами хушнигаҳи рӯз надорем.

Чун тир ба сӯи ҳадафи умри ғанимат
Як дидаи пурмеҳри нигаҳдӯз надорем.

Аз марг чӣ гӯем, гурезад аҷал аз мо,
Мардона баҳо додани пирӯз надорем.

Шабтоб худафрӯзтар аз мост, Муҳаммад,
Гард аз раҳи ёрони худафрӯз надорем.

* * *

Марди раҳи азоби ҳунар ёри мо шавад,
Ҷӯяндаи зи заҳр шакар ёри мо шавад.

Дар шӯразори ҷону кавири вуҷуди хеш
Дорад касе, ки гӯшаи тар, ёри мо шавад.

Аз тарзи як нигоҳ шиносем неку бад,
Дардошнои аҳли назар ёри мо шавад.

Бегона баҳри мо ҳама шамшертинатон,
Аз ҷилва дур ҳамчу сипар ёри мо шавад.

Дар хилвати сиёҳи шаб эҷоди рӯшанист,
Бедори интизори саҳар ёри мо шавад.

Мо мардуми диловари роҳи муҳаббатем,
Дар инқилоби ишқ зафар ёри мо шавад.

*   *   *

Сароби умр ба чашми муҳаббатам об аст,
Ғубор низ дидаи бози ҷодаи хоб аст.

Баҳо диҳад ба ҳама сӯзу қудрати дардаш
Ҷаҳон маризи абад дар нигоҳи нотоб аст.

Ба гӯш мерасад аз бонги изтироби нур,
Гурези лашкари шаб аз ҳароси маҳтоб аст.

Зи ёфтан муроди ҳама мешавад ҳосил,
Чӣ лозим аст, агар умр ганҷи ноёб аст.

Паёми марг расад аз сафедкорӣ ҳам,
Варақ матои ба чашми ҳама кафанбоб аст.

Ба ёд панди падар оварад Муҳаммад боз,
Ки оби сабзгари боғи умр одоб аст.

*      *      *

Дигар чӣ метавон кард, аз кор кор бигзашт,
Поиз мири давр аст, аҳди баҳор бигзашт.

То осмон ғубор аст, олуда пешкор аст,
Ин гуна хокпошӣ беш аз шумор бигзашт.

Дар коми хоки бедон заҳр аст шаҳди борон,
Айёми сабзиши мо зору низор бигзашт.

Зори суроғ гаштем, аз ҳаҷр доғ гаштем,
Гӯё ки аҳдбандӣ дар лолазор бигзашт.

Бар дардҳо даво нест, осори мумиё нест,
Хокистаре фақат монд, оинадор бигзашт.

Сайёд пир гашта, бар худ асир гашта,
Завқи шикор монда, вақти шикор бигзашт.

Кард об дида дар роҳ, фарёди ӯ бишуд оҳ,
То мужда омад аз васл чашминтизор бигзашт.

Беҳуда мезанӣ зӯр, бингар Муҳаммад аз дур,
Дигар чӣ метавон кард, аз кор кор бигзашт.

* * *

Ҳазорон сурат аз девори ҳастӣ бенишон гардад,
Худоро мепарастам, бутпарастӣ бенишон гардад.

Нагардад кӯҳ пеши тундбоде як сари мӯ хам,
Баландиҳои аслӣ монда, пастӣ бенишон гардад.

Наметобад агарчи дар назар нақши хаёли мо,
Бимонад ранҷи зеҳнӣ, кори дастӣ бенишон гардад.

Намегирад ягон девона даргоҳи вафоро гарм,
Биёвар рӯ ба ҳушёрӣ, ки мастӣ бенишон гардад.

Барояд гап агар аз гап, кунад сад шубҳа хап аз хап,
Ниҳондории роз аз ҳамнишастӣ бенишон гардад.

Нагардад аз пайи ҳар бохта ғолиб Муҳаммад ҳам,
Шикасти мо зи дасти бешикастӣ бенишон гардад.

*   *   *

Дур афкан нигоҳи худро, дур,
Шер ҳеҷ аст пеши ҷамъи мӯр.

Хунҷигаргашта хунбаҳо гирад,
Зӯр гардад дами ғазаб нозӯр.

Мекунад фарқ кӯр низ аз ҳам
Суръати мавҷи торикиву нур.

Сози ҳастиву нестӣ бо ҳам
Бо ҳазорон ҳунар нагардад ҷӯр.

Нест аз баҳри лой хокистар,
Ҷо нагирад ба дидаҳо манфур.

Ҳаст пурзӯр иқтидори халқ,
Мех чӯб аст бар дами анбур.

Оби зам-зам намекунад ширин
Меваи нахли умри бахташ шӯр.

Бори ҳар фаҳмро набардорад
Риштаи нозуки асаб маҷбур.

Ҳарфи беҷо магӯ аз озодӣ,
Зиндагӣ чоҳу марг дорад гӯр.

* * *

Бархез, нишастан асари обила дорад,
Аз бастагӣ осор ҳамин қофила дорад.

Бе гарди ғазаб роҳи аламдоштагон нест,
Доно зи худу аз ҳама нодон гила дорад.

Сад нолаи хомӯш зи барканданаш ӯрост,
Як ҳалқа зи навмедӣ агар силсила дорад.

Бояд надиҳад мард зи каф домани номус,
Ҳарчанд умеде ҳама аз оқила дорад.

Ҳастӣ асари ҳосили он чор амал нест,
Дунёи ҳисобаш рақам аз ҳосила дорад.

Одам нашавад, он ки дар ин олами тадқиқ
Як пай ба раҳи худ агар аз роҳила дорад.

То қавми зихудрафта, Муҳаммад, ба худ ояд,
Дар сина фалак барқу замин зилзила дорад.

*   *   *

Майли мо бар дароздастӣ нест,
Ин баландӣ ҷудо зи пастӣ нест.

Васфи ғайр аз тамаъ асар дорад,
Беҳ дар ин раҳ зи худпарастӣ нест.

Зиндагӣ ҳӯшёрӣ мехоҳад,
Фарқ дар байни маргу ҳастӣ нест.

Хондам аз қиссаи зафармандон
Ҷовидон умри бешикастӣ нест.

Зери абр аст гоҳ хуршедаш,
Беғубор осмони ҳастӣ нест.

Боми қисмат агарки паст афтад,
Роҳи аз нав зиҷойҷастӣ нест.

Гар ба ғайбат забон шавад наздик,
Лаҳзае бад зи ҳамнишастӣ нест.

Сабт гашта ба номаи аъмол,
Чораи азгуноҳрастӣ нест.

*   *   *

Майли навмедии дилро ишқ барҳам мезанад,
Каҳ шавад муҳр, аз шикасте гил агар дам мезанад.

Сарбаландиро ба як ҷав ҳам нагирад эътиқод,
Қомати таъзимгар бе бор ҳам хам мезанад.

Коми ҷаҳл аз нашъаи осудагӣ бебаҳра аст,
Ҳадяҳои ҷашни ӯро дузди мотам мезанад.

Бом донад эътимоди ҷовидон деворро,
Сахт ҳам бошад, ба нармӣ хиштро нам мезанад.

Шодии дурӯза маҳрум аз нишоти зиндагист,
Он кӣ донад ин мусибат, бодаи ғам мезанад.

Аз қафас созад ба ҳар сӯ дасти нурашро дароз,
Чашм агар мижгон шавад, олам ба олам мезанад.

Ҳар қадар аз имтиҳон афтем, донотар шавем,
Мо нанолем, он кӣ моро аз худаш кам мезанад.

* * *

Сари хам қадам ниҳодан, на кам аз дароздастист,
Ки барои нотавон ҳам раҳи марг роҳи ҳастист.

Зи мусофире набинад ба раҳаш пае баландӣ,
Пас аз ин магар ки майли ҳама бар нишебу пастист?

Ҳама хеш зӯр донад, ҳама худ бузург хонад,
Ба Худо ҳақиқат аст ин, ҳама банди худпарастист.

Ба баҳор нақши барф аст, зи ҳама китоб ҳарф аст,
Ки ҳазор макру фитна ба ҷаҳони ҳамнишастист.

Сипар аст ҳӯшёрӣ паи ҳифзи мо, Муҳаммад,
Ҳама тохтан зи биму ҳама бохтан зи мастист.

* * *

Аз ҳарфҳо расанд фиғони китобҳо,
Гиранд дарси сӯхтан аз мо кабобҳо.

Бедорҳо қаламрави ҳастии худ кунед
Ҳифз аз ҳуҷуми лашкари номарди хобҳо.

Бар ҷон зада зи хомушӣ, эҷод мекунанд
Ночор бонги ҳасрати худ изтиробҳо.

Шероза гар ба сурати девори саҳфаҳост,
Кӣ медиҳад хати раҳо аз ҳабси қобҳо?

Бошад агар чу ришта хати номаи умед,
Мо муҳраем, муҳра ба ҳукми танобҳо.

Гӯянд марги аз ҳама талх интизорӣ аст,
Резад сиришки ҳаҷр зи чашми ҳисобҳо.

Мистар ба ёд оварад осори ҷӯйро,
Дар ҷӯи мистарем ҳама қатраобҳо.

Аз тоқи чашми даври худ ашки фитодаем,
Дар ҷоми роҳат аст шароби азобҳо.

То майли нури шамъи нигаҳ сӯи зулмат аст,
Бонги суол мерасад аз ин ҷавобҳо.

Дар корзори умр ҳама тирхӯрдаем,
Ҳаст ин нишони ҷангу ҳам аз иқилобҳо.

*  *  *

Хуфтабахти оламем, аз ғафлатободем мо,
Зиндамаргони ҷаҳони умрбарбодем мо.

Мактаби ободи осоиш насиби мо нашуд,
Дар ҳамон вайронадонишгоҳ устодем мо.

Дасти зӯри манфиат қуфли дари маҳбас шикаст,
Дастбӯсони гунаҳгорони озодем мо.

Синаи чоки ҳадафро тир донад роҳи бурд,
Додхоҳони хамӯши даври бедодем мо.

Гарди роҳи носипосӣ моили миҷгон нашуд,
Дар нигоҳи мардуми болонишин бодем мо.

Модари бемеҳри чашм афтодаашкашро накофт,
Як ҷигархун аз фаромушхонаи ёдем мо.

Чун чанор аз сӯхтан ранги гули хокистарем,
Шохахушки решасабзи сахтбунёдем мо.

Бо умеди як навозиш зиндагонӣ мекунем,
Хӯрдагони мушти ғам ҳастем, ношодем мо.

Ёфтан осон набошад раҳбари дилсӯзро,
Раҳрави бераҳбалад дар роҳи эҷодем мо.

Чӯбдасте килки худро карда охир хестем,
Чун Муҳаммад аз назарҳо гарчи афтодем мо.

*   *   *

Таъкиднома мерасад аз кӯйи ёдҳо:
Аз эҳтимол дорад асар эътимодҳо.

Сад бор аҳд баставу сад бор бишканананд,
Бурданд ҳиммат аз сухани эътиқодҳо.

Аз тарси шерҳо ба ҳама давр рӯбаҳон
Таъсис медиҳанд ниҳонӣ ситодҳо.

Ҳарчанд ҷамъи гарди муҳаббат ба хоки мост,
Кӯранд, лек дидаи хунмасти бодҳо.

Қурбониёни теғи забонем, хуфтаем
Дар хоки ормони замини муродҳо.

Сад пардаи хамӯшгар асту суханрабост,
Бар додрас намерасад овози додҳо.

* * *

Гӯё садои ғайб аз ин хона мерасад,
Ин даргаҳи шинос ба бегона мерасад.

Бовар ба гӯш ҳам кунӣ, аз хоб рӯй тоб,
Макр аст дар ҳақиқаташ, афсона мерасад.

Санги ҳимоят аз кафи номуси худ манеҳ,
Ин сайргоҳи куҳна ба девона мерасад.

Дар лона ҳаст меваи ҳастӣ, ба шоха нест,
Аввал ба чашми мор ҳамон лона мерасад.

Номард бехабар шиканад аҳди бастаро,
Бонги зафар зи ҳиммати мардона мерасад.

Хурд аст агарчи хасм, мадонаш кам аз бузург,
Фарёди кунда аз ғазаби фона мерасад.

Аз рӯди нафъ об бигирад замини лутф,
Мӯе зи ҳар сахо ба кафи шона мерасад.

Бори гуноҳи майзада тақсим мешавад,
Олудагии шиша ба паймона мерасад.

Аз осёби умр Муҳаммад маҷӯй ризқ,
Оби зиёду кам ба гулӯ дона мерасад.

*  *  *

Зиёнбахшон, агар сад ҷон канӣ, судат намебахшанд,
Агар сӯзиву хокистар шавӣ, дудат намебахшанд.

Пас аз дил об кардан ҳам агар ҷонат ба лаб ояд,
Ба ҳалқат қатрае аз чашмаву рӯдат намебахшанд.

Зи илмат баҳра бурда, баъди пайдо кардани фаҳмиш,
Халосӣ аз ту ҷуста, ганҷи мақсудат намебахшанд.

Ба садҳо дидаи дил бингарӣ бар носипосон ҳам,
Ба сахтӣ як нигоҳи меҳролудат намебахшанд.

Агар дасти ҳунар дорӣ, рақиби бештар дорӣ,
Нагардад то баланд оҳанги ту, удат намебахшанд.

Фақат хоҳанд мисли тори танҳо умрҳо монӣ,
Мабодо то нагардӣ рағзае, пудат намебахшанд.

Бимирӣ, достону қиссаи умри туро гӯянд,
Намирӣ, як сухан дар рӯзи мавлудат намебахшанд.

*   *   *

Аз зери хокҳову таги жарфи обҳо
Берун шаванд хайли бузурги суробҳо.

Аз бонгҳову наъраи пурсӯзашон расад:
Аз ҳад гузашт сабру зи андоза тобҳо.

Тири нахусти дида ба фарбеҳтанон зананд,
Гиранд қасди ҷисми бадарди харобҳо.

Бе хашм сӯи манзили бедорҳо раванд,
Лек афкананд дидаи нафрат ба хобҳо.

Гӯянд панд ҳам раҳи миллат дигар накард,
Оташ зананд аз ғазаби пур китобҳо.

Бар ҳар саволи мушкили даврони худ диҳанд
Он ҷонканони роҳи ҳақ осон ҷавобҳо.

Ин ҷашн ҳам зи мотамашон қисса мекунад,
Яъне гирифта ранг аз ин хун гулобҳо.

Бошад наҳанги баҳри ҳаёт ошнояшон,
Дигар намехӯранд фиреби саробҳо.

*  *  *

Гург аст ҳар суроб ба чашмони ҳелҳо,
Кам нест баҳри рӯзи мабодо далелҳо.

Борони ашк ҳам асар аз барқи чашмҳост,
Гард аст низ дидаи роҳи гуселҳо.

Чун рӯд то зи вартаи нопокҳо раҳем,
Сарҳо ба сангҳо зада, хӯрдем ғелҳо.

Бигзоштанд бар тани хокии мо нишон
Шерии бодҳову наҳангии селҳо.

Моро мазори ҳасрату андуҳ кардаанд,
Кобандагони гӯр, ки доранд белҳо.

Ин муҳраҳои сурх ҳам аз қатрахуни мост,
Дод он ба ришта номи баланди ҳамелҳо…

Инсофу адл ёр ба ҳар кас намешавад,
Тақсим кард ин ҳама моро ба хелҳо.

* * *

Кам роҳрав ба ҷодаи инсоф мондааст,
Он ёри бенасиб ба атроф мондааст.

Оинаи умед магар ҷилдпӯш буд,
Зери ғуборҳои само соф мондааст.

Гандумнамой ҳам шуда имрӯз ҷавфурӯш,
Ҳатто зи фолзан асари лоф мондааст.

Анқо кӣ дид, қиссаи симурғу Золи Зар
Ҳамчун нишони охирин аз Қоф мондааст.

Аз хӯшаҳои чидаи айёми носипос
Дони зи ёд рафтаи исроф мондааст.

Аз ҷойи хуни рехта нақши ватан маҷӯ,
Зеро ки сар ба рӯи шикам ноф мондааст.

Он ҳарфҳо, ки дар хати шеър аст чун нишон
Аз роҳи сангдори суханбоф мондааст.

Аз ҳамраҳони хеш, Муҳаммад, асо мапурс,
Кам роҳрав ба ҷодаи инсоф мондааст.

*   *   *

Аз хонаҳои дида гурезанд хобҳо,
Аз соҳилони хеш бароянд обҳо.

Хоҳанд мисли тӯдаи бандӣ раҳо шаванд
Он расмҳо зи кулфати зиндони қобҳо.

Овози оҳдор зи хумҳо расад ба гӯш,
Ҳаст ин навои пур зи гудози шаробҳо.

Хонандагони мактаби сабранд бехабар
Аз фандҳои мадрасаҳои шитобҳо.

Аз нолаҳои гурбаи дар чоҳ ғофиланд
Норозиёни шиква ба лаб аз азобҳо.

Худро ба ранги хуни ғам олуда мекунанд
Он обҳои бурда ҳасад бар гулобҳо.

Он содагони олами найранг мераванд
Бе ҳеҷ як суол ба кӯйи хитобҳо.

Дар роҳи шӯр хостан аз даст медиҳанд
Осудагии қисмати худро саробҳо.

Тадбири хушнавоии тақдири созҳост
Дар захмаҳои беғалати интихобҳо.

Дасти дарози хайр ба тӯфон надоданд,
Безор ҳар ду олам аст аз инқилобҳо.

Ҳарфи зари забони Муҳаммад қаноат аст,
Ҳаст оташи баланд аҷал бар кабобҳо.

*  *  *

Бархез, пур нишастан поро ба хоб орад,
Шохи дарахти роҳат бори азоб орад.

Ҳаргиз хазон нагардад боғаш, агарки ошиқ
Аз чашмаи дили худ як қатра об орад.

Деҳқон кунад дили хок аз баҳри донае чок,
Ҳатто гуноҳи некон бори савоб орад.

Оне, ки ном ҷӯяд, шаҳд аз калом ҷӯяд,
Дар ҷоми дида ашкаш ҷойи шароб орад.

Сайқал бақои ҳастист, осори бешикастист,
Сандон ба зарби чаккуш як умр тоб орад.

Хотир агарки бинӣ, ҳар тундхӯ чу боде
Гарди нуҳуфтаатро бар инқилоб орад.

Бе сӯхтан нагардад пайдо нишони лаззат,
Ашъори пухтаёрон ёд аз кабоб орад.

Дорам фузун Муҳаммад ҳарфу хати шикаста,
Баҳре, ки зинда бошад мавҷу ҳубоб орад.

* * *

Фарёд, даво ба дард хомӯш накард,
Ҳифз аз хатари неш маро нӯш накард.

Як бор фараҳ ёд наовард маро,
Як умр маро ғусса фаромӯш накард.

Як дида маро надиду як дасти мадад
Аз бори гарон сабук маро дӯш накард.

Оғӯш кушодаму дареғо, ки маро
Гумкардамуҳаббати ман оғӯш накард.

Дер омадӣ, эй марг, бимурдам барвақт,
Аз он ки ягон зинда маро гӯш накард…

* * *

Дар ёдгоҳ кулбаи дардошноӣ аст,
Дар бодгоҳ бозии гардошноӣ аст.

Модар, ки рафт, нур ба чашми фараҳ намонд,
Бе шамъи меҳр тиракабо рӯшноӣ аст.

Бар мо намонд ғайри насаб аз падар нишон,
Сарнақши зиндагӣ асари бебақоӣ аст.

Рафтем ҳар як аз пайи тақдиру бахти хеш,
Аз баҳри дарди худ ҳама ҷӯё давоӣ аст.

Гоҳе шавем дар раҳу дар раста рӯ ба рӯ,
Ин гуна васл дидани азраҳбароӣ аст.

Ҳар сӯ париш гаштаем, он ҷамъсози мо
Оши наҳори ҷашн, ҳам оши худоӣ аст.

Аз дур савти сози муҳаббат намерасад,
Дурии мо нишонаи машқи ҷудоӣ аст…

*   *   *

Ман аз бурун чӣ нолам, бадхоҳ дар дарун аст,
Баҳри тамаъ дарун ҳам дар хизмати бурун аст.

Резад бурун гиламро, резад дарун диламро,
Аз дасти кирми носер ин нахл сарнагун аст.

Тоҷи сарат кунад ҳам худро чу бом пиндор,
Фикри зи сар фикандан мақсуди ҳар сутун аст.

Он даргирифта ҷангал донад, ки сӯхтан чист,
Осори рӯзи хунин саҳрои лолагун аст.

Бошанд ишкаму дил ҳамранг дар раҳи нафс,
Ин маскани наҷосат, он ҷойи пур зи хун аст.

Таърих чист? Бишнав посух ту аз Муҳаммад,
Авроқи зардгашта ё тахти вожгун аст.

*  *  *

Баҳр маҳбас хонда соҳилро талотум мекунад,
Қатраҳои умраш озодиталаб гум мекунад.

Бод агар хезонад аз ҷояш ғубори хуфтаро,
Фитнагар даъват ба кӯйи марг мардум мекунад.

Пур дарун аз оби ҷонсӯз аст, хомӯшона лек
Шукри тақдиру дами ҳастии худ хум мекунад.

Сабз хоки мулки шодӣ низ аз оби ғам аст,
Чашми гирён ашки худ тухми табассум мекунад.

Ном соҳибадл мегирад ҳамон ҳоким, агар
Хишти қасри фикр аз лойи тараҳҳум мекунад.

Дар тануri нанг ҷонаш сӯхта шоҳи бузург,
Халқи худ рӯсурх мисли нони гандум мекунад.

Баъди тар гаштан, Муҳаммад, нур рангинтар шавад,
Дил аз эҳсон мардумакро ғарқи анҷум мекунад.

*  *  *

Ба абри дидагони ман зи гиря об ҳам намонд,
Анори дил фишурда шуд, гули гулоб ҳам намонд.

Напурс аз гузаштаам, чу баҳри хушкгаштаам,
Суроби мавҷҳо куҷо? Сари ҳубоб ҳам намонд.

Шароби ғам чашидаам,чӣ ранҷҳо кашидаам,
Ба ҷуз азоби мурданам дигар азоб ҳам намонд.

Зи оташи фироқи ту бисӯзад устухони ман,
Ба ҷисмам аз таби баланд умеди тоб ҳам намонд.

Тиҳӣ ҳазор ҷом шуд, майи фараҳ тамом шуд,
Барои масти васли ту дигар шароб ҳам намонд.

Фироқ ҳам намешавад висол аз камоли сабр,
Ба кӯйи сабри ишқи ман раҳи шитоб ҳам намонд.

Ба хоби ман даромадӣ, магар суроғ омадӣ?
Ба чашми чори интизор асар зи хоб ҳам намонд.

Гузашт аҳди фандҳо, замони чашмбандҳо,
Расид даври ҳукми ҳақ, пайи сароб ҳам намонд.

Муҳаммади ту пухта шуд аз оташи муҳаббатат,
Зи хундилӣ нишонае дар ин кабоб ҳам намонд.

* * *

Таҳ ба таҳ ҳама панд аст ояҳои қуръонӣ,
Роҳи ҳифзи инсон аст аз фиреби шайтонӣ.

Розро нигаҳ дорад, сад ишорараҳ дорад,
То сарои ҷовидон аз қаламрави фонӣ.

Ҷаннатӣ фақат болад, дӯзахӣ зи худ нолад,
Дорад он ба ҳар сура муждаву пушаймонӣ.

Медиҳад ба ҳар хокӣ рутбаҳои афлокӣ,
Гардро намедонад ҷодаи мусалмонӣ.

Қиссаи паямбарҳо ҷонгудоз тақдир аст,
Баҳри умматаш дилхун шуд паямбари сонӣ.

Хоҳад Ӯ ба ҳар чоҳӣ медиҳад фарри шоҳӣ,
Шуд азизи Миср охир он ғуломи қанъонӣ.

Гар талаб кунӣ имон, мушкилат шавад осон,
Ҷамъи ту раҳо гардад аз ҳама парешонӣ.

Сабз мекунад хушкат, бӯстон диҳад мушкат,
Қадри ин ҳама эҳсон пас чаро намедонӣ?

Абр баҳри ту гиряд, шамс баҳри ту хандад,
Ту чаро намегирйӣ,ту чаро нахандонӣ?

*     *     *

Ҷавон ба гиряи пурдарди пир механдад,
Алав ба нолаи ҷонсӯзи шир механдад.

Давоми қисмати пурдаҳшаташ зи хотир бурд,
Ба марги душмани худ бадзамир механдад.

Хабар надорад аз он оташе, ки раҳпой аст,
Танур хонда табақро, хамир механдад.

Ватан бигуфту ба маҳбас фитоду рафт аз ёд,
Ба ҳоли бенамаконаш асир механдад.

Ҳазор доғ нуҳуфта ба зери ҳар нақш аст,
Хамӯш муҳр ба рахти амир механдад.

Гузашт давр, ба кӯяш пайи суроғе нест,
Ба ҳоли зори худаш дастгир механдад.

Муҳаммад, оҳи ту бар гӯши ворис оҳанг аст,
Ҷавон ба гиряи пурдарди пир механдад.

*   *   *

Дилам майле ба маҳфилҳо надорад,
Чароғаш шуъла аз дилҳо надорад.

Маро фирдавс бошад кунҷи хилват,
Чунин гулгашт манзилҳо надорад.

Талошу ҷунбиши беҳуда марг аст,
Асар мавҷе ба соҳилҳо надорад.

Бигуфт афсонагӯ: «Ҷуз фанди чашмон,
Ҳадиси хоб мушкилҳо надорад…»

Сипар ҳам раҳкушо гардад ба ханҷар,
Дар он мулке, ки оқилҳо надорад.

Хӯрад сандон ҳазорон путк, аммо
Шикоят аз муқобилҳо надорад.

Муҳаммад, ҳеҷ гаҳ девори номус
Ниёзи ёрии гилҳо надорад.

* * *

Нигоҳи панҷараҳо чун нигоҳи дуздон аст,
Нишонаҳои хатар пушти пардаи сон аст.

Сиёҳ нури чароғу алови гирён сард,
Сарои айш ба танҳофитода зиндон аст.

Ҳуҷуми боду фиғони дарахти пурҳосил
Навои пураламии дарди рӯзгорон аст.

Масофа байни ду кунҷи муқобили хона,
Дарозтар ба назар аз раҳи биёбон аст.

Магар ба хоби абад рафтааст қосиди рӯз,
Шаби фироқ дароз аз шаби зимистон аст.

Шунида оҳи ҷигарсӯзи қалби танҳоро,
Ду чашм ҳамчу ду ҳамрози нек гирён аст.

Бирезад ашки дил аз абри дидагони шаб,
Ба кӯи ёди ҳама дилфигор борон аст.

Мапурс ҳоли бади интизор аз ғофил,
Ба дарди ҳаҷр фақат пайки васл дармон аст.

* * *

Зиндаи як умр ҷон биспурдаам,
Шоди дар пиндорҳо озурдаам.

Бори миннат нест аз дунон маро,
То ба манзил бори худро бурдаам.

Кистам? – Фарзанди асли кӯҳсор,
Як далелаш ҳаст санги гурдаам.

То намонам дар миёни роҳи умр,
Ҳар дами ҳастии худ бишмурдаам.

Мӯй шуд аз сӯхтан хокистарӣ,
Ёдгоре аз шарори мурдаам.

*   *   *

Ин раҳ куҷо барад? Ба саволам ҷавоб нест,
Аз по садову бонг ҳам аз изтироб нест.

Ин раҳ куҷо барад, ки ба лавҳу ба раҳхаташ
Ҳарф аз навиштаҷоту рақам аз ҳисоб нест.

Бегона то ба раставу бозор ҳоким аст,
Баҳри умеди мулк ба ҷуз аз сароб нест.

Дузд аз даме, ки рутбаи раҳзан гирифтааст,
Дар чашми марди роҳ ҳам осори хоб нест.

Дарро шикастаанд, даҳанбаста қуфл монд,
Суд аз калиду манфиат аз қуфлтоб нест.

Дасти дарозу шохи баланд аст, мева ку?
Мизроби ифтихор чӣ ҳоҷат, рубоб нест.

Азбаски имтиёз ба бадхоҳ медиҳем,
Дар мулки об ташназаминем, об нест.

Таърих ҳам намекашад оҳ аз хиёнаташ,
Олудаи гуноҳ зи мулки савоб нест.

Такрори куҳнапанд, Муҳаммад, расан ба пост,
Тарғиби сабр ҳаст, чаро аз шитоб нест?

*   *   *

Мо тӯдаем, тӯдаи бисёр содаем,
Гӯем фош он ҳама,рози кушодаем.

Аз сарҳади диле, ки ҷигар хунсарои ӯст,
Мо гоми нафс бар дари ишкам ниҳодаем.

Соҳибкитоб мову сухангӯй дигарон,
Он минбари бузурги худ аз даст додаем.

Аз меҳру эътиқод пае ҳам намондааст,
Сарсон миёни кӯчаву ҳайрон ба ҷодаем.

Аз оқилии хеш чӣ созем ифтихор,
Ҷоҳил савора аст, вале мо пиёдаем.

Дунё ба ҳукми бод фитодаст, ғофилем,
Дар сар ҳавои ишрату дар даст бодаем.

Бовар ба пеш рафтани олам намекунем,
Бузина дар либоси навинем, подаем.

*   *   *

То писанд ояд туро дил раҳмгин гардидааст,
То набинад ғайрро хилватнишин гардидааст.

Мардумакро чун нигин дар синаи худ дода ҷо,
Чашм ҳам аз хотират ангуштарин гардидааст.

Ҳарфҳои ишқро пиндошта савғои умр
Ҳар варақ аз тоб хӯрдан остин гардидааст.

Гарчи деҳқон ҳам набошам, тарҳи іспори ҳаёт
Чун хати шудгор пайдо дар ҷабин гардидааст.

Хӯшаи бахти Муҳаммад ҳам зи дони меҳри туст,
Сабз хоки ӯ зи файзи ин замин гардидааст.

*   *   *

То нома ба дасти зоғ дорем,
Бемева дарахти боғ дорем.

Пайдошударо зи даст дода,
Мо гумшударо суроғ дорем.

Аз оташи ҳасрату ғами худ
Гирён ҳама дам чароғ дорем.

Бе руҳ ба чашми мо нигоҳ аст,
Бе мардумакем, роғ дорем.

Рӯсурх ба дида гарчи тобем,
Аз лола зиёд доғ дорем.

Накҳат ҳам азони бод гаштаст,
Бечоратарин димоғ дорем.

Ҳарчанд ба базми лофзанҳо
Ҳастем хамӯш, ҷоғ дорем.

Гирем Муҳаммад аз сухан ком,
Аз шарбати худ фароғ дорем.

*   *   *

Ҳалқа бошад дидаи пӯшида дар занҷири ман,
Уқда монад нуқтаро дар риштаи тасвири ман.

Хомаам анбур бар дандони фаҳми ҳарзагӯст,
Ҳарф чашми илтиҷо гардад дами таҳрири ман.

Қиссаи меҳрам шунида нарм гардад кинадор,
Килки тадбирам кунад дигар хати тақдири ман.

Гарди хунрезӣ нахезад аз пайи сайёди дил,
Нест ғайри дидаву нураш камону тири ман.

Навҷавон дӯзад ба ҳар пири хирад чашми ҳасад,
Дег ҳам хоҳад, ки гирад рангҳо аз шири ман.

Шаҳди умр аз зарфи заҳролуди ҳастӣ мехӯрам,
Морҳо дар қасри амни хеш дорад мири ман.

Кард рӯзамро дарозии шабам кӯтаҳзабон,
Бар гиребон норасо шуд дасти домангири ман.

Ҳастии такрор ҳам такрори аз нав мурдан аст,
Бозгардӣ бар ҷавониро нахоҳад пири ман.

Зоти аслеро дигар кардан нишони адл нест,
Зар намегардад, Муҳаммад, оҳан аз иксири ман.

* * *

Гарчи роҳам бастаанд, аз садди Чин бигзаштаам,
Ҷон ба лаб бо ёрии ҷонофарин бигзаштаам.

Танг карданд он фазои ошноро ҳам агар,
Канда нақби мақсад аз зери замин бигзаштаам.

Қудрати об оварад бар саҷда сад деворро,
Мавҷи ожангам,ки боло аз ҷабин бигзаштаам.

Ин матои даҳр ҳам арзиш надорад баҳри ман,
Мисли дасти саркашам, аз остин бигзаштаам.

Хоксориҳои аз ҳад беш хокам низ бехт,
Рӯ ба болоям, зи баҳри хокшин бигзаштаам.

Таънаҳову зарбаҳои дӯсту душман яканд,
То шавам осудатар аз ону ин бигзаштаам.

Дар дили ашкам Муҳаммад оҳи тӯфон хуфтааст,
Занги номусам, зи ҷисми оҳанин бигзаштаам.

*   *   *

Интизорӣ гар зи ҳад бигзашт, тамкин бигзарад,
Рӯди нанги фикр ҳам аз соҳили чин бигзарад.

Дар ғамободи вафодорон ба уммеди фараҳ
Рӯзгори талх ҳам чун умри ширин бигзарад.

Аз раҳи гардун гузар созад агар боди сабук,
Аз раҳи дил корвони бори вазнин бигзарад.

Як навозиш метавонад як ҷаҳон дармон шавад,
Дарди марговар ҳам аз ин сурра мумкин бигзарад.

Пештар огаҳ шавад нур аз сияҳкории давр,
Аз ҷаҳон аввал ҳамон марди ҷаҳонбин бигзарад.

Бар зафар дорад Муҳаммад ҷаҳд, зеро аз шикаст
Одам аз дунё ба бахти хеш зомин бигзарад.

*  *  *

Поиз дар насими саҳар навбаҳор дошт,
Хӯчаш ҳазор хотира аз лолазор дошт.

Варточро ба хотирам овард офтоб,
Нураш ба рӯи хеш фақат ӯ нисор дошт.

Мӯйи сафед қиссаи бодоми умр гуфт,
Гулҳо ба сабзҷомааш аз барфбор дошт.

Саҳрои пур зи шабнамаш овард пеши рӯй,
Марде, ки ҷойи кишт ба як шӯразор дошт.

Дарё фақат зи олами тақлид буд дур,
Камоб буд, гиряи хомӯши зор дошт.

*   *   *

Ҳарфи меҳр аз дидагони эътибор афтодааст,
Бар сутуни мижжа хат печидамор афтодааст.

Дигар аз пайванди ҳастӣ нақшҳо ҷустан хатост,
Мардумак чун муҳрае аз кандатор афтодааст.

То саҳар гардад паси девори чашмам дузди хоб,
Кори ин бадрӯз бар шабзиндадор афтодааст.

Зиндагии марди доно фарқ кам дорад зи марг,
Хонааш гӯё ба паҳлуи мазор афтодааст.

Боми қисматро зи мулки умр мушкил ёфтан,
Баски аз он парчами номусу ор афтодааст.

Аз тани мо канда дилро боз туҳмат мезананд,
Кай худ аз худ аз сари шохаш анор афтодааст.

Бадтарин парвардаашро ишқ месозад суроғ,
Васли мо дар роҳи ҳиҷрон чашми чор афтодааст.

Сарсафедии писарро дида мегӯяд падар:
Донаи уммеди ман дар шӯразор афтодааст.

Маҳбаси танро, Муҳаммад, мурғи ҷон хонад ватан,
Шукр гӯяд, ин насиб аз Кирдигор афтодааст.

*  *  *

Ин чӣ оташ, ки аз он дуд бурун меояд,
Рӯзи маргу шаби мавлуд бурун меояд.

Оташе ҳаст, ки аз ахгару хокистари он
Тарҳи Фирдавсию Маҳмуд бурун меояд.

Хубтар сабз шавад пуштаи оташзадагон,
Аз зиён низ гаҳе суд бурун меояд.

Дар нигоҳи каси пурнанг зи ҳар хуфтағубор
Шаҳсавори раҳи мақсуд бурун меояд.

Аз камингоҳи хаёли ҳама оламсӯзон
Ҳар замон Аҳмади Масъуд бурун меояд.

Шеваи сӯзиши ҳар чӯб ба ранги дигар аст,
Сад чанор оҳ зи як уд бурун меояд.

Соҳили куҳнаи гилрехта бовар накунад,
Баъд аз ин аз ду лабаш руд бурун меояд.

Шод ҳам вориди ин хонаи дудар гардад,
Боварам ҳаст, ғамолуд бурун меояд.

Суръати чашмаи пурзӯр, Муҳаммад, тез аст,
Об аз дидаи мо зуд бурун меояд.

*   *   *

Моро ба ҳоли хештан, эй бевафо, гузор,
Дар кӯйи дардмандии дур аз даво гузор.

Боғи шинос накҳати бегонагӣ кунад,
Исботи ин далел ба боди сабо гузор.

Роҳи умед низ қадамношинос гашт,
Хубаш бирав ба ҷодаи пайдор по гузор.

Аз маскани вуҷуди ту инсоф рафтааст,
Тақдири ин гурезаат акнун ба мо гузор.

Моем баҳри меҳр, ки аз мо ҳазар кунанд
Тӯфони кинаҳову ҳуҷуми балогузор.

То сурх гашт рӯйи ту хуни ҷигар шудем,
Аз баҳри хотироти худ ин рангҳо гузор.

Аз имтиҳони сахти муҳаббат гузаштаем,
Ҳаст ин зафар шикаст барои баҳогузор.

Рӯйи ниёз бар ту наорад Муҳаммадат,
Дигар наё, ту қисмати мо бар Худо гузор.

*   *   *

Шодем, ки ҳамқисмати маҳзуншудагонем,
Рӯсурх аз онем, ки дилхуншудагонем.

Сад шукр, ки хуш навбати худро гузарондем,
Бе доғ аз ин маърака беруншудагонем.

Гирем ба зар куҳнасадафҳои муҳаббат,
Мо тоҷири бозори дигаргуншудагонем.

Ҳар дам ба ками беғами худ шукр бигӯем,
Ҳамсояи осудаи афзуншудагонем.

Бо хеш набурдаст касе аз кафане беш,
Ду дидаи берашк ба Қоруншудагонем.

Дурру гуҳари даҳр фиребанда нигор аст,
Бегона ба ҷамъияти мафтуншудагонем.

Бар гӯши пур аз ояти ҳақ гуфт Муҳаммад,
Афсона чӣ хонем, ки афсуншудагонем.

* * *

Боғи хазонрасида асар аз нумӯ надошт,
Мотам гирифта буд, ба дил орзу надошт.

Аз баргҳои рехтаи гул хулоса шуд,
Ин чеҳра дида дошту, афсӯс, рӯ надошт.

Дигар насимро ҳаваси бурданӣ набуд,
Ҳар он чи монд дар тани беранг, бӯ надошт.

Доси хазон ба пушта баробар ҳисоб кард,
Саҳро буд он саре, ки ягон тори мӯ надошт.

Бигзашт даври мартабаи боғдор низ,
Ҳатто, ки дузд майл ба дидори ӯ надошт.

Сар монда об дар бағали хоки хастаҷон,
Савту садои гӯшрас андар гулӯ надошт.

Васфи ватан бигуфт Муҳаммад мудом, лек
Ҷое касе зи қадри сухан гуфтугӯ надошт.

*   *   *

Дармон ба ҳар шикастадил аз мумиё маҷӯ,
Ҷуброни ранҷи тангнафас аз ҳаво маҷӯ.

Худхоҳи хешсӯз шуои раҳе нашуд,
Шабтоб фикри худ кунад, аз ӯ зиё маҷӯ.

Доно қадам намонда кунад сайр даҳрро,
Бар манзиле расидани сарро зи по маҷӯ.

Ними ҷаҳон шиновари баҳри ғами худ аст,
Осори шафқат аз дили даврони мо маҷӯ.

Сози шикастаем, дар осорхонаем,
Ёд аз навозишем, зи қолаб наво маҷӯ.

Дарди муҳит бигзарад аз як ба дигаре,
Аз байни қавми аҳдшикан ошно маҷӯ.

Аз мактаби ҳаёт, Муҳаммад, марост панд,
Гӯяд вафо зи турку зи румӣ сахо маҷӯ.

*   *   *

Шонаи хаёли ман бори орро донад,
Ин саманд дар умраш як саворро донад.

Ғайри гӯри ман гӯре дар диёри ҳастӣ нест,
Ин макони пурғавғо як мазорро донад.

Дар нигоҳи ӯ мижгон ёри рафта аст, ояд,
Ҳар касе. ки тақдири чашми чорро донад.

Шуълаֆо тунукзарфон марги хеш пиндоранд,
Қатъсози базми худ хас шарорро донад.

Зиштро мапурс аз ман, ҷон бароядам аз тан,
Мӯр мӯрро донад, мор морро донад.

Рӯбаҳе, ки дорад тир шерро кунад мағлуб,
Ҳар нишонзани беадл ин шикорро донад.

Зиндаро, Муҳаммадро, марг рутбаҳо додаст,
Ҷонфидо дами тири рӯзгорро донад.

*   *   *

Парад аз дида хоб, андеша чун бисёр мегардад,
Парешонҳол дар ҳар давр давлатдор мегардад.

Зи фарёди баланди мурғаки бечора фаҳмидам,
Ба гирди лонаи пурчӯҷа доим мор мегардад.

Кунад бар гурба сагро эҳтиёҷи зиндагонӣ дӯст,
Гаҳи дармондагӣ душман ба душман ёр мегардад.

Зи ҳар як ҳалқаи занҷир оҳанги фано хезад,
Ҳамон чӯбе, ки гарданбанд дорад, дор мегардад.

Зи неку бад чӣ ҷои шикваҳо, дар қолаби боғе
Зи як нам сабз ҳам нахлеву ҳам девор мегардад.

Халал ворид кунад имдод ҳам дар ҷодаи мақсад,
Даво афзун, ки шуд бемортар бемор мегардад.

Муҳаммад мешавад наздик марг аз хӯрдани бисёр,
Барои кишта оби беш ҳам озор мегардад.

*   *   *

Баски дар куҳандунё диди тоза ман дорам,
Аз ҳама манам доро, сарвати сухан дорам.

Рафтаам расад бар ёд, гум шавад зи дил фарёд,
Омадам тани урён, шукр пираҳан дорам.

Ҳар либоси нав дорад ҷунбиши ғуруролуд,
Хоксори машҳурам, ибрат аз куҳан дорам.

Он чӣ хилъаташ гӯям, зери он панаҳ ҷӯям,
Гар фурӯтар андешам, ҷисм дар кафан дорам.

Сабз сар, рухам сурх аст, аз ҳамин ду ранги худ
Дар қаламрави умрам гулшану чаман дорам.

Дар тамоми умри хеш, ман талаб накардам беш,
Худ вазираму шоҳ аст таъби ман, ватан дорам.

*   *   *

Гаҳ ба сайёҳи нафас роҳи гулӯ танг ояд,
Номҷӯ дар ҳама мушкил ба сари нанг ояд.

Базми созиш ба ягон соз надорад ҳоҷат,
Ба гӯш аз оҳи дили сӯхта оҳанг ояд.

Бошад осудагии роҳ ҳам аз хомӯшӣ,
Кунад аз мум шикоят, ба сараш санг ояд.

Тарсад аз нармдил оҳан ҳам аз ин пас шояд,
Аз нами қатраи обе ба танаш занг ояд.

Ба ҳавои ватани ростӣ бовар дорам,
Гарчи аз боғи гулаш накҳати найранг ояд.

Нест аз барқ тиҳӣ ҳар дили чун абр сиёҳ,
Ҷонгудоз аст, аз ӯ бӯи бади ҷанг ояд.

Регзор аст ҳаёт, обиладил гумном аст,
Ки аз ин дашт фақат обилапо ланг ояд.

Пурсиши ҳоли Муҳаммад набувад шарт дигар,
Бадар ин номаи беҳарф ҳам аз ранг ояд.

* * *

Зиндагӣ чист? Зи маъниш хабарҳо дорам,
Навбати сайри ду-се рӯза ба дунё дорам.

Зиндагонист умеде, ки барои асараш
Шодӣ аз ғуссаи пайваста таманно дорам.

Орзуест, расам то ба висоли амалаш
Дар ҷаҳони Мани танҳои худам Мо дорам.

Об аз дидаи ман рӯзу шабон мерезад,
Бори ғамҳои ҳама ташнаҷигарҳо дорам.

Шӯриши марди бузург аст ғаши тифлаки ман,
Дар ғубори нами пайдошуда дарё дорам.

Дар куҷо мондани ҳар як қадамам медонам,
Сари пинҳони дигар низ таги по дорам.

Зиндагӣ дидаи бедор Муҳаммад бошад,
Ки дар он хуфтани осудаи фардо дорам.

*  *  *

Як умр зи пушти сухан осуда нагаштем,
Дар машварату анҷуман осуда нагаштем.

Дил об шуду сина кабоб, аз ғами ҳар узв
Як дам, ба худо, чун бадан осуда нагаштем.

Аз пахта гирифтем чу пурнанг ба мӯ ранг,
То фахр насозад кафан, осуда нагаштем.

Урён ба ҷаҳон омада, чун ёри вафодор
Кардем ба тан пираҳан, осуда нагаштем.

Хори сари девор ҳам аз кина асар дошт,
Рафтем ба сайри чаман, осуда нагаштем.

Пайванди ҷаҳонбехабарат пора туро кард,
Аз фикри ту, хоки куҳан, осуда нагаштем.

Осоиши мо сарфи Ватан гашт, Муҳаммад,
Чун пораи ҷони Ватан осуда нагаштем.

* * *

Зиндагӣ созад мураккаб содаро,
Марди раҳгумкарда ёбад ҷодаро.

Дарди ҳастӣ сӯи пистон мебарад
Бори майли тифлаки навзодаро.

Мекунад маҷбур хезад рӯи по
Он каси аз рӯи по афтодаро.

Созад ӯ ҷуброн зи нақди ёдҳо
Ганҷи ранҷи бахти аз каф додаро.

Медиҳад омӯзгори зиндагӣ
Дарси аз гургон раҳидан подаро.

Вақти хоб аз тарси ҷон девона ҳам
Сахт мепӯшад дари бикшодаро.

Маст ҳам аз хашм мекӯбад ба санг
Шишаи бахшидаи бебодаро.

Сархамию ноумедӣ мебарад
Бар асирӣ мардуми озодаро.

Мешуморам дар қатори одамон
Ман, Муҳаммад, нақши худбинҳодаро.

* * *

Чашмро дар ашки худ тар мекунам,
Хашмро берун зи пайкар мекунам.

Хуншарикам кард сайёди замон,
Мурғаки ҷондодаро пар мекунам.

Фандҳои хӯрдаам шуд панди ман,
Баъд аз ин бар хеш бовар мекунам.

Дӯстам ранги бародар гаштааст,
Душмани худро бародар мекунам.

Кимиёи ақл имдодам кунад,
Оҳани уммеди худ зар мекунам.

Рӯй гардонанд агар чанде зи ман,
Ғам надорам, рӯ ба дафтар мекунам.

Аз ҳисоби ними ангушти қалам
Панҷ ангуштам баробар мекунам.

Ёд карда чор ёри босафо
Орзуи ҳавзи кавсар мекунам.

Дигарон фикри маҳал доранд агар,
Ман, Муҳаммад, фикри кишвар мекунам.

*   *   *

Дардро як умр дармон хонданам беҳуда нест,
Барқро ҳам нури армон хонданам беҳуда нест.

Рахна бо тири нигаҳ гарчи кунад дилро ҳасуд,
Ин ҳама чун хок борон хонданам беҳуда нест.

Гушнаи дидор дар зиндони яъс афтодаам,
Гирдаи маҳтобро нон хонданам беҳуда нест.

Дар гумони беғамонам аз ҳама осудатар,
Қиссаи ҷамъи парешон хонданам беҳуда нест.

Бинам аз гармо ба саҳрои ҳаёти худ асар,
Барфро пироҳани сон хонданам беҳуда нест.

Бо ҳама созиш кунам аз хотири тифли умед,
Гоҳ ҳайвонро ҳам инсон хонданам беҳуда нест.

Зиндагӣ ночор дарси зиракӣ омӯзадам,
Рӯбаҳеро шери майдон хонданам беҳуда нест.

Шикваҳо кардан Муҳаммад аз замон нанги ман аст,
Мушкили худро ҳам осон хонданам беҳуда нест.

*     *     *

Фарқе намебинам дигар байни баҳору тирамоҳ,
Чашми пурашк аст он яке, дигар гулӯи пур зи оҳ.

Гӯед беандешаро, як шуъла сӯзад бешаро,
Барҳам хӯрад садҳо савоб аз касрати як-ду гуноҳ.

Ҳоҷат набошад бар сухан, бе ҳарф ҳам соҳибватан
Ҷосуси мулки хешро бишносад аз тарзи нигоҳ.

Монад зи ҳар марди сафар дар ранги неку бад асар,
Дар роҳи мо роҳ аст агар, дар роҳи ту чоҳ аст,чоҳ.

Дар саҳнаи тақдири ту нақше набозад шири ту,
Ай дег, тобӣ дар нигоҳ чун мӯсафеди рӯсиёҳ.

Бе теғ хунат мекунанд, аз саф бурунат мекунанд,
Дар зиндагӣ доғе шавад боваркунии бегувоҳ.

Гарчи ҷаҳони мақсадӣ, дорои ганҷи сармадӣ,
Бар бад расад охир бадӣ, бош, ай Муҳаммад, некхоҳ.

*   *   *

Манам он оташи аз об руста,
Манам бедории аз хоб руста.

Зи тоби дигарон рӯяд агар таб,
Зи саҳрои таби ман тоб руста.

Ба мисли ахтарони пуштаи шаб
Манам аз партави маҳтоб руста.

Ҳама оворагӣ аз беқарорист,
Наям аз зоти аз симобруста.

Зи тухми он садаф номаш, ки нанг аст
Ба хокам гавҳари ноёб руста.

Муҳаммад бар дилу бар дида ҷоям,
Зи роҳи ман пайи одоб руста.

*  *  *

Беши худро аз ками худ ёфтам,
Чашмаи бахт аз нами худ ёфтам.

Гиряҳо кардам барои хандае,
Ҷашнро аз мотами худ ёфтам.

Рӯйсурхиро зи хуноби ҷигар,
Ҳам зи дардам марҳами худ ёфтам.

Теғи нангам захми дилро кард хун,
Роҳи дармон аз дами худ ёфтам.

Шаҳдрези шодии умри абад,
Аз ғами пайдарҳами худ ёфтам.

Тахти иқболи Сулаймонии хеш
Аз нигини хотами худ ёфтам.

Ҷуста аз ҳар хурдам осори бузург,
Сад ҷаҳон аз олами худ ёфтам.

Ҳар дам аз сад бор ёд оварданаш,
Чун Муҳаммад ҳамдами худ ёфтам.

*   *   *

Субҳи мо моили шом аст, аз ин бехабарем,
Офтоби лаби бом аст, аз ин бехабарем.

Баски дар оташи найранги замонем кабоб,
Пухтаи мо ҳама хом аст, аз ин бехабарем.

Пардаи дасти шикам баст раҳи шишаи дил,
Шаҳди мо заҳр ба ком аст, аз ин бехабарем.

Ҷоми пурмай ба кафу ёд зи Хайём кунем,
Ин чӣ май ҳасту чӣ ҷом аст, аз ин бехабарем.

Довар аз нафс тарафдори ғиромон гардад,
Бурди мо бурди ҳаром аст, аз ин бехабарем.

Огаҳ аз тозагари пуртамаъи доғи раҳем,
Роҳхат ҳар пайи гом аст, аз ин бехабарем.

Ҳама дар фикри таъомем, на дар фикри калом,
Он таъоме, ки калом аст, аз ин бехабарем.

Ғами садсола фурӯшем ба як лаҳза фараҳ,
Асари умр кадом аст, аз ин бехабарем.

Сари сад матлаби оянда хӯрад мансаби мо,
Нанги бад душмани ном аст, аз ин бехабарем.

Гарди аз хок ба домони фалак печида
Ҳасрати шоҳу ғулом аст, аз ин бехабарем.

Нармзоҳир барад осон дили бекинаи мо
Хасм теғе ба наём аст, аз ин бехабарем.

Мурғ саҳрои тиҳӣ бар қафаси пур нахарад,
Тир ҳар дона ба дом аст, аз ин бехабарем.

Раҳм дар синаи симурғи ҷаҳон нест дигар,
Золи мо шӯҳрати Сом аст, аз ин бехабарем.

Марг фарҷоми ҳаёт аст ҳама медонем,
Зиндагиро чӣ мақом аст, аз ин бехабарем.

*   *   *

Дар дили сози вуҷуди худ алам мепарварем,
Баҳри як оҳанг садҳо зеру бам мепарварем.

Хандаҳои лаҳзагӣ боди ғуборолуда аст,
То ба ҷо монем, гирён гашта нам мепарварем.

Гирад охир ҷои дашти кинаро саҳрои меҳр,
Бо умеди шодмонӣ тухми ғам мепарварем.

Мисли кӯдак мешавад ҳар пир пеш аз рафтанаш,
Тифли ёди рафтагонро дам ба дам мепарварем.

Рӯи осоиш намебинем дар ҳар ду ҷаҳон,
Муттаҳамро гар ба ҷои муҳтарам мепарварем.

Аз пайи мо тарҳи роҳи умр пайдо мешавад,
Аз барои нақши роҳи худ қадам мепарварем.

Ҳастии худ карда сарфи хизмати халқи Худо,
Дигаронро бешу худро лек кам мепарварем.

Меваҳои умри моро баъди мо ҷамъ оваранд,
Баски дар боғи ҷаҳон нахли қалам мепарварем.

Шоирӣ бошад Муҳаммад ҷонкании умрбод,
Зиндагию марги худро мо ба ҳам мепарварем.

* * *

Номаи хонои умр аз лавҳи чинам мерасад,
Аз саманди даргурези бахт зинам мерасад.

Дастро саркаш кунад танзими ноҷои ҳаёт
Ин ҳама аз кӯтаҳии остинам мерасад.

То ба чашми бад натобам, сар фурӯ дар худ барам,
Бар гиребон гардани болонишинам мерасад.

Об аз он созам дили худро, ки дар тақсим низ
Аз ҳамон саҳрои зори нам заминам мерасад.

Имтиёзи посро бар носипосӣ додаанд,
Дар баҳои меҳри беандоза кинам мерасад.

Илтифоти айбҷӯ ҳамранг пайдо кардан аст,
Аз сахош ангуштарини бенигинам мерасад.

Ҳар қадар фикри фалаксайрӣ кунам ҳам, дар баҳош
Гардиши дурӯза аз чархи баринам мерасад.

Ончунон печидаам кардаст дар худ зиндагӣ,
Пой ҳам аз сархамиҳо бар ҷабинам мерасад.

Ҳеҷ чиз осон Муҳаммад дастрас бар ман нашуд,
Баъди садҳо неши занбӯр ангубинам мерасад.

* * *

Зиндагонӣ фанд месозад маро,
Бо ғамаш хурсанд месозад маро.

Дар бисоташ донаи бедом нест,
Мурғаки дар банд месозад маро.

Дуди дил берун насозад бетамаъ,
Оташаш испанд месозад маро.

Шарбаташ олудаи заҳр аст, заҳр,
Талхком аз қанд месозад маро.

Қиссаи умри абад хонад, вале
Бо адам пайванд месозад маро.

Як Муҳаммад ҳастам, аммо зиндагӣ
Аз якам якчанд месозад маро.

* * *

Ба хомӯшии худ фарёд дорам,
Ҷаҳоне дар диёри ёд дорам.

Ба лабҳо хандаҳои гиряолуд,
Ғами пинҳон ба қалби шод дорам.

Ба дил дорам асар аз меҳру шафқат,
Ба сар андешаи имдод дорам.

Ба истеъфо равам ҳам, кам нагардам,
Аз он бешам, ки истеъдод дорам.

Зи сахтӣ гар ту дорӣ хори эҷод,
Зи нармӣ ман гули эҷод дорам.

Сарои ҷовидон дар ин қаламрав
Фақат ман аз қаламбунёд дорам.

Муҳаммад, номдориям зи нанг аст,
Худам донам, чӣ ранг устод дорам.

* * *

Сӯзи оташ дар вуҷуди дуд нест,
Дар зиёнолуда гарди суд нест.

Нест имкон рафтаро боз омадан,
Ёдбуд эҳёгари мавлуд нест.

Ашки дилро ҳарфи дафтар мекунем,
Нописанд аст он чи, меҳролуд нест.

Зуд бар мақсад расидан ҳам бад аст,
Ганҷи ибрат дар бисоти зуд нест.

Мерасад аз дасткӯтаҳ ҳам мадад,
Рағзагии тор ҳам бе пуд нест.

Мо ҳама амвоҷи баҳри оламем,
Мавҷро осудагӣ мавҷуд нест.

Мутрибу сози дигар хоҳад замон,
Баски даври Рӯдакию рӯд нест.

Баҳри кори худ Муҳаммад боумед,
Рӯ ба будгор оварад, ки буд нест.

* * *

Беҳуда дигар берун аз хона намегардам,
Бар худ фақат аз ин пас бегона намегардам.

Аз хеш агар монӣ, монӣ зи ҳама охир,
Дар пеши ягон шиша паймона намегардам.

Донам, ки ҳама мастӣ дорад зи паяш пастӣ,
Гирам раҳи ҳушёрӣ, мастона намегардам.

Олам ҳама ғавғо ҳаст, одам ҳама дарё ҳаст,
Бо региям озодам, дурдона намегардам.

Дар даҳр тараҳҳум нест, уммед зи мардум нест,
Дар гирди чароғе ҳам парвона намегардам.

Аз нафъи ду-се рӯза беҳ аст маро рӯза,
Афсуншудаи хешам, афсона намегардам.

Дар мазраи андеша сахт аст маро реша,
Дар хоки дигар саҳро чун дона намегардам.

*    *    *

Шодем ё ки маҳзун, моро ба мо гузоред,
Ҳастем ашк ё хун, моро ба мо гузоред.

Роҳи гузар нагиред, аз мо хабар нагиред,
Аслем ё дигаргун, моро ба мо гузоред.

Бар лофи меҳри ёрон, бар аҳди рӯзгорон,
Дигар наем мафтун, моро ба мо гузоред.

Мо фанду панд донем, пасту баланд донем,
Афсона ҳаст афсун, моро ба мо гузоред.

Олам дигар намуд аст, оташ ба дида дуд аст,
Кам ҳам ба мост афзун, моро ба мо гузоред.

Рози ғами дарунем, дур аз чарову чунем,
Пурсандагони берун, моро ба мо гузоред.

Дунё ҳазор ранг аст, моро ҷаҳони нанг аст,
Як лаҳза зери гардун моро ба мо гузоред.

Мо лавҳу хома дорем, ҷовидномa дорем,
Гӯяд Муҳаммад акнун, моро ба мо гузоред.

*   *   *

Чашм аз дидану ғам хӯрдани мо гирён аст,
Дил зи хун гаштану афсурдани мо гирён аст.

Хешро хонда гунаҳгори раҳи умр мудом,
Нафас аз ҳар дами бишмурдани мо гирён аст.

Кафад охир дили бадхоҳ зи зардоби ҳасад,
Обила аз дами озурдани мо гирён аст.

Ҳар кӣ бераҳм фишорад дили моро чу анор,
Панҷаҳояш дами афшурдани мо гирён аст.

Ба ягон тугмаи барқи худ итоат накунад,
Ишқ шамъест, ки то мурдани мо гирён аст.

Гузарад нек Муҳаммад, зи ҳаво нам резад,
Абри хомӯш дами бурдани мо гирён аст.

* * *

Ҳарфи дилро аз нигоҳ омӯхтам,
Дарди ҳастиро зи оҳ омӯхтам.

Нармдил орад дили нозук ба даст,
Бастани гул аз гиёҳ омӯхтам.

Дар биёбони фироқ афтодаам,
Ҳифзи оби ғам зи чоҳ омӯхтам.

Неку бад по мегузорад бар сарам,
Тоби хомӯшӣ зи роҳ омӯхтам.

Нур ҳам бар тирагӣ рӯ оварад,
Шабхабаргирӣ зи моҳ омӯхтам.

Шоҳ тоб орад ба ҳар гуфтори халқ,
Ман ғуломиро зи шоҳ омӯхтам.

Хирмани давр аз сабукандеша аст,
Сарнавишти дон зи коҳ омӯхтам.

Дар сарам мӯйи сияҳ боқӣ намонд,
То сабақ бар рӯсиёҳ омӯхтам.

Ҳайфи умрам, аз дабистони замон
Дарсҳои иштибоҳ омӯхтам.

Хӯрданиям шуд, Муҳаммад, худхӯрӣ,
Сад савоб аз як гуноҳ омӯхтам.

*  *  *

Раҳо кун соҳили бераҳм бандиҳои дарёро,
Замин медонад охир бегазандиҳои дарёро.

Сарашро мезанад бар сангҳо ҳар дам чу девона,
Куҷо бедард донад дардмандиҳои дарёро.

Саропо хешро обу адо кардан чӣ душвор аст,
Дили ғамдор донад мустамандиҳои дарёро.

Нагардад маскани шуҳрат баландии фиреб охир,
Набошад фарқ аз чоҳе баландиҳои дарёро.

Зи дасти пеши бар гаштам, Муҳаммад, бастаи дигар,
Писандам баъд аз ин ман нописандиҳои дарёро.

* * *

Зи абрӯҳо ҷабин бар хеш таҳдеворҳо дорад,
Сари мо чун сари девор аз мӯ хорҳо дорад.

Ба пилки меҳр ҳар касро диҳӣ ҷо, мекунад ҳифзат,
Ба худ дар шакли мижгон чашми мо ҳушёрҳо дорад.

Гудози бенишону ранҷҳои бефароғат нест,
Дарахти ишқ аз сӯзу аламҳо борҳо дорад.

Наметобад муаллақ ҳеҷ чизе дар нигоҳи ақл,
Ба ранге то замин боми фалак деворҳо дорад.

Фалак бар дидаи покизагон пири намозияст,
Зи сони абр бар худ хилъату дасторҳо дорад.

Рагу пайванди мо дар фасли сармо сахт аз он сӯзад,
Ки аз яххо лаби ҳар гӯша сармо морҳо дорад.

Ба сад дунё, Муҳаммад, хоки нанги худ намебахшем,
Ҷаҳон дар сарҳади номуси мо бедорҳо дорад.

* * *

Пайи моро ба мо пайғом карданд,
Зи оғозе хабар анҷом карданд.

Ба мо осон набошад пухта гаштан,
Калон моро ба шири хом карданд.

Раҳи бадхӯст аз маҳбас ба маҳбас,
Зи шиша бодаро дар ҷом карданд.

Ба зарби чӯб ҳам ҳоҷат набудаст,
Ба нармӣ хирсро ором карданд.

Сафедӣ шуд ба равшантинатон ёр,
Сиёҳиро насиби шом карданд.

Диламро карда пур аз хоки ғамҳо,
Мани девортанро бом карданд.

Баҳоросо намоиш дода худро,
Фиребам чун гули бодом карданд.

Наменолам зи ранҷи роҳи покам,
Ба бераҳ гарди раҳро дом карданд.

Талаб аз зиндагӣ дигар надорам.
Накӯномӣ ба ман инъом карданд.

Нахоҳам рӯзи сахти умматонро,
Маро охир Муҳаммад ном карданд.

*   *   *

Баски ноҷо қолаби даврони моро рехтанд,
Сар зи хотир рафт, аввал тарҳи поро рехтанд.

Бо чӣ обе теппаи хоки мурувват карда гил,
Тарҳрезони замон хишти мадоро рехтанд.

Зарпарастон карда ҷавлонгоҳи мо майдони заҳр,
Ранги рӯву нурҳои дидаҳоро рехтанд.

Хунхӯрон бигрифта аз хунёгарон мизробҳо,
Бо дами ханҷар зи сози мо наворо рехтанд.

Баски гандум дошт, бастанд обро бар осиёб,
Шарбати дунё ба коми марди доро рехтанд.

Гашт савганди табибон муғчаи нахли тамаъ,
Бар тани мо баъди ҷон додан даворо рехтанд.

Бевафоён аз баёзи гардани ҳамқисматӣ
Канда тори меҳр, марҷони вафоро рехтанд.

Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён дигар кай ояд бар машом,
Обрӯи тоҷиконро дар Бухоро рехтанд.

Шӯразори бахти худ беҳ буд, Муҳаммад, лек ҳайф,
Бар сарам хоки намакноошноро рехтанд.

*    *    *

Ҳарфҳои хати раҳ дидаи по медонад,
Ҳикмати ҳар қадаме роҳнамо медонад.

Ҳаст маҳруми назар ҳам сабоқомӯзи дигар,
Панди ин ҷабркаши умр асо медонад.

То набинад асари ҳарф, забон хомӯш аст,
Тирҳоро ҳадафи лол садо медонад.

Ганҷнодида дигар мешавад аз дидани ганҷ,
Об дар сангдара хеш диро медонад.

Соҳиби нола шуд аз сӯхтани беш ҷигар,
Чӯб, ки рехтадил гашт, наво медонад.

Бе насими намаки васл нафасгир шудем,
Ишқро ошиқи ранҷур даво медонад.

Тангдастӣ натавон баст Муҳаммад раҳи хайр,
Халқ ҳар як сухани нек сахо медонад.

*   *   *

Зи урён гуфтани худ шарм медорад қалам имрӯз,
Сарираш оҳ мегардад ба сина аз алам имрӯз,

Тани зебои маънӣ орзуи пираҳан дорад,
Бараҳна дида худро мехӯрад ҳар лаҳза ғам имрӯз.

Зи бас бигрифта савдои сухан ҷои саводашро,
Сӯхангӯро нишоне нест, гӯӣ, аз карам имрӯз.

Ба бори ҳарфҳои чидаи бисёру нодаркор,
Наёрад тоб дӯши дафтари пуртоб ҳам имрӯз.

Чӣ сон аз ростӣ гӯянд ҳарфе хомабардастон,
Ки пеши беқаламҳоянд мисли дол хам имрӯз.

Зи байни пургуноҳон бегунаҳро ёфтан душвор,
Сари ин риштаи печон намеёбад ҳакам имрӯз.

Нарӯяд тухми меҳру раҳм, агар сад бор созӣ нарм,
Куҷо шуд, эй Муҳаммад, аз замини давр нам имрӯз.

* * *

Дар хеш субҳи козиб осори шом дорад,
Нарм аст, лек дар дил теғе наём дорад.

Дар ҷойи дил ба сина дорад гулула бадхоҳ,
Пинҳон зи баҳри сайде сайёд дом дорад.

Бар дидаи хаёлаш гаҳ гург гӯсфанд аст,
Бо пухтагияш инсон сад фикри хом дорад.

Дониста нардбон мон, ҷои қадамзанӣ дон,
Девори соҳили макр аз об бом дорад.

Аз зидагӣ нанолем, огаҳ зи шарҳи ҳолем,
Заҳҳок мор дорад, Ҷамшед ҷом дорад.

Эй рангбози дилкаш, варточию на оташ,
Султони худфурӯзон Хуршед ном дорад.

То саркаши сухан ҳаст аспи забони инсон,
Дар сурати лабонаш бар худ лаҷом дорад.

Бар олами муҳаббат бегона ноумедист,
Бигзашт даври васлу ҳиҷрон давом дорад.

То нек ҳастӣ аз бад, парво макун Муҳаммад,
Ҳар кас ба қадри фаҳмаш ҷою мақом дорад.

*   *   *

Эй ҷуфти фарах̣, бин сари ғамҳои ту тоқ аст,
Ояндаи бемеҳрии имрӯза талоқ аст.

Имрӯз, ки аз шери висоли ту хабар нест,
Пур ҷангали тақдири ман аз гурги фироқ аст.

Аз оҳуи уммед ҳам умед намондаст,
Азбаски сари ҳар қадаме доми нифоқ аст.

Аз кинаи ту меҳри маро шиква набошад,
Ноаҳл дами нанг ба пайванд тифоқ аст.

Баргардад агар бахт, ба роҳи сафари ту
Бесуд Муҳаммад мададӣ аспи Бурoқ аст.

*   *   *

Сарчашмаи дарёи ҳақиқат ҳама фанд аст,
Бар халқ зи сад қисса як афсона писанд аст.

Тир аст ҳамон қатра, ки гӯянд ҳубобаш,
Ҳар мавҷ, ки мебинӣ, на мавҷ аст, каманд аст.

Бар зиндагиомӯз чу ҳарфи нигаҳат нест,
Ду мисраи абрӯи ту беҳ аз ҳама панд аст.

Холу мижа мурғи нигаҳамро қафасӣ кард,
Ҳар ҷой, ки мурғ аст, бараш донаву банд аст.

Аз оташи сӯзони вуҷудам хабарат нест,
Дар тобаи ишқи ту дили зор сипанд аст.

Хурмои ниҳоли қадат осон натавон чид,
Аз кӯтаҳии дасти ман ин нахл баланд аст.

Бар пойгаҳи ишқи Муҳаммад, ту макун дер,
Умре, ки насиб аст ба мо, аспи даванд аст.

* * *

Рӯҳи ман аз фикри дарди зиндагонӣ хаста аст,
Роҳи ман аз сангҳои сангдилҳо баста аст.

Умрҳо бар сози тақдири ман аз носозиям,
Торҳои нағмааш ноошно пайваста аст.

Китфҳо, дастонашонро гум ба майдон кардаанд,
Ҷисм нодаркор мисли хурмаи бедаста аст.

То занад бар нописандаш неш аз наздиктар,
Дидаи бадхоҳ чун ойинаи барҷаста аст.

Дар ҳама айём доро ҳифзгар пайдо кунад,
Ҳар ки зар дорад, зи зардоби алам вораста аст.

Во нагардад уқдае аз риштаи умрам дигар,
Тахти ангушти умед аз нохуни бишкаста аст.

Даври ҷаҳл асту Муҳаммад лофи доноӣ мазан,
Рӯ ба рӯ чун душмане ҳамсуҳбатат биншаста аст.

*  *  *

Ожанг чу мавҷ асту ду чашмам чу ҳубоб аст,
Беҳуда Нагӯянд: – Равон умр чу об аст.

Дар фасли баҳор аст талоши дили дарё,
Ҳар валвалаю шӯр дар айёми шабоб аст.

Хомӯш чу санги лаби соҳил нанишинам,
Хомӯшии худбехабарӣ марг ҳисоб аст.

Гар нестӣ сарбоз, шикаст аст насибат,
Дар ҳар қадами умр набард асту ҳироб аст.

Дар баҳри адаб сайр кунад дидаи бедор,
Ғарқ аст ба баҳри адам он дида, ки хоб аст.

Сарманзили роҳатталабон маскани мо нест,
Баски ватани нанг ба дунёи азоб аст.

Дарди дили худро ба кӣ гӯем, надонем,
Аз сӯзиши мо бохабаре ҳаст, кабоб аст.

Бозори гунаҳ гашта касод аз ту, Муҳаммад,
Ҷовид фурӯшандаи асбоби савоб аст.

*   *   *

Бодаи ғамҳои дил дар ҷоми чашмам ҷо нашуд,
Баҳр шуд лабрезу холӣ хонаи дарё нашуд.

Сорбони бахт бо худ корвони васл бурд,
Бори ҳаҷрам диду дар фикри мани шайдо нашуд.

Дар баҳои ишқ ганҷи бебаҳои умр рафт,
Гашт зардобаш насиби мо, зараш аз мо нашуд.

Донаҳои меҳру бемеҳрӣ, ки бо ҳам коштанд,
Хӯшаи армон зи кишти зиндагӣ пайдо нашуд.

Раҳравию дурандешӣ ба ҳам бегонаанд,
По ба ҷои сар нагашту сар ба ҷои по нашуд.

То дами мурдан зи сӯзи мо хабар мардум наёфт,
То ғурубаш дидаи хуршед хунполо нашуд.

Нохуни уммеду дасти нотавон шуд ҳамнишин,
Як гираҳ аз тори мақсуди Муҳаммад во нашуд.

*   *   *

Гарчи мастем, вале ҷом нигаҳ медорем,
Нанг аз хотири як ном нигаҳ медорем.

Донаи ҳиммати сайёд дили мо набарад,
Мурғи иқболи худ аз дом нигаҳ медорем.

Мирад аз дасти сияҳшиша ҳама тифлаки нур,
Субҳи уммеди худ аз шом нигаҳ медорем.

Хизмати ҳифзгарон карда чу девор мудом,
Сар ба зери қадами бом нигаҳ медорем.

Рози сарбастаи мардем, ба сад пухта будан
Хешро пеши ҳама хом нигаҳ медорем.

Баски мардум шуда безор зи ғавғои ҷаҳон,
Лаб фурӯ баста худ ором нигаҳ медорем.

То раҳи хеш надонем, Муҳаммад, ҳама умр,
Дар кафи пой ниҳон гом нигаҳ медорем.

* * *

Раҳгумзадаему раҳи мақсуд надонем,
Парвардаи селему раҳи рӯд надонем.

Чун нуқта, ки ғофил зи хати домфикан ҳаст,
Ҳар фитнаи паргори замон зуд надонем.

Аз оташи ҳар ваъда шавад гарм дили мо,
То ашк зи чашмон начакад, дуд надонем.

Додем ба гулбонги дурӯғини фараҳ гӯш,
Дарди дили ёрони ғамолуд надонем.

Бурданд ҳама сарвати мо, ҳарф нагуфтем,
Сарбози ватандор куҷо буд? – Надонем.

Фирдавсии даврем, вале бо ҳама дониш,
Дунёи фиребандаи Маҳмуд надонем.

Дар маҳбаси сахтем, агар аз пайи судем,
Дар хонаи бахтем, агар суд надонем.

Бо дидаи филона магар даҳр бубинем,
Имрӯз, Муҳаммад, караму ҷуд надонем.

*   *   *

Сад ҷон биканӣ, аз раҳи бад мор нагардад,
Чун ахтари бахт ахтари думдор нагардад.

Сад ҷӯй агар канда ба уммед барӣ об,
Як зарра мулоим дили кӯҳсор нагардад.

Танг ояд агар зиндагӣ, он лаҳза ҳаводор
Дур аз бари ту гашта, ҳаводор нагардад.

Бо бори гунаҳ аз фалак ойӣ ту нагунсор,
Шав боми сабукхок, ки девор нагардад.

То мард набинад дами ҷон кандани марде,
Аз марг наандешаду ҳушёр нагардад.

Бардор сар аз хоб, Муҳаммад, ки ба ғафлат
Бар чашми ту ҷуз мижжа хасе бор нагардад.

*  *  *

Як назар бар сӯи ман аз дур даркор асту бас.
Лутфи дармонбахш бар ранҷур даркор асту бас.

Номи номашҳур то гардад ба гирди ҳар забон,
Илтифоту ҳиммати машҳур даркор асту бас.

Соҳили мақсуди худ ҳаргиз намебинад ҳубоб,
Мавҷосо дар дили ӯ шӯр даркор асту бас.

Моҳи ман, бе ту дилам гардад сияҳ аз дасти ҳаҷр,
Баҳри равшан гаштани шаб нур даркор асту бас.

То раҳам аз хирмани ғам чашми меҳр аз ман магир,
Донаи бахти маро як мӯр даркор асту бас.

Тифлаки ишқам гузашт аз дасти бепарвоият,
Маҳди дил не, баҳри хобаш гӯр даркор аст бас.

Хотири озурда парҳез аст аз базму фараҳ,
Базмхоҳонро дили масрур даркор асту бас.

Бори нози нотавононро набардорад ҳаёт,
Рағми ин бераҳм дасти зӯр даркор асту бас.

Кай кунад аз наштари қисмат Муҳаммад шикваҳо,
То асал гардад гуле, занбӯр даркор асту бас.

*   *   *

Гарде намонд аз ашкам дар роҳи интизорӣ,
Боде намонд аз оҳам дар кӯйи ғамгусорӣ.

Ҷони ба лаб расида роҳи забони ман баст,
Дигар зи ман мапурсед ойини ҷонсупорӣ.

Санге шудам, ба фарқам борони санг омад,
Хоке шудам, ба чашмам зад хок хоксорӣ.

Ман ба умеди фардо бигаштам аз гузашта,
Бурде гаҳе набинӣ аз дасти бурдборӣ.

Дар кӯҳу пуштаи умр умрам ба сайди ӯ рафт,
Аз бешабон нафаҳмӣ ҳоли дили шикорӣ.

Аз лутфи ӯ, Муҳаммад, дар сина монд доғе,
Он сон, ки бар замине аз чашмаи баҳорӣ.

*  *  *

Ёфтем аз бурди кам-кам бешро,
Ёфтем аз байни мардум хешро.

Сад ҷафо дидем баҳри як вафо,
Нӯши мо сарчашма донад нешро.

Бо тани урён ба дунё омадем,
Мешиносад шоҳи мо дарвешро.

То пасояндон зи мо ёд оваранд,
Ёд меорем даври пешро.

Марги худро мекунад наздиктар,
Хор созад он ки дурандешро.

Хислати гург аст бар чӯпон аён,
Гирад охир хунбаҳои мешро.

Аз Муҳаммад оҳу дарди халқ пурс,
Ҳаст дилреш ошно дилрешро.

* * *

Ба ҳоли боғдорони сабукандеша мегирям,
Ба вақти кандани ҳар як ниҳол аз реша, мегирям.

Паси ҳар буттаи мижгон қатори ашкҳо дорам,
Ба шаҳр афтода беқадр ашки ман, дар беша мегирям.

Азоби гиряи садпора гаштанро зи ман пурсед,
Зи дасти сангдилҳо ҳар замон чун шиша мегирям.

Худойӣ карда яғмогар диҳад халқу Худоро фанд,
Чу чӯби зери деги ин «саховатпеша» мегирям.

Муҳаммад меҳри Ширини ҳаёти мо ба Хусравҳост,
Барои заҳмати Фарҳодҳо чун теша мегирям.

*  *  *

Субҳ аз ашки башабрехта шабнам дорад,
Ҳар ки дидаст асари бахти сияҳ, ғам дорад.

Аз ғами умри равон бар лаби дарёи дилам,
Соҳили сина ба зону зада мотам дорад.

Шарафи зот чу санг аст ба ойинаи кибр,
Токи бе баргу самар низ сари хам дорад.

Сари сад мардуми нодор хӯрад як доро,
Узви бисёр ба ханҷар чӣ кунад, дам дорад.

Ба дари шаъни касе панҷаи туҳмат назанад,
Агар одам зи атокардаи худ рам дорад.

Аз ҷаҳонгардии Тай нест нишоне ба ҷаҳон,
Нақши ҷовидаш аз он аст, ки Ҳотам дорад.

Носипосии намакхӯрда малулам накунад,
Хоки пуршӯр, Муҳаммад, самари кам дорад.

* * *

Зи шӯре ёр ҳам бегона гардад, ёр мемонад,
Зи баъди сел дарё боз соҳилдор мемонад.

Ҷавонмардӣ кунад аҳли назарро дур аз ранҷиш,
Табиби нек по бар хонаи бемор мемонад.

Барои одамӣ ҳар рӯзи мушкил имтиҳон бошад,
Дар ин мотамсаро хурсанд не, ғамдор мемонад.

Ватан бозори ҳастӣ асту молаш нақди ҷон хоҳад,
Ҳама арзонхаронаш рафта, ин бозор мемонад.

Асалхоҳон ватанро баҳри гулзораш нигаҳ доранд,
Хазон ояд агар, бесоҳиб ин гулзор мемонад.

Бихонам аз хати чини ғарибони парешонҳол,
Миёни хонаи мо дигаре девор мемонад.

Ҳама паҳну парешонем, то бадхоҳи хешонем,
Ба роҳи ҳифзгарҳо дидаи мо чор мемонад.

Тиҳидаст аз ҷаҳон рӯзе равем, аз ганҷ суде нест,
Ба рӯи гӯри мо санге аз ин кӯҳсор мемонад.

Муҳаммад, ҷодаи эҷод маргу зиндагӣ дорад,
Вале мардум баҳо бар шоираш як бор мемонад.

*   *   *

Аз муҳити хеш то худро бурун овардаам,
Аз диёри дил ба мулки дида хун овардаам.

Шуд сари ангуштҳоям сурх мисли арғувон,
То ба базме нағмаҳои арғунун овардаам.

Додаанд илҳоми фарҳодӣ маро ширинвашон,
Санги маъниро зи кӯҳи Бесутун овардаам.

Дидаам доғи хазону сардии сармои умр,
Рӯй то бар пуштаҳои лолагун овардаам.

То нагардад сард чун гӯре танӯри зиндагӣ,
Ахгар аз чашм, оташ аз сӯзи дарун овардаам.

Ҳарфҳоямро, Муҳаммад, рағми раҳзанҳои ақл
Рӯи дафтар ҳамчу чашми раҳнамун овардаам.

* * *

Чун хоки мулоим дами озор надорам,
Аз сангдилон дураму кӯҳсор надорам.

Азбаски набарди ғами ишқ аст дигар ранг,
Парчам ба ҷуз аз дидаи хунбор надорам.

Танҳояму бин бенамакиро, ки чу хуршед
Сӯзам зи ғами оламу ғамхор надорам.

Чун найча шавам пеши ҷигарпора кушода,
Ман риштаи пайванду гираҳдор надорам.

Бе хор гуле нест, бигӯянд, вале ҳаст,
Дилсӯхта чун лолааму хор надорам.

Ман боми умеди ҳама чун боми сипеҳрам,
Эй мӯш, макун гӯш, ки девор надорам.

Гирад ҳама аз карда мукофот, Муҳаммад,
«Ман бар баду неки дигарон кор надорам».

*  *  *

Зи як фарёд гардад кабк бар тақдири худ зомин,
Хамӯшӣ лолро дорад зи пайкони нигаҳ эмин.

Ғазаболуд хонад аз хати чин вожаи бахшиш,
Барад бар маскани осудаҳолӣ ҷодаи тамкин.

Хиёнаткарда мехоҳад ба зар шӯяд гуноҳашро,
Нашӯяд оби тилло ҳам ғубори чеҳраи пурчин.

Хати бишкастаи ойина чини чашмандоз аст,
Гуноҳи дигаре гоҳе шавад бори тамошобин.

Бишуд бечорае маҳбаснишин аз дасти бераҳме,
Худо гирад зи бадкирдор рӯзе қасди ҳар мискин.

Мукофоти амал аз ҳад фузун тасдиқгар дорад,
Зи ҳар сӯ дар ҷавоби як дуо ояд ҳазор омин.

Майи девонагӣ дорад ба ҷомаш хоби роҳат низ,
Гирифтораш шуморад сангро бар зери сар болин.

Гули доғе, ки дар чашм аст агар, аз гулшани ҳастист,
Муҳаммад, медиҳад моро ҷаҳони фанд ҳам таскин.

*  *  *

Ҷон ба сад ранҷ ба тан баста шавад,
Тани беҷон ба кафан баста шавад.

Баҳри оне, ки хиёнаткор аст,
Дари бебанди ватан баста шавад.

Ба замини дили бадбахти диёр,
Гарди бахтовари ман баста шавад.

Дили пуробу лаби хомӯшам,
Машки пуроб даҳанбаста шавад.

Бастани роҳи Муҳаммад зӯр аст,
К-он ба девори сухан баста шавад.

*   *   *

Хати шамшер зи ҷавшан наравад,
Пайи кафшер зи оҳан наравад.

Хуни ноф аст нахустин парчам,
Ин алам аз кафи меҳан наравад.

Сияҳӣ меравад аз синаи дег,
Лек нур аз дили равшан наравад.

Завқи идрок насиби ҳама нест,
Зоғ бар ҷониби гулшан наравад.

Як хато доғи тамоми умр аст,
Пеши Таҳмина Таҳамтан наравад.

Гар равад ёр, Муҳаммад зи барам,
Сояи ман зи бари ман наравад.

*   *   *

Оқил зи мағзи қатраи ашкаш гуҳар гирифт,
Аз хоктӯдаи ғамаш озурда зар гирифт.

Бар беди боғи умр нигоҳи уммед дӯхт,
Ошиқ зи шӯразор ҳам охир самар гирифт.

Дилро раҳи хаёли ту бар кӯи ғам барад,
Қасди дили аламзада бояд зи сар гирифт.

Хоҳӣ давоми қисмати ҷовиди пур зи нур,
Бояд зи чашми тори шаб ашки саҳар гирифт.

Аз кӯҳи пур зи ганҷ, Муҳаммад, наҷуст ганҷ,
Лаъли муроди умри абад аз ҷигар гирифт.

*  *  *

Фидойии раҳи тақдир гаштам,
Ба айёми ҷавонӣ пир гаштам.

Ба сар поям расид аз печ хӯрдан,
Ба заҳмат ҳалқаи занҷир гаштам.

Баланд аз қадри шири модарам нест,
Аз ин рӯ бар сари худ шир гаштам.

Шавад то оҳани мақсад ҳама зар,
Шудам обу адо, иксир гаштам.

Ба ҷои айби мардум дида айбам,
Зи худ мардона домангир гаштам.

Зи хомушӣ шуд охир нолаистон,
Ҳадафро дида захмин, тир гаштам.

Зи умри чандрӯза ном ҷуста,
Ба мулки нангдорон мир гаштам.

Ба оҳ омехта ашкам, Муҳаммад,
Ба тасвири сухан таъсир гаштам.

*    *    *

Лофи донойи̅ мазан, имрӯз даври лоф нест,
Сел омад, шишарангиҳои оби соф нест.

Дасти худ аз хӯшаи иқбол мешӯям чу хок,
Дар кафи мардум нишони донаи инсоф нест.

Тифлпартоён ба вақти хоб ҳам нороҳатанд,
Дар хаёли Сом ғайри Золу кӯҳи Қоф нест.

Табли шодӣ мезанад рӯзи ғамат Афросиёб,
Нестӣ авлоди Рустам, дар ту истикноф нест.

Фарқи байни неку бадро ҳам намедонем хуб,
Ҳеҷ кас монанди мо афтода дар аъроф нест.

Ҳаст хунпайванд дар дунё муқаддас аз ҳама,
Нест бахри мо Ватан, он ҷо, ки хуни ноф нест.

Аз куҳансолон биомӯзем дарси эҳтиёт,
Зиндагонӣ марг дорад, бадтар аз исроф нест.

Худнамоиҳо, Муҳаммад, душман афзун мекунад,
Хилватат беҳтар, ки суд аз дидани атроф нест.

*   *   *

Номи мо аз нанг пайдо мешавад,
Нақши мо аз санг пайдо мешавад.

Пайки умри мо ба чашми хатшинос
Аз хати ожанг пайдо мешавад.

Сози дил ҳастему аз ҳар тори мо
Ҷавҳари оҳанг пайдо мешавад.

Ворили шоҳи суханро аз қалам
Пояи авранг пайдо мешавад.

Аз ғубори бахт моро шиква нест,
Баҳри оҳан занг пайдо мешавад.

Пурсахоем, аз саховат дурро
Дидаҳои танг пайдо мешавад.

Дар пайи ҳифзи баҳори қисматем,
Лола ҳам аз ҷанг пайдо мешавад.

Баъди хун гаштан, Муҳаммад пеши рӯ
Ҷилваи сад ранг пайдо мешавад.

*   *   *

Субҳро чарх дар оғӯш нигаҳ натвон дошт,
Пайкари сарди кафанпӯш нигаҳ натвон дошт.

Хурдро ҳам нашавад такягаҳи умр бузург,
Барфро кӯҳ сари дӯш нигаҳ натвон дошт.

Нест охир ба сари нафси бад андешаи марг,
Неш ҳам пеши раҳи нӯш нигаҳ натвон дошт.

Баски пурғайратию шердилӣ доди худост,
Пеши як гурбача сад муш нигаҳ натвон дошт.

Ҷои дон хонаву аз коҳ, вале майдон аст,
Хирмани ҳарфи забон гӯш нигаҳ натвон дошт.

Сар бурун оварад аз маҳбаси ғам пухтаниҳод,
Ҳамлаи об дами ҷӯш нигаҳ натвон дошт.

Мо ҳамон обуадогаштаи дар маҳкамаем,
Баҳрро лаҳзае хомӯш нигаҳ натвон дошт.

Аз ғами халқ Муҳаммад, ки парешон шудааст,
Баъд аз ин дар сари худ ҳуш нигаҳ натвон дошт.

* * *

Одамиро фикри дунёӣ ҷаҳонбин мекунад,
Зиндагӣ талх аст, онро марг ширин мекунад.

Рӯзгор охир чу деҳқоне ба испори хаёл,
Пуштаи пешонии моро пур аз чин мекунад.

Мардро созад гузашти умр неку хайрхоҳ,
Ҳар ҷавонеро бубинад, пир омин мекунад.

Рангбозии ҷаҳонро дида ошиқ бо умед,
Хонаи дилро зи хуни меҳр рангин мекунад.

Бар хуморӣ нарм метобад дуруштиҳои ёр,
Сангро сар вақти хоби ноз болин мекунад.

Ғайрати чобуксавори ту, Муҳаммад, оқибат
Аспи гарданнофарори бахтро зин мекунад.

* * *

Аз чоҳи ноумедӣ имдод мебарорад,
Маҳбусро зи маҳбас озод мебарорад.

Оташ, ки гашт хомӯш, шуд сӯз ҳам фаромӯш,
Шодӣ ғами куҳанро аз ёд мебарорад.

Дасти ҳунар тавоност, аз ҳеҷ ҳар чи пайдост,
Аз мағзи ҷони оҳан фӯлод мебарорад.

Доро ҳисоби кораш бе обу барқ ёбад,
Ҷуброни осёбаш аз бод мебарорад.

Серӣ фақат бигирад пеши ҳуҷуми ғавғо,
Най аз тиҳидарунӣ фарёд мебарорад.

Бар нанги нафратолуд шуҳрат наоварад суд,
Номи бахуннавишта сайёд мебарорад.

Дар марги ҳар мароме хоб аст интиқоме,
Ҷон аз тани худ охир бедод мебарорад.

Тақдирҳо гуногун, тасвирҳо гуногун,
Ҳар давр баҳри нақшаш Беҳзод мебарорад.

Болоравӣ гарон аст, устод нардбон аст,
Шогирдро ба ин бом устод мебарорад.

Оғози субҳи шоир бошад Муҳаммад аз шом,
Моро ба арсаи ном эҷод мебарорад.

*   *   *

Зи ҷунбиш даст ҳаргиз такягоҳи сар намегардад,
Ҳамон боле, ки ҷон дорад, ба болин пар намегардад.

Зи узве узви дигар нанг медонад мадад ҷӯяд,
Ҷигар ҳарчанд ҳам сӯзад, ба дил чокар намегардад.

Ба баҳри туҳмати дунё фитад ҳам покро ғам нест,
Матои об бар моҳӣ қабои тар намегардад.

Набошад нияти меҳмон барои мизбон маълум,
Гуноҳи хома бори гардани дафтар намегардад.

Фурӯшад он ки ғамхораш, тиҳидастӣ шавад ёраш,
Дарахти ноҷавонмардӣ самаровар намегардад.

Бародар метавон гаштан, баробар гаштан осон нест,
Ҷаҳони бемураббаъро дарозӣ бар намегардад.

Тунукзарфон бақои сӯзи ширинро намедонанд,
Зи як хирман варақ ҳосил ду каф ахгар намегардад.

Муҳаммад, роҳи бурди бозии даврон дигар гаштаст,
Зи пушти ҳақталошӣ баъд аз ин довар намегардад.

*   *   *

Корвон мегузарад, роҳ ба ҷо мемонад,
Умри мо мегузарад, некии мо мемонад.

Ошиқ аз дарду ғами хеш шикоят накунад,
Бевафо меравbooду меҳру вафо мемонад.

Дил ба ҳар гавҳари носуфта набандам чу садаф,
Дар дил аз ёри дурушт обилаҳо мемонад.

Ахтаронро, ки фалак дар дили худ ҷо додаст,
То саҳар дар бағали нуру зиё мемонад.

Бахшад овоз навозандаи мумтоз ба лол,
Тор нохун, ки набинад, зи наво мемонад.

Ёри имдодгар аз ёди Муҳаммад наравад,
Чашм дар рӯи кафи мижжаи мо мемонад.

*   *   *

Кӯҳи фароҳатро фиканад сели ғам охир,
Ҳарчанд бузургӣ, кашадат хок дам охир.

Бар беаламе бор шавад дарди аламдор,
Шуд ҳар алами дил ба кафи мо алам охир.

Гар ҷуст яке нақши адам аз раҳи ҳастӣ,
Ҷӯяд дигаре ҳастии худ аз адам охир.

Доранд ҳама қадри тавон ҳифзгари хеш,
Осуда басар аз мижаойӣ ба ҳам охир.

Осудагии мо ҳама аз дурии мо ҳаст,
Азми сафари дур кунад хасм кам охир.

Сарпастии мо гум нашуд аз тахт нишастан,
Токему хӯрем аз сари сад шох хам охир.

Аз сӯзи дарун хушк шавад чашми Муҳаммад,
Дар дидаи хуршед кӣ дидаст нам охир.

*   *   *

Хоки кӯи бахтам, аз сели ҳаводис растаам,
Қисматамро бо замини зиндагӣ пайвастаам.

Умрҳо чашми муҳаббат шикваҳо аз ман накард,
Ҳамчу мижгон роҳи чашмони хиёнат бастаам.

Хешро хӯрдам, нахӯрдам лек ҳаққи дигарон,
Бар шикам чун осиё санги қаноат бастаам.

Кина мисли об агар хоки диламро бишканад,
Меҳр мӯмиё шавад бар ин дили бишкастаам.

Шеър мегӯям Муҳаммад баҳри иқболу фараҳ,
Бошад аз ғамҳои инсон рӯҳу ҷони хастаам.

* * *

Аён шуд, дар либоси дӯст ҳам душман хатарнок аст,
Қабои шуъларо пӯшидани равған хатарнок аст.

Зи дасти кӯтаҳ аст эмин гиребон, лек огаҳам,
Пайи шармандаи дунё шудан доман хатарнок аст.

Зи дарди бад бисоти ботини худ ҳифз бояд кард,
Ки баҳри пайкари пурзахм пероҳан хатарнок аст.

Бипӯшам бо матои чашмсерӣ гушначисмамро,
Хатои як бадомафтода бар меҳан хатарнок аст.

Танад дар хонаи беэътиборон тортан тораш,
Адӯ ҳаст оби зангновар, ки бар оҳан хатарнок аст.

Зиёбахшандаро ҳар тиработин хасм пиндорад,
Ба чашми хуфтадилҳо хонаи равшан хатарнок аст.

Насибам ҷои охир шуд ба саф аз ҳурмати мардум,
Муҳаммад, барқи давр аввал ба ҷони ман хатарнок аст.

* * *

Ғазаболуд ҳам меҳри ниҳон дар кинааш дорад,
Ҳавои дӯстӣ бар душмани деринааш дорад.

Намехоҳад, ки бад ҳам рахт бандад аз сарои нек,
Ғубор уммеди мондан бар дари оинааш дорад.

Гираҳ бо он ҳама сарбастагӣ розист аз тақдир,
Ғами садҳо ҷудо аз риштаро дар синааш дорад.

Надорад хоби роҳат дар бисоташ дидаи доро,
Ба пиндораш, ки чашми аждаҳо ганҷинааш дорад.

Саг аз шабҳои тору ҳамлаи гургаш хабардор аст,
Нигаҳ аз баҳри рӯзи сахти худ гургинааш дорад.

Намоз орад парешонбудагонро ҷамъ дар масҷид,
Тасаллинома ҳар тақвим дар одинааш дорад.

Муҳаммад, неку бад дар ёди шоҳид то абад монад,
Ҳаёт осори пинҳони қадам дар зинааш дорад.

*  *  *

Чарх мегардад ба гирди тири худ,
Ҳар кӣ бошад дар ғами тақдири худ.

Узвҳо бошанд агар хизматгарон,
Тан бувад дар олами худ мири худ.

Рӯй гардонанд аз ӯ дигарон,
Рӯй гардонад касе аз пири худ.

Роз гуфтан ҳам ба покон хуб нест,
Гашт сархӯр хомаро тасвири худ.

Хӯрдагирӣ баҳри ман бегона аст,
Умрҳоям дар пайи таҳрири худ.

Неку бад аз дасти худ бар мо расад,
Чун Муҳаммад бош домангири худ.

* * *

Дар қалби бемурувват аз ғам асар набошад,
Дар мурдахок ҳаргиз нақши самар набошад.

Созам матои дилро ман парчами муҳаббат,
Фахри диёри ошиқ ҷуз ин дигар набошад.

Ҳар лаҳза шӯру тӯфон, ҳар лаҳза кандани ҷон,
Дарёи зиндагонӣ осонгузар набошад.

Ҳар як сухан чу тир аст, озод ҳам асир аст,
Дар суҳбате, ки онҷо аҳли назар набошад.

Дастат ба пеши бар гир, аз душманат хабар гир,
Раҳгири ханҷари ту ҷуз ин сипар набошад.

Шуд хок соҳиби нам аз ашкрезии абр,
Бе об гаштани дил як чашми тар набошад.

Бошад дари ҳама дил бар марди нек манзил,
Бар рӯи ғамгусорон пӯшида дар набошад.

Бар кӯи некномӣ бошад равон Муҳаммад,
Дар роҳи ин мусофир нақши хатар набошад.

* * *

Зи роҳаш нафси бад берун нагардад,
Ғизои комҷӯён хун нагардад.

Зи қолаб тан агар берун бароял,
Дигар чун асли худ мавзун нагардад.

Гиреҳ вақте ки шуд сарсахту саркаш
Зафар дар сарҳади нохун нагардад.

Насим аз гард доман пур насозад,
Ғами покизагон афзун нагардад.

Ба ҳусни зиндагонии саробӣ
Дили пуроби ман мафтун нагардад.

Ба боми мақсади марди суханвар
Қалам ҳам баъд аз ин устун нагардад.

Муҳаммад, қуввати сарчашма дигар,
Ки чандин сел як Ҷайҳун нагардад.

*   *   *

Оҳани рӯи оташам, занг ба ман намерасад.
Ҳомии сулҳи худ манам, ҷанг ба ман намерасад.

Маргу ҳаёти ман бувад дар кафи Вахшу Панҷи ман,
Ғарқа бо оби кишварам, Ганг ба ман намерасад.

Пир нагашта мехӯрам сурати ар-аре талаб,
Қомати чангам орзуст, чанг ба ман намерасад.

Қиссаи пурғами дилам об дили қалам кунад,
Лек чи сон нависамаш, ранг ба ман намерасад.

Сарвати ифтихори ман меравад аз диёри ман,
Лаъл хаёлу хоб ҳаст, санг ба ман намерасад.

Гӯш ба панди дигарам, додаи фанди дигарам,
Дар дами банди дигарам, нанг ба ман намерасад.

* * *

Шуълаи оҳи шаби тори маро ёд оваред,
Ормони ҳасратосори маро ёд оваред.

Ганҷи маънӣ беҳисоб асту харидорон каманд,
Қиссаи гармии бозори маро ёд оваред.

Баски даври посдории намак бигзаштааст,
Чашми бар дидорҳо зори маро ёд оваред.

Сӯзиши ҷонам нишон аз дардҳои зиндагист,
Ҳастии дилгири бемори маро ёд оваред.

Бо ҳама пӯшидагӣ қоби ҳазорон аксҳост,
Дидаи то рӯз бедори маро ёд оваред.

Пушти деворе ҷаҳони орзу мепарварам,
Бомбардории девори маро ёд оваред.

Марзи номусам ба дӯши хеш дорад бори кӯҳ,
Ростии қомати ори маро ёд оваред.

Ашк мерезам гаҳи бурди далерони ватан,
Шодмониҳои ғамдори маро ёд оваред.

Чист ойини ватандорӣ? Муҳаммад дар ҷавоб
Гуфт: – Дар ин боб ашъори маро ёд оваред.

*  *  *

Оҳи ман дорад ба худ оҳангҳо,
Нола дорам дар лаб аз лабчангҳо.

Ё ки чун сайди ба дом афтодаам,
Ё шарори хуфтаам дар сангҳо.

Ғарқи оби чашмаму хуни ҷигар,
Тарҳи ман пайдо шавад аз рангҳо.

Дорад осоре ҳама, рӯшантар аст
Дар замини нарм нақши лангҳо.

Қиссаҳои рӯзгори пурғаманд
Дар варақҳои ҷабин ожангҳо.

Норасоиҳои худ ҷуброн кунанд
Аз кушодии шикам дилтангҳо.

Оҳанинҷон низ бошад дар ҳарос,
Дорад оби зиштхоҳон зангҳо.

Сулҳро хонанд доруи ҳаёт,
Қавмҳои дида доғ аз ҷангҳо.

Ҳастии шоир зи пастӣ орӣ аст,
Номи ту дорад Муҳаммад нангҳо.

*   *   *

Як ҳарфи баҷо дар рақами дида надорем,
Эъҷози сухан дар қалами дида надорем.

Наздик, ки дидем ба ҷое нарасидем,
Дур аз мижаи худ қадами дида надорем.

Шуд мардумак об аз алами мардуми бенанг,
Ёрони муқими ҳарами дида надорем.

Бемеҳр шавад тифли ҷудогашта зи модар,
Ашки бари рӯем, ғами дида надорем.

Дил чок намудан амали теғи нигаҳ нест,
Кундем, ки тезӣ ба дами дида надорем.

Даврони хуши рӯшанӣ аз дидаи мо рафт,
Ҳайфо, ки ба ҷуз нури ками дида надорем.

Бефарқ назар карда ба неку бади олам,
Имрӯз, Муҳаммад, ҳаками дида надорем.

* * *

Дур мегардем аз ҳам, дуртар,
Беш худро гирад аз кам дуртар.

Бори ҳамдардӣ гарон бардоштан,
Гардад охир шодӣ аз ғам дуртар.

Қудрати таъсири рангоранг низ
Ҷашнро созад зи мотам дуртар.

Бом ҳам дорад нигаҳ деворро
Ҳамчу поси хизмат аз нам дуртар.

Рост асли худ намесозад ниҳон,
Ин ҳақиқат ҳаст аз хам дуртар.

Фарқи моро марг барҳам мезанад,
Дардро созад зи марҳам дуртар.

Дидаи беэътиборӣ мекунад
Оламамро ҳам зи олам дуртар.

Зиндагӣ машқи ҷудоӣ будааст,
Созад одамро зи одам дуртар.

Аз Муҳаммад ҳам кунад наздикро
Гардиши айём ҳар дам дуртар.

*    *    *

Баҳри номи нек бурдан омадам,
Ҳосили умрам шумурдан омадам.

Сар ниҳам бар ҷонамози меҳру ишқ,
Сар, ки дорам, сар супурдан омадам.

Ғам надорам аз фишори зиндагӣ,
Хешро баҳри фишурдан омадам.

Дида дар сарҳо ба ҷои мағз мӯй,
Ман ба умеди сутурдан омадам.

Аз хазон ҷӯям нишони навбаҳор,
Рағми айёми фусурдан омадам.

Рӯзу шаб ҷон канданам беҳуда нест,
Ман ба дунё баҳри мурдан омадам.

*    *    *

Дар чашми маст тобад ҷоми шаробдорам,
Побанди нафс бинад ашки кабобдорам.

Печидатар зи ман нест, бе риштае бадан нест,
Осон намешавад боз ин банди тобдорам.

То субҳдам нишинам, то рӯзи нек бинам,
Миҷгон бувад чу болин бар чашми хобдорам.

Умрам пайи самар шуд, эҷоди ман асар шуд,
Донам навишта ранҷам як-як ҳисобдорам.

Аз фикри ҳоли мардум гаштам зи ёди худ гум,
Бахшад ҷаҳони роҳат ҷони азобдорам.

Бар оламу бар одам, сӯи зиёду ҳам кам,
Ҳайратнигоҳи ман ҳаст оби ҳубобдорам.

Шодам Муҳаммад аз он, бахшад ба ташнагон ҷон
Ҳарфони қатрарангу ашъори обдорам.

*   *   *

Фахр аз як ҷумласозӣ мекунем,
Ифтихор аз устозӣ мекунем.

Ҳар нишеби умрро чун худфиреб,
Мо баробар бо фарозӣ мекунем.

Бехабар аз олами сангин чу мум
Паст қадри худгудозӣ мекунем.

Пеши ёрони ҷигарҳо рехта,
Чашмпӯшон найнавозӣ мекунем.

Бе таҳорат ҳам барои фанди халқ
Саҷда дар ҷои намозӣ мекунем.

Қадри як бурд аст аз сад гурд беш,
Баҳри нафъе турктозӣ мекунем.

Сарбаландиро мақоми дигар аст,
Мо фақат гардандарозӣ мекунем.

Хуфтаем имрӯз ҳам дар гӯши фил,
Панд маънии маҷозӣ мекунем.

Зиндагӣ шер асту мо аз ғофилӣ
Бо думаш беҳуда бозӣ мекунем.

*   *   *

Дар раҳи кӯи тамаъҷӯён пае аз нанг нест,
Аз сахои об бар оҳан асар ҷуз занг нест.

Ҳаст агар сад пардаи хомӯш дар сози вуҷуд,
То набошад ҳиммати дасти ҳунар, оҳанг нест.

Санг дар хумдони оташ афтад, оҳак мешавад,
Хоки сахтидидагон бошад мулоим, санг нест.

Лашкари нури нигаҳ монад биёбонмондаро,
Чашмҳои шишасуратро тарӣ дар ранг нест.

Мекунад пайдо ҳама мавҷуди олам ҷуфти хеш,
Дар бисоти дилкушодон дидаҳои танг нест.

Зиндадаргӯрӣ ҳазорон бор мушкилтар зи марг,
Сулҳи бадбахтон ҳуҷуме дорад, он дар ҷанг нест.

Ҳаст мавҷ аз саргузашти баҳри ҳастӣ бехабар,
Бозгӯи ҷодаи қисмат хати ожанг нест.

Хишти ихлоси Муҳаммад бошад аз хоки вафо,
Хонаи меҳри дили ӯро дари найранг нест.

*   *   *

Берун аз рози дарун огоҳ нест,
Хуб аз ҳоли забун огоҳ нест.

Дидагирён гар туӣ, дилхун манам,
Ашк аз асрори хун огоҳ нест.

Дасти дарпастифитода кӯтаҳ аст,
Сарбаланд аз сарнагун огоҳ нест.

Хасм хасро мекунад рӯпӯши чоҳ,
Аҳли дин аз аҳли дун огоҳ нест.

Пешгӯи давр хонад хешро,
Он ки аз ҳоли кунун огоҳ нест.

Дидане аз сад шунидан беҳтар аст,
Кам, Муҳаммад, аз фузун огоҳ нест.

*   *   *

Муҳаббатпеша сӯзи ишқу тоби сабр медонад,
Кашидаст он ки бори ҷабр, ранҷи ҷабр медонад.

Азоби сабзгаштанҳо зи санҷишҳо гузаштанҳост,
Раҳи ҳифзи самарро шохаи истабр медонад.

Баҳои ашкҳояшро, ки меноманд боронаш
Дили дардошнову дидаҳои абр медонад.

Рақиб аз тарс донад хубтар аз худ ҳарифашро,
Чаро шер аст шоҳи беша, гургу бабр медонад.

Намегардад зафар бе лутфу ёрии илоҳӣ ёр,
Худо қадри мусулмонаш баланд аз габр медонад.

Ба ҳоли мурдагон хандиданашро гиря пиндорам,
Чи пурсиш мешавад моро, Муҳаммад, қабр медонад.

* * *

Мулоимтинатам, оҳан набошам,
Ба нармӣ риштаам, сӯзан набошам.

Манам осуда аз гарди ҳаводис,
Гиребонсуратам, доман набошам.

Баду некам зи ҳарфи дида хоност,
Хати маънош норавшан набошам.

Ба ҳавзи хашм ҳам ман оби чашмам,
Дили саршори меҳрам, тан набошам.

Ба ман бегонаҳо ҳам ошноянд,
Саропо дӯстам, душман набошам.

Ба ман гӯӣ: – Муҳаммад, мисли ман бош!
– Агар мисли ту бошам, ман набошам.

* * *

Зикри ҳар анҷуман шавад номам,
Ёдоварди ман шавад номам.

Ман ғарибi диёри эҷодам,
Аз даҳан бар даҳан шавад номам.

Сарфи заҳмат, ки шуд ҳама умрам,
Ҷонфидои ватан шавад номам.

Мирам охир ба корзори сухан,
Қаҳрамони сухан шавад номам.

Мӯи худро сафед аз он кардам,
Сабт то дар кафан шавад номам.

Аз Муҳаммад агар навин розист,
Ифтихори куҳан шавад номам.

* * *

Хуршедро ба доман ҳаргиз касе напӯшад,
Худро занад ба оташ, моро касе фурӯшад.

Мо кабк не, уқобем, аз дида дур тобем,
Сайёд бодаи ғам дар ин шикор нӯшад.

Бар гарди суръати нур афтодаи зи мо дур
Наздик ҳам нагардад ҳарчанд агар бикӯшад.

Бар пухтагӣ расидан номумкин аст барвақт,
Дар муҳлати муайян дар зарф об ҷӯшад.

Маҳруми табъ бо мо беҳуда меситезад,
Соҳил ба зону афтад, дарё агар хурӯшад.

Гови ҳунар, Муҳаммад, осон намедиҳад шир,
Мӯро чу шир созад, онро касе, ки дӯшад.

*   *   *

Чашме назар надорад бар дасти холии мо,
Дигар надорад арзиш ганҷи хаёлии мо.

Гуфтем дур гардем, шояд ба нур гардем.
Дидем кас надорад ғам аз малолии мо.

Моро ғами сипар нест, шамшер дар ҷигар нест,
Осудагӣ ба мо шуд ёр аз ҳалолии мо.

Тан дода бар хамӯшӣ, кардем пардапӯшӣ,
Шуд садри базми ҳастӣ нодон зи лолии мо.

Ёрони манфиатҷӯ ҳаргиз наянд якрӯ,
Нақши завол ҷӯянд аз безаволии мо.

Хонанд ранҷкашҳо нафрат ба ганҷкашҳо,
Ин кирмакон хӯранд об аз пушти шолии мо.

Захми замон, Муҳаммад, то марҳамаш наёбад,
Мушкил умед бастан бар некҳолии мо.

* * *

Зи ашки дида рӯям об дорад,
Ба худ ин сози ман мизроб дорад.

Ба дил сӯзу ғамам оҳанг бахшад,
Ҳунар дасти навозишбоб дорад.

Шаби равшандилон кам аз саҳар нест,
Ҳазорон ахтару маҳтоб дорад.

Матои меҳр бар дил ҷома созам,
Муҳаббат риштаи пуртоб дорад.

Нахоҳам додан аз каф гарди ҷунбиш,
Ҳама хамёза нақши хоб дорад.

Бақодор аз бузургӣ умр бошад,
Баландӣ кай ғами селоб дорад.

Гузашт аз кӯзаи фикр оби ҳарфат,
Муҳаммад, бодаи ту ноб дорад.

*  *  *

То ба болин сар намондам, қадри сар пайдо нашуд,
То наёмад тирашаб фикри саҳар пайдо нашуд.

Чокҳои синаи ман киштзори қисмат аст,
Бе сипори умр аз хокам самар пайдо нашуд.

Беҳунарҳо зиндагониро сабук дарёфтанд,
Ҷуз гаронӣ баҳри мардони ҳунар пайдо нашуд.

Хостам аз хонаи дунё барорам хасмро,
Дасти ман бархӯрд бар девор, дар пайдо нашуд.

Чун анор аз қатраи хун синаро пур мекунам,
Сурхрӯйӣ бе ғаму хуни ҷигар пайдо нашуд.

Мезанам дилро, Муҳаммад, ман ба дарёи ҳаёт,
Бе тасодуф баски аз соҳил гуҳар пайдо нашуд.

*   *   *

Дар дили ман хуфта меҳри ҷонфидоёни диёр,
Синаро кардаст гӯри доғашон мисли мазор.

Хуни дил гаштанду рӯсурхӣ ба мо бахшидаанд,
Рангзардӣ дида, оварданд бар мо навбаҳор.

Лолаҳо парчамбадастонро ба хотир оваранд,
Нест баҳри мо зиёратгоҳ мисли лолазор.

Дар қадамҷойи азизон бод ҳам нолад ба дард,
Абр ҳам гиряд ба рағми хушкчашмон зор-зор.

То даме ноодамон ҳастанд, ҳамчун посбон
Кард бояд дар раҳи одамгарӣ гаштугузор.

Нони сад касро, Муҳаммад, хӯрда, ҳастам бонамак,
Донаи иқболи ман рӯидааст аз шӯразор.

*   *   *

Ҳалқаи ҳар сухан нашуд ҳалқаи панди мо ба гӯш,
Ҳар хабаре намешавад сурати мубтадо ба гӯш.

Ҷойи фурӯши хешро моли хабаркаше наёфт,
Ҳарфи забони фитнаро мо надиҳем ҷо ба гӯш.

Шубҳа зи хасми худ кунад, гум ҳама расми худ кунад,
Ҳаст гунаҳ гумонбарӣ, нашнавӣ он чи то ба гӯш.

Раҳрави кишвари вафо гашта ба чашм ошно,
Гомзани раҳи ҷафо мешавад ошно ба гӯш.

Ҷой ба ҳар фасона дод, хоб ба дидахона дод,
Дар паси пушт ҷо диҳад дидаи бевафо ба гӯш.

Ҳар қадаме ба зери хок хуфта ҳазор синачок,
Зер, ки мекунӣ расад нола зи ҷойи по ба гӯш.

Суд чӣ ҷӯйи аз нафас, нест агар ба дил ҳавас,
Бонги наво намерасад аз найи бурё ба гӯш.

Суҳбати давр дигар аст, бурд кунад касе кар аст,
Пухта агар Муҳаммадӣ, ҳеҷ маҷӯ даво ба гӯш.

*   *   *

Шуълаи уммеди ман ҳаргиз намегардад хамӯш,
Ин самандар баъди мурдан зинда мегардад чу дӯш.

Поктинатро шиносанд охир аз тарзи нигоҳ,
Мард созад фарқ бо кирдораш аз мардумфурӯш.

Бода хун ҳасту кабобаш пораҳое аз ҷигар,
Мерасад афғони заҳматкаш зи бонги айшу нӯш.

Мекунад фарёд банди нармзоҳир оқибат,
Дар бигирад осмон аз дасти барқи абрпӯш.

Ҳар баду неке расад бар мо, расад аз ҳамнишин,
Чашмро аз дидани олам кунад маҳрум гӯш.

Акси бахташро Муҳаммад ҷӯяд аз чашмони ту,
Субҳ ҳаст ойинае дар он бубинад рӯз рӯш.

* * *

Дар муҳити дарду доғ афтодаам,
Дил пуроташ, чун чароғ афтодаам.

Хонда маҳбас ҷоми қисматро, чу май
Боз дар чоҳи аёғ афтодаам.

Дар нигоҳи сарсафеди дилсиёҳ
Тираандоме чу зоғ афтодаам.

Ҷойи худро танг мебинам мудом
Нахли худрӯе ба боғ афтодаам.

Куҳнакирдорӣ, Муҳаммад, бин чӣ кард,
Ҳамчу тақвим аз суроғ афтодаам.

* * *

Дар баҳори зиндагонӣ лолагун афтодаам,
Баски дорам доғҳо, дар ҳавзи хун афтодаам.

Гавҳари хомӯшиамро бурд ғавғои замон,
Хилватам гум кардаам, аз дар бурун афтодаам.

Бар қадамҷойи азизон дасти имкон раҳ надод,
Ҳамчу ҳарф аз ҷодаи мистар нагун афтодаам.

Ҳамзабонам мекунад афсун маро бо суҳбаташ,
Вожаи худро надонам, вожгун афтодаам.

То шавам позаҳри ҷони халқи дорухӯрдаам,
Чун ҷигар дар фикри безаҳрии хун афтодаам.

Хонаи танро дили пурсӯз кард охир хароб,
Он як аз зулми бурун, ман аз дарун афтодаам.

Нестиятро Муҳамад хоҳад, эй дунёи оз,
Аз тамаъҷӯйии ту аз озмун афтодаам.

*  *  *

Додгӯиҳо ба ҷон зад, шуд хамӯшӣ пешаам,
Худкушӣ беҳ, то нагардад худфурӯшӣ пешаам.

Мешавад аз оташи тез обро кӯтоҳ умр,
Ин ишорат кард охир нармҷӯшӣ пешаам.

Куҳнаколои писар пӯшад зи муҳтоҷӣ падар,
Чун замини боғ гашта нармпӯшӣ пешаам.

Он кӣ бошад бохабар аз ҳоли ман, пайдо нашуд,
Баҳри рафъи ин алам шуд боданӯшӣ пешаам.

Дӯстамро бо рақиби худ, Муҳаммад, дидаам,
Кард дигар ҳарфҳои бехгӯшӣ пешаам.

* * *

Домони мусофирҳо чун гард намегирем,
Ҳарчанд ки афтода дар ҷодаи тақдирем.

Дилдор агар бошӣ, ғамхор агар бошӣ,
Хоки қадамат гардем, пеши қадамат мирем.

Эй оташи сӯзанда, дил бар ту шавад банда,
Гар сози танӯре гарм, ҳамроҳи ту дар гирем.

Сайёд, нагирад авҷ бозори шикори ту,
Монанди камон сӯят ду дидаи пуртирем.

Баҳри ҳама ҷон моем, машҳури ҷаҳон моем,
Дар покданӣ тифлем, дар ақлрасӣ пирем.

Аз оби вафо моро як қатра, Муҳаммад, бас,
Дар лаҳзаи хашму ҷӯш гардем дигар, ширем.

*     *     *

Хокро бо ашки худ гил мекунам,
Дар диёри меҳр манзил мекунам.

Сардро бахшам ба нармӣ сӯзҳо,
Баркро аз об ҳосил мекунам.

Баҳри пуртӯфон агар бошад ҳаёт,
Пайкари худро чу соҳил мекунам.

Мекунам гардиш ба афлоки хаёл,
Моҳи умри хеш комил мекунам.

Бо ҳама дарду ғамаш оварда тоб,
Ишқро мардона қоил мекунам.

Дастро бар гардани нахли мурод
Ҳамчу ток охир ҳамоил мекунам.

Олами дигар ба ман бегона ҳаст,
Рӯ, Муҳаммад, ҷониби дил мекунам.

*    *    *

Об гаштем, ки бе чашмаву рӯде нашавем,
Нола кардем, ки бе савту суруде нашавем.

Сарсафедони сияҳкори ҷаҳон бисёранд,
Пунбасон ҳифзгари дудаву дуде нашавем.

Қатраи хуни ҷигар дони анори дигар аст,
Тану ҷон суда кунем, аз пайи суде нашавем.

Тарафи хӯшаи мо доси ҷаҳолат набаред,
Ки ба саҳрои дигар кишту дуруде нашавем.

Ҳаст бедорӣ агар маънии аслии ҳаёт,
Гашта бедор ҳама, банди ғунуде нашавем.

Зиндагӣ хаймаи сарбаста ба мехи макр аст,
Рӯ, Муҳаммад, ба Худо кун, ки амуде нашавем.

* * *

Лолаи уммеди ман рӯсурх шуд аз сӯхтан,
Гашт равшан хонаи бахтам зи худ афрӯхтан.

Ҳаст мушкил ёфтан монанди шоир бахядӯз,
Нест осон чоки дилҳои ғаминро дӯхтан.

Майда-майда ҷамъи ранҷаш созад одамро бузург,
Метавон дарё шудан аз қатраҳо андӯхтан.

Нест моли нангро дӯкону бозори дигар,
Мардро марг аст беҳ аз нанги худ бифрӯхтан.

Муҳраи бахти Муҳаммад ҳарфи азхудкарда шуд,
Зиндагиро хубтар фаҳмид аз омӯхтан.

*   *   *

Ранҷи бори тани мо маркаби по мебинад,
Ҳунари аспсавораш пайи мо мебинад.

Тарки дунёи пуранвор басо душвор аст,
Заҳрро дидаи бемор даво мебинад.

Гум кунад ҳалқасифат силсилаи умри абад,
Он кӣ аз халқи ватан хеш ҷудо мебинад.

Сари мо косаи чашмон ба кафи миҷгонаш,
Ҳаст то меҳргадо, хайри вафо мебинад.

Селро ханҷари бедоди худаш пора кунад,
Ҳар ҷафокор дами теғи ҷафо мебинад.

Мо нанолем аз он дӯст, ки моро чу сутун
Ба рави шодию андуҳ раво мебинад.

Хун шавад дар сари ҳар байт Муҳаммад ҳама шаб,
Банда гар ин натавон дид, Худо мебинад.

* * *

Одамӣ ҳамдарду дилсӯз аз дилогоҳӣ шавад,
Ашк байни дуд аз чашмони мо роҳӣ шавад.

Бо ҳама дард аз ҷаҳон рафтан нахоҳад пир ҳам,
Аз шафақ сурх осмон ҳангоми бегоҳӣ шавад.

Ҳар кӣ дорад мағз, вазнин мисли дону хӯша аст,
Бодакӣ оғоз аз бемағзию коҳӣ шавад.

Фитнагарро раҳ набояд дод бар даргоҳи дил,
Марги садҳо мурғи ҷон як фанди рӯбоҳӣ шавад.

Ахтари думдорро хосияти бад ҳаст ёр,
Ҳалқаҳои нафс занҷири ҷаҳонхоҳӣ шавад.

Зиндагихоҳ аз ватан берун намемонад қадам,
Баҳри нафъи хеш дар банди аҷал моҳӣ шавад.

Мурдадилро бо сухан бахшад Муҳаммад зиндагӣ,
Ҷони маънии ниҳон пайдо зи ҷонкоҳӣ шавад.

*   *   *

Ба чашни ғайр хасми бахт мотамро хабар кардаст,
Ба рӯзи шодии бечорае ғамро хабар кардаст.

Намемонад зи девори умеди хонае осор,
Касе бар маскани гил дастаи намро хабар кардаст.

Табиби бемурувват ҳам пас аз ҷон кандани бемор
Ба дарди аз ҳадаш бигзашта марҳамро хабар кардаст.

Ба он боғе, ки рангаш заъфарон аз ҳасрати об аст,
Ба ҷои резборон бод шабнамро хабар кардаст.

Ба пеши пойи марг афтода, гардад зиндагӣ таслим,
Аҷал аз ин шикаст аввал қади хамро хабар кардаст.

Кунад то нафъҷӯ ҳам аз ҳисоби васфи дигар бурд,
Ба рӯзи базми ҳар ноодам одамро хабар кардаст.

Муҳаммад, некбахт он кас, ки баъди чашм пӯшидан
Ба дафнаш обрӯяш аҳли оламро хабар кардаст.

*   *   *

Бинам агар ғамине ранҷур мешавам ман,
Мирад касе ту гӯӣ дар гӯр мешавам ман.

Эй марди роҳ, шоме гар бар сафар бароӣ,
Равшангари раҳи ту чун нур мешавам ман.

То муждае расонам бар чашминтизорон,
Мактуби дӯстони раҳдур мешавам ман.

Бар шеъри ман набанданд оҳанг, ғам надорам,
Шоир агар ки бошам, машҳур мешавам ман.

Равшандилам Муҳаммад, ҳамчун ситораи рӯз,
Дар дидаҳо намудор аз дур мешавам ман.

*   *   *

Намегардам пайи нафъе ба гирди меҳвари дигар,
Наорад рӯй ҳаргиз серчашме бар дари дигар.

Ба рӯйи хоку санги кишварам монам сари худро,
Сари худро намонам, лек рӯйи бистари дигар.

Ба ҷонам мепарастам зодаи обу заминамро,
Шуморам беди худро беҳ зи нахли пурбари дигар.

Ба мисли ӯ набошад ғамгусору меҳрубон ҳаргиз,
Ба як модар баробар нест сад моиндари дигар.

Ватан баҳри Муҳаммад аз ҳама қимматарин бошад,
Намебахшам ба як реги диёри худ зари дигар.

*  *  *

Баҳравар аз шарбати васл интизорон мешаванд,
Соҳиби идона рӯзе рӯзадорон мешаванд.

Аз ҷудоӣ ҳалқаҳо занҷири худ гум мекунанд,
Ғам набошад, дур аз ҳам ғамгусорон мешаванд.

Гарчӣ зӯрӣ, нотавононро ба чашми кам мабин,
Абрҳо аз боҳамоӣӣ барқу борон мешаванд.

Нест як дам баҳрро аз шӯри мавҷ осудагӣ,
Дар пайи ошӯби дунё беқаророн мешаванд.

Бадсириштон сахт тарсанд аз нигоҳи сарди халқ,
Дар зимистон бенишон аз дида морон мешаванд.

Қасри дилро зеб бахшад парчами меҳру вафо,
Боумед аз ҷилваҳояш дилфигорон мешаванд.

Тифли шуҳрат ҳам, Муҳаммад, зодаи ҳар мулк нест,
Номдорон аз диёри посдорон мешаванд.

* * *

Намехоҳам, ки як дам модаре дур аз писар гардад,
Намехоҳам, ки тифли бегуноҳе бепадар гардад.

Намехоҳам, ки марде дур аз хоки ватан мирад,
Намехоҳам ватандоре ғарибу дар ба дар гардад.

Ба сад уммед ҳар нахле ба боғи зиндагӣ рӯяд,
Намехоҳам, ки шохи сабзи умре бесамар гардад.

Ҳазорон ҷангҷӯро оташи меҳрам бисӯзонад,
Намехоҳам, ки ғамбемор фарзанди башар гардад.

Бимирад ҳам нагардад ҷони ман қурбони номардон,
Барои ханҷари мардонагӣ ҷонам сипар гардад.

Муҳаммад, роҳи ҳамдардӣ маро бар кӯйи некӣ бурд,
Намемонам дилам бе ғам, сарам бе дарди сар гардад.

*   *   *

Даргаҳи ҳаҷр зи тифлони вафо холӣ нест,
Раҳи ғам хӯрдани мо бе пайи хушҳолӣ нест.

Ҳолати зистане ҳаст гаронтар аз марг,
Мурғро сахттарин марг чу беболӣ нест.

Нест нақше ба дили бадгуҳар аз қисмати нек,
Соли мор ояд умеде зи накӯҳолӣ нест.

Хам занад қомати ҳар байт зи бори маънӣ,
Қомати хамшуда гоҳе хабар аз золӣ нест.

Паст дар маъракае ҳаст агар қадри сухан,
Беҳтар аз кар будану хубтар аз лолӣ нест.

Ризқи худро зи дари ранҷ Муҳаммад ҷӯям,
Обхӯр кирмаки ҳастӣ зи пайи шолӣ нест.

* * *

Чашми пуробам ба чашми маст ҷому бода аст,
Гиряҳои дил суруде баҳри дилнодода аст.

Хонаи занбӯри хоби умрро вайрон кунад,
Дар нигоҳи беқаророн хомаи мо хода аст.

Сарсафеди дилсиёҳеро чӣ гуфтан метавон,
Абри испеде, ки хушкиро ба дунё зода аст.

Дар нигоҳи тӯдаи мардумгази рӯйи ҷаҳон
Рег дандон асту море печутоби ҷода аст.

Раҳзанони зиндагӣ афтанд бар чоҳи ситам,
Сорбон аз корвони бахт дур афтода аст.

Дар замини меҳри мо ҳам тухми кин мепарваранд,
Ҳар кӣ аз бадхоҳ некӣ чашм дорад, сода аст.

Килк сарбозу хатат сарҳад, Муҳаммад, ғам махӯр,
Роҳи фикри некмардон доимо бикшода аст.

* * *

То ба сар фикру хаёли олами ганҷина аст,
Саҳиби тахти муҳаббат подшоҳи кина аст.

Ҳаст то ғоратгаре, дар мулки худ зиндонием,
Баҳри ганҷи умр дил ҳам посбони сина аст.

Аз дуруштиҳои тинатпокҳо осудаем,
Оби хокистар ҷилобахшандаи оина аст.

Зоҳири бад некботинро намесозад дигар,
Меш монад меш, агарки бар танаш гургина аст.

Қадри ёрони куҳанро пос медорем мо,
Гоҳ беҳ аз сад фараҳ як ғуссаи дерина аст.

Нест охир қуллае бе ошёни дил баланд,
Боми ин кошонаро шеъри Муҳаммад зина аст.

* * *

Дар хаёли ҷамъаму танҳо чаро монам гаҳе,
Аз мукофоту сахои умр ҳайронам гаҳе.

Дарди сад дилгаштаро гарчи табобат мекунам,
Дар давои дардҳои хеш дар монам гаҳе.

Гарчи чун сарҳад нигаҳ медорамаш аз чашми бад,
Соз ин гардан нагирад бо гиребонам гаҳе.

Ҷунбиши гавҳораю тобут асар бар дил кунад,
Гоҳ хоки зиндагон, гӯри азизонам гаҳе.

Қисмати ман то ба тақдири ҷаҳон пайваста аст,
Меҳри хандонам гаҳеву абри гирёнам гаҳе.

* * *

Об рафту нақшаш аз соҳил нарафт,
Ёр рафту меҳри ӯ аз дил нарафт.

Ашки оҳам қисматамро шӯр кард,
Шӯрае осон зи хоку гил нарафт.

Рӯзгоре бо ғаму шодӣ гузашт,
Шукри он рӯзе, ки беҳосил нарафт.

Ҳикматомӯз аст дарди ошиқӣ,
Ҳеҷ ошиқ аз ҷаҳон ғофил нарафт.

Нақши умрашро набинад умрбод,
Ҳар касе, к-ӯ бар раҳи мушкил нарафт.

Роҳи дунёи Муҳаммад дигар аст,
Бар ҷаҳони ҷоҳилон оқил нарафт.

*  *  *

Неъмати рӯи ҷаҳонро ҳар куҷо берӯ гирифт,
Даст то пурсид иҷозат, шона банди мӯ гирифт.

Баст бо макраш раҳи теғи забонро макрдон,
Ӯ асалро бо шакар аз хонаи ору гирифт.

Некдилҳоро тавонад баддиле вайрон кунад,
Қитъаи хокаш сафед офат зи оби ҷӯ гирифт.

Носипосӣ бин, ки маҳ бигрифта нур аз офтоб,
Чун надид ӯро, ба шоми тирарӯе хӯ гирифт.

То саҳар дар бистари чашмони ман буд мижжа хоб,
Чун саҳар шуд хешро наздик бар абрӯ гирифт.

Дилбадасторӣ гарон дар рӯзгори бевафо,
Сӯйи ӯ рафтам, Муҳаммад, роҳи дигар кӯ гирифт.

*   *   *

Ба ғуборе дилам олуда набошад ҳаргиз,
Ба чунин дудкаше дуда набошад ҳаргиз.

Ҳама дам тарҳи ҷамоли ту ба пеши назар аст,
Сарам аз дасти ту осуда набошад ҳаргиз.

Ончунон сӯзӣ ҳама ҷону танамро, ки чунин
Ба ҷароҳат намаки суда набошад ҳаргиз.

Беғамиҳои туро дидаму гуфтам, ки чу ман
Пойбанди ғами беҳуда набошад ҳаргиз.

Байни ошиқшудагон мисли Муҳаммад дигаре
Ҷодаи ишқи ту паймуда набошад ҳаргиз.

*   *   *

Дунёи пур аз розаму ҳамроз надорам,
Ҷуз хуфтанаво дар дили ин соз надорам.

Ганҷинаи осоиши ман рафт ба яғмо,
Аз шубҳа дари марҳамати боз надорам.

Каргассифатон дар талаби моли ҳароманд,
Майле ба чунин пеша чу шаҳбоз надорам.

Ман сайди аламдидаи сайёди замонам,
Бе болу парам, қудрати парвоз надорам.

Устоди маро таънаи дилбехабарон кушт,
Шогирди дилогоҳаму устоз надорам.

Аз қисмати пурдаҳшати фардои диёрам
Хоҳам, ки бигирям, дигар овоз надорам.

Нозам ба ватан, беватан аз баски Муҳаммад
Як ҳалқа ҳам аз силсилаи ноз надорам.

*  *  *

Замин луқмасон гӯрро мехӯрад,
Ҳама зӯру нозӯрро мехӯрад.

Хамӯшона ҳар узв исён кунад,
Даво ҷисми ранҷурро мехӯрад.

Ҳунарро кунад хор сози дурушт,
Надорад нигаҳ, ҷӯрро мехӯрад.

Шакарро асал карда фоидаҷӯ
Ҳаққи ранҷи занбӯрро мехӯрад.

Зи бандаш раҳо созад афтодаро,
Сафедӣ ғами дурро мехӯрад.

Гарон зинда баргаштан аз кӯйи хасм,
Сиёҳӣ сари нурро мехӯрад.

* * *

Боз аз тақвими умрам канда шуд як рӯзи ман,
Сард чун хокистаре шуд лахчаи пурсӯзи ман.

Ҷовидон будаст дилхун гаштани мову шафақ,
Рафт бар коми уфуқ хуршеди худафрӯзи ман.

То шудам дилсӯзу қадри заҳматаш фаҳмидаам,
Рафт аз бар модари заҳматкашу дилсӯзи ман.

Бачагиро ёд овarду маро гирёнд боз
Абр ҳам монанди пири неки пандомӯзи ман.

Сояҳо чун теғбардастон ба сӯям омаданд,
Ҳеҷ гаҳ душман нахоҳад қисмати фирӯзи ман.

Аз баҳори худ, Муҳаммад, доштам уммедҳо,
Лек ҳайфо рафт чун бод аз назар Наврӯзи ман.

* * *

Дар хонаи хаёлам ёрони пок хуфта,
Дар шохи тути бахтам некӣ чу ток хуфта.

Як умр хоки умрам пайваста бо замин аст,
Баски ҳазор пуштам дар зери хок хуфта.

Баҳри ватан ҳазорон доданд ҷон ба майдон,
Дар пуштаи ҳаётам гӯру мағок хуфта.

Аз дарду доғи инсон ҳастам чу абри гирён,
Дар хоки қисмати ман садҳо ҳалок хуфта.

Теғи қалам, Муҳаммад, дилро қалам-қалам кард,
Дар синаам чу захмӣ дил чок-чок хуфта.

*   *   *

Хоҳам, ки равам ҳамчу сабо хона ба хона,
Гирам ба худ он ҷо, ки зи гард аст нишона.

Эй тозабаҳор, аз пайи ту мурғи дилам рафт,
Дар шохи хазон синаи холист чу лона.

Дорам дили пур аз шарари ишқ, хамӯшам,
Оташ занад азбаски кам аз кӯра забона.

Мисли ҳадаф аз тири ғами умр нанолам,
То лашкари шодӣ зи паям ҳаст равона.

Бошад ба дигар ранг маро хӯшаи иқбол,
Дар мижжаи ман қатраи ашк аст чу дона.

Як рӯз диҳад умр баҳояш ба Муҳаммад,
Мардони худомӯз надонанд баҳона.

*   *   *

Мекашам бар дӯши худ бори азоби зиндагӣ,
Мехӯранд оташдилон хуни кабоби зиндагӣ.

Бо хаёле то саҳар биншастанам беҳуда нест,
Ҳаст хуни марг дар рагҳои хоби зиндагӣ.

Пуштаҳои ташнаҷони зиндагӣ кам нестанд,
Мекунам дилро ба мисли абр оби зиндагӣ.

Тирадилҳо дораду дорад ҷаҳон равшандилон,
Гарчи пошад нур ҳар ҷо офтоби зиндагӣ.

Сангро дар оташу об афканӣ, оҳак шавад,
Ёфтам аз сахтҷонӣ сарҳисоби зиндагӣ.

Нест чун мурғи хаёлат тезпарвози дигар,
Ғам махӯр ҳаргиз Муҳаммад аз шитоби зиндагӣ.

* * *

Дар раҳи умр аз баландӣ беш пастӣ дидаам,
Хамгаҳи бисёр дар дунёи ҳастӣ дидаам.

Ҳар куҷо гӯем ҳарф аз боби инсондӯстӣ,
Дар бари мотамсарое ҷашну мастӣ дидаам.

Гирди номи дасткӯтоҳе намегардад забон,
Шуҳрати ҳар фардро дар зӯрдастӣ дидаам.

Мехӯрад нодор доим дар набарди ҳақ шикаст,
Ноҳаки дорандаро дар бешикастӣ дидаам.

Кӣ ба амри дил ситоиш мекунад бегонаро,
Дар ҳама мардумпарастӣ худпарастӣ дидаам.

Дар муҳаббатномаҳои мо Муҳаммад сӯз кам,
Байти ошиқсӯз дар шеъри Маҳастӣ дидаам.

* * *

Бар фараҳ бе ғам расидан мушкил аст,
Сурхрӯ аз хунҷигар гаштан дил аст.

Шамъро ҳаст обрӯ аз сӯхтан,
Худгудозӣ нури ақли оқил аст.

Мехӯрад мушти ҳазорон мавҷро,
Ҳосили сад неш нӯши соҳил аст.

Нотавон ҳам метавон шуд ҳифзгар,
Коҳ дарзи чоки домони гил аст.

Раҳнаварди ҷовидон аст одамӣ,
Интизораш ҷодаи шаш манзил аст.

Тарс ҳам бошад, Муҳаммад, дарси хуб,
Аз худотарсӣ муродам ҳосил аст.

*  *  *

Озори дунё дидааам, озурдаам, озурдаам,
Ғамҳои дунё дидаам, афсурдаам, афсурдаам.

Бар дӯш бори ормон, мондам ҷудо аз корвон,
Дар навбаҳори гулфишон ранги гули пажмурдаам.

Дорем фарқ аз ҳамдигар, ту сурхрӯ, ман хунҷигар,
Ту шаҳди роҳат хӯрдаӣ, ман заҳри заҳмат хӯрдаам.

Ҳаргиз нахоҳам ҷангро, дилҳои пур аз сангро,
Як умр бори нангро ман бурдаам, ман бурдаам.

Дармон надорад дарди ман, марг аст ранги зарди ман,
Ку номи дунёгарди ман, дар зиндагонӣ мурдаам.

Сад ҳайфи нақши хомаам, сад ҳайф, ҳайфи номаам,
Дилмонда аз ҳангомаам, чун коғази афшурдаам.

Умрам ба ҷонбозӣ гузашт, аҳволи зорам беҳ нагашт,
Гӯям: – Муҳаммад, аз алам беҳуда ҷон биспурдаам.

*   *   *

Ба оташ дар миёни коҳ хомӯшӣ гарон бошад,
Ҷаҳон Судобаҳо дорад, Сиёвушӣ гарон бошад.

Ба шоҳе, ки ҷаҳони пурфараҳ дар ихтиёри ӯст,
Тамоми умр бо ғамҳо ҳамоғӯшӣ гарон бошад.

Касе хуб аз худоҷӯён надонад нашъаи мастӣ,
Зи ҷоми нозуки афлок майнӯшӣ гарон бошад.

Миёни тӯдае, к-андар хаёли моли дунёянд,
Ба ёди гарди ӯ чун бод мадҳушӣ гарон бошад.

Ба он бахти сафеди хештан дар мотами ҳастӣ
Фурӯтан нестӣ гар ту, сияҳпӯшӣ гарон бошад.

Муҳаммад, ёфтан душвор чун Мири Кабир имрӯз,
Ҷаҳони нафс бар мирон фаромӯшӣ гарон бошад.

* * *

Ёди мардум мекунем, аз худ фаромӯшем мо,
Дида мотамхонаҳоро хонабардӯшем мо.

Бар шакар ҳамроҳ месозанд бераҳмон намак,
Нест инсоф, оби шӯри умр менӯшем мо.

Дар диёри мо намедонанд қадри сӯхтан,
Зери хокистар ба мисли лахча хомӯшем мо.

Бо ҳасад бар бебасарҳо ҳар кадоме бингарем,
Дида оламсӯзҳоро чашм мепӯшем мо.

Роҳбандон фикри бахту қисмати фардо кунед,
Чун замини пур зи нафт имрӯз дар ҷӯшем мо.

Оқибат ғайбатшунавҳо низ ғайбатгар шаванд,
Баҳри аз ин дард растан пунба бар гӯшем мо.

Дигарон масти ҷамоли моли дунёянд, лек
Аз суханҳои Муҳаммад масту мадҳушем мо.

* * *

Ба ҷоми меҳр заҳри неш афтад, нӯш мегардад,
Касе шуд ҳамнишини нек, аз бад рӯш мегардад.

Намемонад, ки бикшояд лабашро бода дар базмам,
Зи кайфи суҳбатам ҳамсуҳбатам мадҳуш мегардад.

Ба дӯши уштури ҷонам гарон афтода бори ишқ,
Ҷарас аз нолаҳои зори ман хомӯш мегардад.

Диламро чок кардам, то бубинам сурати ишқаш,
Қабо шуд боз агар, тобандатар оғӯш мегардад.

Нишон то ёбад аз он нозбардорони гумкарда,
Хаёлам гирди кӯйи рӯзгори дӯш мегардад.

Намеистад ягон нозуктабиат дар мақоми хеш,
Ки шир аз хӯрдани як қатра об аз ҷӯш мегардад.

Надорам хоби соз аз фикри ҳифзи хирмани бахтам,
Ба ҳар ҷо хирмане бошад, дар он ҷо мӯш мегардад.

Муҳаммад, дар даҳони чун камон ҳар як сухан тир аст,
Чу пайконхӯрда аз гуфтори ноҷо гӯш мегардад.

*   *   *

То наёрам чун садаф гавҳари мақсуд ба чанг,
Ном бар хок занам, мушт занам бар сари нанг.

Раҳи ҳастии худ аз шердилӣ мечӯям,
Ҳаст то ҷангали тақдир пур аз гургу паланг.

Тарс марг аст, ки бар дидаи тарсанда мудом
Моҳии баҳри ҳаёт аст ба монанди наҳанг.

Ҷигари чоки ҳадаф маҳбаси пайкон гардад,
Оҳани хӯрда барорад зи даҳан хӯрдаи занг.

Баски ҳамсуҳбати соҳибназаре пайдо нест,
Шаҳди умр аст ба мардони суханфаҳм шаранг.

Алами халқи Худо нест навиштан осон,
Баҳри ин қисса зи хуни ҷигарам ҷӯям ранг.

Оқибат аз асари ашки Муҳаммад гардад
Соҳиби дидаи ҳайрон сари бедидаи санг.

*   *   *

Муҳтоҷи як шарорем афсурдаему дилсард,
Зори табиб ҳастем аз дасти зӯрии дард.

Аз ранҷи зиндагонӣ пирем дар ҷавонӣ,
Дар навбаҳори қисмат монем бар гули зард.

Дидем ними дунё, дидем ҳоли доно,
Ҷуз гарди ғам набошад моро дигар раҳовард.

Аз тири ғам бимирем, озод не, асирем,
Марг аст зиндагонӣ, то ҳаст як камонмард.

Мо ҷои худ надонем, фардои худ надонем,
Пазмони тосҳоем, чун муҳраҳо, ки дар нард.

Дар роҳи ҳақ, Муҳаммад, неке натарсад аз бад,
Моро зи ҷодаи худ берун наметавон кард.

*   *   *

Зиндагониро ҷаҳони нанг медонем мо,
Қатраи хуни ҷигарро ранг медонем мо.

Дар тани сарде нигаҳ дорад дили пуроташаш,
Хеш аз худноситой санг медонем мо.

Дар сари паймона паймонбастагон гум гаштаанд,
Бозии ин базмро найранг медонем мо.

Неку бад якранг метобанд дар рӯзи кушод,
Фарқи онҳоро ба рӯзи танг медонем мо.

Созгоре нест чун мизроби меҳру сози раҳм,
Нағмаи дилро фақат оҳанг медонем мо.

Мурғи чашмони Муҳаммад ҳасту дони ҳарфҳо,
Баҳри дарди худ даво фарҳанг медонем мо.

* * *

Бо умеди як фараҳмандӣ ғамам афзун шавад,
Баҳри рӯсурхӣ зи теғи фикрҳо дил хун шавад.

Аз ишоратҳои равҳои замон фаҳмидаам,
Дастҳое гар зи сар боло шавад, устун шавад.

Домани хуниндилии лола бигрифтан бас аст,
Шод аз хун гаштани мо душмани малъун шавад.

Аввалин бинандаи хуршед ҳастему чаро
Пушти абре офтоби бахти мо макнун шавад.

Бар сарат хок, эй тиҳидастӣ, зи санги таънаҳо
Соғари умрам зи базми зиндагӣ берун шавад.

Дар замони мо агар мебуд Луқмони Ҳаким
Панди нав медод: «Бояд одамӣ Қорун шавад.»

Аз ҳазорон роҳи дилбандӣ дили шайдои ман
Дар суроғи Лайлии кӯйи сухан Маҷнун шавад.

Риштаи табъи Муҳаммадро гираҳ бегона аст,
Дар сухан печидагӣ ҳам уқдаи мазмун шавад.

*   *   *

Хилвати асрорро дорад таманно пешаам,
Нест ғайри лаъли маънӣ дар хаёли тешаам.

Эҳтиёҷ оҳуи умрамро ба ободӣ барад,
Беш аз сайёд дорад раҳм гурги бешаам.

Беғуборӣ рафт, монам баъд аз ин зери ғубор,
Бодгарҳо бигзаранд аз растаи андешаам.

Худшиносиҳои азхудрафтаҳо марговар аст,
Ғарқа дар хун мешавам охир зи дасти шишаам.

Дӯш агар мезад сафедорам, Муҳаммад, баркро,
Оташи як бутта, лек имрӯз сӯзад решаам.

* * *

Дар саре, ки фикри ному нанг нест,
Дар ҷабинаш қабзаи ожанг нест.

То ба кай аз худ гурезон мешавам,
Зиндагонӣ ҷодаи найранг нест.

Бо ҳама шодӣ ғаме мепарварам,
Ҳеҷ суд аз қисмати якранг нест.

Мисли Вахш аз тангноҳо бигзарам,
Лек саҳрои умедам танг нест.

Гарчи ҳастам аз диёри кӯҳсор,
Дар замини синаам як санг нест.

То Муҳаммад ҳаст номи поки ман,
Заррае дар оҳани ман занг нест.

* * *

Роҳи гирифтаи мо бошад писанд моро,
Ҳар пай чу ҳарфу ин хат панд аст, панд моро.

Арзу ниёзи худро дигар ба кас нагӯем,
Як рӯз хомкорӣ гирад ба банд моро.

По аз рикоби дунё бояд, ки бар нагирем,
Гирем агар, фитонад тез ин саманд моро.

Ширинзабонӣ аз ҳад бигзашт, талхкомист,
Бемори қанд созад бисёр қанд моро.

Бо сад ҳазор афсун душман намешавад дӯст,
Аз морбозӣ охир морон газанд моро.

Ҳар як бадии неке аз некии баде беҳ,
Ҳаргиз зарар надорад дуди сипанд моро.

Моро дили кушоду дунёи меҳр доданд,
Ҳаст ин Муҳаммад охир бахти баланд моро.

*     *     *

Шавам овозадор аз дасти меҳру тобу тамкинам,
Паёми рӯзи шодӣ оварад ғамҳои ширинам.

Баландӣ ҷустан осон, дар баландӣ мондан осон нест,
Баҳорон дар баландӣ сабзаҳоро хушк мебинам.

Таманноям, ки биншинам ба тахти синаҳо чун меҳр,
Намехоҳам ба мижгоне чу гарди роҳ биншинам.

Касеро не фиребе додаам, не байни раҳ мондам,
Ҷабинам дафтари хоно, хати умр аст ҳар чинам.

На аз он беҳунарҳоям миёни пойгоҳи умр,
Ба ҷавлон медарорам чун Муҳаммад аспу қамчинам.

*   *   *

Чун шӯразор тобад чашме, ки нам надорад,
Шодӣ маҷӯ аз он дил, гар дарду ғам надорад.

Аз ранҷи ишқ тарсад ёре, ки бевафо ҳаст,
Лол аст пеши захме теғе, ки дам надорад.

Танҳо ба Эзиди худ ошиқ кунад итоат,
Майдону бозии ишқ дигар ҳакам надорад.

Сӯзу гудози мо хӯрд охир сари қаламро,
Тоби гаронхаёлон ҳатто қалам надорад.

Аз сарваташ ҷудоӣ ӯро нишони марг аст,
Бисёрҷӯй ҳаргиз тоқат ба кам надорад.

Раҳ ёфтан Муҳаммад дар мулки назм мушкил,
Дунё суханвароне мисли Аҷам надорад.

*   *   *

Аз барои дили озурда дилам месӯзад,
Аз барои гули пажмурда дилам месӯзад.

Об нагрифта сари шохаи умраш чу анор
Гар диле мешавад афшурда, дилам месӯзад.

Ҳар кӣ нохӯрда агар ҳиссаи худ даргузарад,
Бахри он ҳиссаи нохӯрда дилам месӯзад.

Шиква аз дил накунам, гарчи ба сад ранг занад,
Ба каси шиквагар аз гурда дилам месӯзад.

Бори худ ҳар кӣ ба манзил бубарад, шод шавам,
Монад он бор чу нобурда дилам месӯзад.

Зиндагӣ баски насиб аст, Муҳаммад, як бор,
Дар ғами зиндаи дилмурда дилам месӯзад.

* * *

То бар диле ёбем раҳ, мо худ саропо дил шудем,
Ёбем то гумкардае, ҷӯё раҳи манзил шудем.

Моем ҳамчун хӯшае рӯида аз файзи замин,
То сер бошад одамӣ, аз донае ҳосил шудем.

Қасдаш зи санги осиёб оҳиста гандум ҳам гирифт,
Сахтӣ ба нармӣ шуд бадал, золим будем, одил шудем.

Тӯфони роҳи зиндагӣ моро ба роҳи хеш бурд,
Будем чун соҳилнишин, дур аз бари соҳил шудем.

Гаҳ дида лутфи душманон, гаҳ дида хашми дӯстон,
Воқиф шуда аз ину он, нодон будем, оқил шудем.

Мушкил зи роҳи марг буд роҳат Муҳаммад дар ҳаёт,
Дил зинда бо умед буд, огаҳ зи ҳар мушкил шудем.

*  *  *

Равад аз худ, агар ганҷина ёбад ғанҷнодида,
Хатар дорад, шавад во кӯри модарзодро дида.

Набинад баъди ҳаҷ ҳам эҳтироми халқро нопок,
Ба полидан нагардад бӯ ҷудо аз оби гандида.

Ҷароҳатдидаро чун тир бошад қатраи борон,
Табассум доғ тобад дар лаби ғамдори хандида.

Кашидан нест осон бори фикри серии мардум,
Зи дилчокии гандум нест огаҳ хӯшаночида.

Нишони душманӣ дар олами меҳри Муҳаммад нест,
Диҳад ҷо обу оташро ба як даргоҳ чун дида.

* * *

Бар дидаи мо фарқи шабу рӯз набошад,
Хокистари мо бе асари сӯз набошад.

Бар ёд наояд зи миёни ҳама зоташ
Гар кирмаки шабтоб худафрӯз набошад.

Умре гули сармозада рӯяд зи дили хок,
Гар барфбараш гармии Наврӯз набошад.

Бо нури нигаҳ санги сухан об намудем,
Чун нанг муаллим ба худомӯз набошад.

Дорем, Муҳаммад, хабар аз макри рақибон,
Мағлуб ҳаводор ба пирӯз набошад.

*  *  *

Оҳ аст бесиришк, асарнок роз нест,
Хокистар аст лахча, агар ҷонгудоз нест.

Оҳанги хуш намерасад аз захмаҳои мо,
Нохуншикастаем ва ё соз соз нест.

Боло натобад аз паси девори пуршукӯҳ,
Ин ҷо ҳама нишеб, асар аз фароз нест.

Чашмони мо нигоҳи худ аз по намекананд,
Дар гардани хамидасар осори ноз нест.

Бар ҳар даре занем сарангушти меҳр ҳам,
Пӯшида ҳаст он дари умед, боз нест.

Кандаст кӯки дидаи саҳрои интизор,
Дар вартаҳои бекасӣ абри ниёз нест.

То лаҳазаҳои рафтанам оҳ ҳаст дар гулӯ,
Дар коргоҳи умр ягон имтиёз нест.

Аз меваи дарахти замонем бенасиб,
Дорем даст, лек, Муҳаммад, дароз нест.

*   *   *

Шиква аз тундию тезии маяш хум накунад,
Шоҳ бояд бадар аз дил ғами мардум накунад.

Ҳифз созем чу мижгон дари чашмони замон,
Раҳбари бенамакаш фикри тараҳҳум накунад.

Ҳаст аз зиндагии халқ нишон ҷунбиши халқ,
Оби ҷамъомада дар ҳавз талотум накунад.

Хислати ақрабӣ аз даври худ омӯхтаем,
Мисли каждумбача, к-он раҳм ба каждум накунад.

Баҳри серӣ дили худ чоккунӣ осон нест,
Ҳеҷ гаҳ донаи ҷав хӯшаи гандум накунад.

Аз ғами даҳр чу хуршед, Муҳаммад, сӯзам,
Некҷӯ силсилаи умри абад гум накунад.

*   *   *

Гӯё, ки аз ҳавас ба лаб оҳе намондааст,
Дар дидаи умед нигоҳе намондааст.

Аз офтоб абр рабудаст сояро,
Ғайри ғубор ёр ба роҳе намондааст.

Хок ашки хеш мехӯрад аз бемурувватӣ,
Як қатра об дар дили чоҳе намондааст.

Хуршед меҳрдори худ аз ёд бурдааст,
Вартоҷ бе сар аст, кулоҳе намондааст.

Баднафстар зи бод набошад дар ин макон,
Дар хирмани нигаҳ пари коҳе намондааст.

Он галлаи кӣ буд, ки дар дашти орзу
Як барг хотира зи гиёҳе намондааст.

Ҳар шаб азоб мекашам аз бонги ҳою ҳӯй,
Дар ин муҳит ғайри гуноҳе намондааст.

Дандони зангӣ аст шарори нигини шаб,
Нури чароғу партави моҳе намондааст.

Дар корзори умр мададгори мо Худост,
Бовар ба аҳди ёру сипоҳе намондааст.

*  *  *

Зиндагӣ ҳамдарду ҳамсӯзам ба мардум кардааст,
Беғамии кӯдакиро аз дилам гум кардааст.

Нохудои бевафо ҳаргиз наёбад роҳи худ,
Мавҷи дарёи вафои ман талотум кардааст.

Бо ҳама бемеҳрии ту ин дили пармеҳри ман
Дар сари ҳар байт васфатро тараннум кардааст.

Месароям васфи деҳқонро, ки поси заҳматаш
Синаамро чок мисли дони гандум кардааст.

Ошиқи он рӯзгори бебаҳову хуррамам,
Сад ҳазорон рангро дар худ таҷассум кардааст.

*   *   *

Ҳар замон дар пеши рӯ Ҷонофарин пайдо шавад,
Ин нигин дар дидаи агуштарин пайдо шавад.

Ашк дар саҳрои рӯ ҷӯйи мурувват мекашад,
Дар саре гар дидаҳои раҳмгин пайдо шавад.

Сӯхтанро ғайри хокистар набошад ҳосиле,
Лек аз сӯзи ман оҳи оташин пайдо шавад.

Гӯиё мутриб ба тори қалби ман нохун занад,
Гар зи ҳар созе як оҳанги ҳазин пайдо шавад.

Дидани дидори хилватпешагон ҳам шарт нест,
Аз хату аз ҳар варақ чину ҷабин пайдо шавад.

Хору хасро мешиносад аз ҳама занбӯр хуб,
Рӯ ба гул орад, ки аз он ангубин пайдо шавад.

Кӯтаҳии андак аз таслим дорад қиссаҳо,
Саркашии даст ҳам аз остин пайдо шавад.

Ранҷро подош ганҷ аст, он ки меҷӯяд самар
Кам-кам аз таҳҷои ҳар санге замин пайдо шавад.

Баҳри ҳифзи ҳастии худ ҷони ширин мекананд,
Ҷонкани айёми мо аз мулки Чин пайдо шавад.

Шеъри худ тарзе Муҳаммад гӯ, ки баъд аз хонданаш
Дар забони ҳар суханфаҳм офарин пайдо шавад.

* * *

Дил зи ашки аламам пок шавад,
Покии хок зи афлок шавад.

Меҳр ҷӯё шавам аз чашми пуроб,
Кишт дар мазраи намнок шавад.

Ҳар хати хоки муҳаббат тез аст,
Гандумосо ҷигарам чок шавад.

Нақши ишқат ба дилу дидаи ман
Дида ҳайратзада ҳаккок шавад.

Ҳар касе ғӯраи чашмам бинад,
Дар ғами хӯшаи ин ток шавад.

Хомӣ аз пухта шудан гаҳ хуб аст,
Санг агар пухта шавад, хок шавад.

Ба Муҳаммад, ки хӯрад заҳри фироқ
Васли ҷонбахши ту тарёк шавад.

*   *   *

Ошиқонро ҳар кӣ ранҷонад, асири ғам шавад,
Ҷашнвайронкардаро дар хонааш мотам шавад.

Нолаи ҷонсӯзи ошиқ гар зи дил ояд бурун,
Дидагони кӯри модарзод ҳам пурнам шавад.

Мумсики машҳур ҳам афтад агар дар кӯйи ишқ,
Хонда нафратҳо ба Қорун, пайрави Ҳотам шавад.

Ишқи Лайлӣ номи Маҷнунро баландовоза кард,
Одамӣ бо пешае машҳур дар олам шавад.

Зиндагӣ осон насозад мушкили афтодагон,
Марг танҳо бар ҳамин дарди гарон марҳам шавад.

Қиссаи бисёр дорад рӯзгори ранг-ранг,
Аз вафо гӯям сухан, то бевафоӣ кам шавад.

Пир месозад Муҳаммадро хаёли ишқи ӯ,
Ҳар қадар вазнин, ки гардад бор, қомат хам шавад.

* * *

Қадам дониста мемонам, ки поям низ сар дорад,
Агар чашм аст ҳар ангушт, ҳар чашме назар дорад.

Касе осон хати раҳро ба мисли ман намехонад,
Забони диду дарк ин ҷо алифбои дигар дорад.

Дару девор ҳам бар дидаам девони ашъор аст,
Ба ҳангоми кушодан сахт монандӣ ба дар дорад.

Дили доро надорад ҷо барои гавҳари шафқат,
Намегиряд нае, ки дар бисоти худ шакар дорад.

Барои беҳунар девори андак ҳам садди Чин аст,
Шикофад сангро чун об, агар раҳҷӯ ҳунар дорад.

Расад бар рангзардӣ мева ҳам дар ҷодаи пухтан,
Хазони фасли ҳастӣ низ хирманҳои зар дорад.

Нахонад то китоби ҷонканиро, байни раҳ монад,
Ба куйи шоирӣ гар номҷӯ азми сафар дорад.

Замини зиндагӣ то хушку боғи умр бемушк аст,
Муҳаммад ҳам дили пуробу ҳам чашмони тар дорад.

*   *   *

Кӯҳам, зи бори ҳодиса ҳам хам намезанам,
Бошад зи санг пайкари ман, нам намезанам.

Девори хонаи фараҳ азбаски бобақост,
Дар фикри сели хонабари ғам намезанам.

Бар киштии умедам агар нохудо Худост,
Тӯфон ҳазор зарба занад, дам намезанам.

Ман аз ҷаҳони оинадорӣ канораам,
Худро чу офтоб ба шабнам намезанам.

Фикри ҳуҷуму ғасб, ки бегона бар ман аст,
Ҳарф аз мақоми моҳи Муҳаррам намезанам.

Болонишин ба базми адабгоҳи оламам,
Худро зи ҷашн бар дари мотам намезанам.

Оҳиста по гузошта дар даҳри гӯшу ҳуш
Чун ашк лол буданам барҳам намезанам.

* * *

Дар рӯзи ҷашн ҳарф зи мотам намезанам.
Дар базму сур як сухан аз ғам намезанам.

Дорад ҳазор нағма ба ҳар тор сози умр,
Як савтро чу рӯд пайиҳам намезанам.

Фарёдро ба хилвати ҳалқам кашидаам,
Гӯши фалак кар аст, дигар дам намезанам.

Бемор монд, рафт вале аз ҷаҳон табиб,
Гоми умед бар раҳи марҳам намезанам.

Танҳо насиби Хизр, ки оби ҳаёт шуд,
Дар фикри оби чашмаи Зам-зам намезанам.

Исо надида рӯйи падар аз ҷаҳон гузашт,
Бори фироқ бар сари Марям намезанам.

Танҳо зи гарди таъна тиҳӣ ҷодаи Худост,
Дастам ба хони неъмати Ҳотам намезанам.

Шерона шукр карда ба найзори зиндагӣ,
Сар бар саройи фитнаи одам намезанам.

* * *

Инсоф агар ки ҳукм кунад, дам намезанам,
Туҳмат ба номи Ҳазрати Одам намезанам.

Тир аст оҳи пир ба ҷони ҷавони зӯр,
Марги писар ба гардани Рустам намезанам.

Бе заҳр шаҳди умр касе ҳам нахӯрдааст,
Ин бодаи фиреб пайиҳам намезанам.

Дилгир аз насиҳати бемағзҳо шудам,
Ҳарфи самар зи пуштаи бенам намезанам.

Умр аст пӯстин агар, ин пӯстини нанг
Аз пушти кайк сӯхта, барҳам намезанам.

Ғолиб нагаштааст касе дар набарди ишқ,
Дар рӯи боми ғамзада парчам намезанам.

Дорам ба дӯш бори гарони ғаму фараҳ,
Ҳастам сутуни нанги ватан, хам намезанам.

*   *   *

Ман фоли эътимод ба одам намезанам,
Ҳарфе зи рози хеш ба ҳамдам намезанам.

Додам ба ҳукми ғайр диёри бузургро,
Ҷоми шикастаро ба сари Ҷам намезанам.

Аз баҳри тахти шуҳрати дурӯза чун нигин
Худро ба доми маҳбаси хотам намезанам.

Ободсоз ҳастаму вайронасоз низ,
Ин айбро ба гардани олам намезанам.

Дар марги қотил оҳ ҳам оҳанг мешавад,
Дар рӯзи ҷашн чодари мотам намезанам.

Тобоварии боми фалак асли ибрат аст,
Дорам ба дӯш бори ҳама, хам намезанам.

Се коса обу як кафи хок аст ин ҷаҳон,
То рӯзи ҳашр як дами беғам намезанам.

Барбод умри кабк зи фарёд меравад,
Сайёд давру сайд манам, дам намезанам.

*   *   *

Ҳастам забони ашки алам, дам намезанам,
Дар роҳи хеш нақш ҳам аз нам намезанам.

Даври тиҷорат аз раҳи мурдан ишорат аст,
Худро мани бадард ба марҳам намезанам.

Берун қадам зи роҳи қаноат намениҳам,
Дасти тамаъ ба ганҷи пур аз ғам намезанам.

Худро барои ҷашни ду-серӯзаи ҳаёт
Бар чоҳи умрбодии мотам намезанам.

Миннатсаро зи даргаҳи хайр аст бештар,
Бечораро зи чорагаре кам намезанам.

Дарси сахо ба мактаби Ҳотам, ки хатм шуд,
Ин қуръаро ба номи ҳар одам намезанам.

Фарзандкуш ғубор ба роҳи ситоиш аст,
Ҳарф аз мақому шуҳрати Рустам намезанам.

Гар оби рафта аз дигар ояд ба куҳнаҷӯй,
Тарҳи уммеди дошта барҳам намезанам.

Аз ҳафт кас агарки яке ҳаст авлиё,
Як бандаро ҳам аз дигараш кам намезанам.

*  *  *

Ба дунёе, ки худ бошад бақоро зор, машҳурем,
Ҳама аз зиндагӣ гӯем, аммо зиндадаргӯрем.

Чӣ оҳангест қисматро, муаммо баҳри мо бошад,
Навохоҳони аз дунёи рози мутрибаш дурем.

Надорем аз ғаму дарди пасовандони худ парво,
Аз он бурде, ки дорад чандрӯза умр, масрурем.

Зи чашми хоки мо ашки алам берун намеояд,
Магар дар чоҳи ҳастӣ оби такшингаштаи шӯрем.

Ҷаҳон монад қафасро, мурғаки афтода дар домем,
Чӣ созем, интизори зиндагиву марги маҷбурем.

Ба ҷои дил шикам дорем, шодӣ ҷои ғам дорем,
Зи пушти нафс дар чашми Худо ҳам акси манфурем.

Ҷаҳони худгудозиро мапурс аз мо, намедонем,
Зи умри худ, ки сарфи ранҷи ноҷо гашт, ранҷурем.

Шавад фардо зи нури барқ равшан хонаҳои мо,
Нагардад дил агар равшан, ҳама маҳрум аз нурем.

*   *   *

Олами ман дигар, аз ту дигар аст,
Дидаи ту хушку чашми ман тар аст.

Гармии меҳр аз ту ҷустан аблаҳист,
Пур танӯри қалбат аз хокистар аст.

Бехабар куштӣ ту тифли шодиям,
Дидани дидори ту ғамовар аст.

Тешаӣ бар решаи нахли умед,
Дур аз бераҳм будан беҳтар аст.

Берун аз майдони бозӣ гаштаам,
Баски ҳамранги ту он ҷо довар аст.

Гуфт шайтон, вақти санг афканданам:-
Ҳамнишини ту зи ман шайтонтар аст.

Умр бигзашту нафаҳмидам туро,
Дар кафи андеша то ҳоло сар аст.

*  *  *

Дар сарҳади ғурурам сарбози нанг дорам,
Хунам нишони номус, ин гуна ранг дорам.

Дорад ҳазор фарёд хомӯшии ватандор,
Дар бешаи хаёлам шеру паланг дорам.

Ором будани ман осори сабру тоб аст,
Дар зери баҳри ҳастӣ пинҳон наҳанг дорам.

Хурдам ба фаҳми ғофил, гурдам ба чашми оқил,
Бар рағми оҳанинтан алмосу занг дорам .

Таърих кард ҷабрам, осон биканд қабрам,
Бигзашт даври нармӣ, дар хок санг дорам.

Донед, эй рақибон, дар ҳифзи хоки кишвар
Бо сад кушодадастӣ як қалби танг дорам.

Гӯяд Муҳаммад, эй дӯст, ҳар машқро ду паҳлуст,
То сулҳ ҳифз созам бо хеш ҷанг дорам.

*   *   *

Домони умр аз ҳама маҳкам гирифтаам,
Аз мағзи дард равғани марҳам гирифтаам.

Дар тори сози нанги ман оҳанги рақс нест,
Дар ҷашн низ чодари мотам гирифтаам.

Тоқат ба бори ғуссаи айём кардаам,
Дасти дарози шоҳи фараҳ кам гирифтаам.

Дорам ба чашми хеш дами шодӣ ашки ғам,
Дар даҳри хушк низ пайи нам гирифтаам.

Осуда то гузар кунам аз ин сарои танг,
Тарки ғурур карда, сарам хам гирифтаам.

Хуршед агар ба маскани шодӣ занад қадам,
Ман лек мисли абр раҳи ғам гирифтаам.

Дар ҷунбишам чу об, Муҳаммад, тамоми умр,
Дар ёд нест он нафаси дамгирифтаам.

*   *   *

Раҳи мақсудро пурнуртар аз сӯхтан кардам,
Худамро аз худафрӯзӣ чароғи анҷуман кардам.

Аз он рӯзе шунидам камзаминии диёрамро,
Аз он гарде насибам шуд, фузун хоки Ватан кардам.

Барои чӣ либоси рӯзгорам нав намегардад?
Ҳама умр аз матои нанг бар худ пираҳан кардам.

Шинондам нахлҳо дар боғи ҳастӣ бо ҳазор умед,
Замоне то нагӯяд душманам, сайри чаман кардам.

Қадам бигзоштан осон набошад дар раҳи номус,
Зи тору пуди мӯ омода баҳри худ кафан кардам.

Раҳо то ёбам аз пайкони найранги сиёсатҳо,
Чу Ҳурмуз чанд худро сояи як Аҳриман кардам.

Пас аз марги ману ту хубтар исбот мегардад,
Чӣ ман кардам, чӣ ту кардӣ, чӣ ту кардӣ, чӣ ман кардам.

Муҳаммад, ҳарфҳои ишқро дар риштаи маънӣ
Ба мисли муҳраҳо барчида, тасбеҳи сухан кардам.

* * *

Як умр по ба роҳи қаноат ниҳодаем,
Дар мулки адлу кишвари инсоф ҷодаем.

Дарвозаҳои баста зи навхоҷагони давр,
Мо соҳиби куҳандари доим кушодаем.

Моро дами ҳисоби мураккаб кунанд ёд,
Баъди ҳали мисол бигӯянд: Содаем.

Дар ҷой истода бубинем даҳрро,
Дар фаҳми навсавор агарчи пиёдаем.

Бар манзили умед ба зудӣ намерасем,
Раҳбастаем, гомзан аз пушти подаем.

Дар анҷуман ба гуфтаи ҳақ эътибор нест,
Он ҷо ками камем, ба ҳукми зиёдаем.

Қурбони ғарқ гаштану худсӯхтан шавем,
Дар байни обу оташи даврон фитодаем.

* * *

Инсоф сарҳад аст, зи сарҳад гузаштаед,
Чашмони ҳайрат аст ҳад, аз ҳад гузаштаед.

Аз сад ҳавои пур зи ғубореd пурхатар,
Дар сабқати бадӣ зи ҳама бад гузаштаед.

Аз мо тамоми умр баромад талаб кунед,
Худ лек баҳри чӣ ба даромад гузаштаед.

Он сангҳои монда ҳама зинаҳо шуданд,
Бе мушкилӣ зи роҳи пур аз сад гузаштаед.

Раҳгум зананд вақти шумори гуноҳатон,
Дар ҷодаи ҳисоб зи абҷад гузаштаед.

Сармояи шумо расад охир ба асри нав,
Дар чандсоли умри худ аз сад гузаштаед.

Ҳатто алейк – қарзи саломи Худойро
Аз ёд бурдаед, ҳам аз дад гузаштаед.

Баҳри шумо азизтар аз дил бувад шикам,
Аз баҳри фаҳму раҳми Муҳаммад гузаштаед.

* * *

Ҳоҷати ҳастӣ ба садҳо дар барад,
Гушнаро бар хонаи аждар барад.

Шикваи пур аз ҳуҷуми дарди дил
Лолро ҳам бар сари минбар барад.

Номҷӯ ҳам аз фишори зиндагӣ
Фикри ҳифзи номро аз сар барад.

Баччаи парвардаашро оқибат
Дарди қисмат аз бари модар барад.

Довари ин фитнамайдонро амал
Бар муҷозоти дигар довар барад.

Монад акнун даҳр ишратхонаро
Бодаро аз шиша бар соғар барад.

*   *   *

Бисӯзад аз ғами олам диле, ки ман дорам,
Бувад сарои ҳама манзиле, ки ман дорам.

Чиҳо кунам, ки ба девори кина ҳам гардад
Қабои меҳри абад он гиле, ки ман дорам.

Ба зери баҳри пур аз мавҷи хеш пинҳон аст,
Тамоми умр хати соҳиле, ки ман дорам.

Миёни мардуми беадл ҳам агар афтад,
Шавад писанди ҳама одиле, ки ман дорам.

Аз ин китоби ҳисоби замон намеёбанд
Ҷавоби он амали мушкиле, ки ман дорам.

Фақат зи шохаи мижгони ман тавонӣ ёфт,
Нишони боғи пур аз ҳосиле, ки ман дорам.

Ҳадиси ишқ бигӯянду рози дилдорон
Ба базму анҷуману маҳфиле, ки ман дорам.

*  *  *

Дар лабонам ханда дорам, оҳ низ,
Аз ғуломӣ ашк дорад шоҳ низ.

Гарчӣ беайб аст, ҳангоми хатар
Мекашад бори хиҷолат роҳ низ.

Хӯшаро урёнтанӣ гумном кард,
Донаро пинҳон намояд коҳ низ.

То расад бар ёд айёми дарав
Мезанад хирман ба гардун моҳ низ.

Мешавад гоҳе, ки тухми фикри хом
Рӯяд аз хоки дили огоҳ низ.

Ташнаро афтодан аз хотир равад,
Ҳифз аз мурдан кунад гаҳ чоҳ низ.

Дар тулӯъ бошад Муҳаммадро ғуруб,
Ҳар саҳар дорад ба худ бегоҳ низ.

*     *     *

Ба унвонам зи номи мардуми осуда мактуб аст,
Зи нохубии даври худ забон накшоданат хуб аст.

Ба чанги боди вақт афтода ҳастияш диҳад барбод,
Макун боло сари гард аз гиребон, хасм ҷорӯб аст.

Магар нашнидаӣ аз нолаҳои рӯди пуртуғён:
Касе берун ниҳад по аз раҳи андоза, саркӯб аст.

Зи оҳи сӯздораш дар бигирад хонаи бахташ,
Ҳазорон доғи ҳасрат дар раҳи дунёи ошӯб аст.

Сухан гӯи зи асри санг, санги раҳ туро хонанд,
Зи баски нақши умри беғамон дар обу дар чуб аст.

Баҳои банда ҳам бар банда ғайри хоҳиш аст имрӯз,
Тамоми зинда номаҳбубу ҷаъми мурда маҳбуб аст.

Муҳаммад, ҳаст таҳои ҷаҳон мағлуб пеши ҷамъ,
Сари аз тан ҷудо бар дидаи фаҳми замон туб аст.

*   *   *

Пайҳои меҳр дар раҳи уммед ҳам намонд,
Нури вафо ба оташи хуршед ҳам намонд.

Санҷид зи даст накҳату гулхор ранг дод,
Ҳатто ба боғҳо асар аз бед ҳам намонд.

Дар зиндагӣ хату хабар аз ёдбуди мост,
Дар ёд гиряи дами тавлид ҳам намонд.

Бозичаҳои дасти рақибони худ шудем,
Нақши ҳунар ба саҳнаи ҷовид ҳам намонд.

Аз номае, ки ранг зи хуни ҷигар надошт,
Сурхии чашми кафтари тавҳид ҳам намонд.

Маъшуқ низ рафт, ҳавасхона гашт ишқ,
Пайҳои меҳр дар раҳи умед ҳам намонд.

Хомӯш гаштааст Муҳаммад навои бахт,
Осори ҷашн дар гузари ид ҳам намонд.

*   *   *

Нигоҳи ҳайратам акнун, зи хоб метарсам,
Зи маргсурати пуризтироб метарсам.

Агарчи фоидабахш аз барои ман сардист,
Чун офтоб бихӯрдам, зи об метарсам.

Чу мавҷ по ба сари баҳр як замон будам,
Гузашт даври хурӯш, аз ҳубоб метарсам.

Дигар зи баҳри кабуде, ки дар биёбон аст,
Сухан магӯй, ки ман аз сароб метарсам.

Баҳори лола ҳам аз хуни дил асар дорад,
Зи рӯйсурхии худ чун кабоб метарсам.

Ҳанӯз гарди хусумат ба хоки ман хоб аст,
Зи боди даргузар – аз инқилоб метарсам.

Ба нархи ҷони ман осудагӣ ба даст омад,
Саволгашта манам, аз хитоб метарсам.

Нишони тарс шуморад замона ҳурматро,
Гунаҳ ба ҳоли худаш, аз савоб метарсам.

Китоби хотира сӯзад агар, бимон сӯзад,
Зи пушти нек бад аст, аз ҳисоб метарсам.

Кашида ранҷу Муҳаммад касе наранҷондам,
Валек боз зи рӯзи ҷавоб метарсам.

*  *  *

Ҳанӯз ашки пур аз ғам зи дидаам ҷорист,
Тамоми узви ман аз бодаи фараҳ орист.

Азоби даври ятимиву хонавайронӣ
Зи баҳри умр чу як қатра пеши ин хорист.

Яке бимурду дигар мағзи ақли худро хӯрд,
Ҳамон, ки монд, танаш ошёни беморист.

Расад ба гӯш зи оҳи бадарди ман овоз:
Гуноҳи сахту гарони ҳама дилозорист.

Чиҳо кунам, ки ҳама дарди ман зи ҳамдардист,
Тамоми ғуссаи дил аз ҳисоби ғамхорист.

Хабар расад, ки ҳама оҳҳо шаванд оҳанг,
Садои зарбаи бад зарба бар ватандорист.

Мақоми ҷоҳил аз оқил баландтар гаштаст,
Зи кор ронда шавад он ки марди даркорист.

*   *   *

Маро, ки дур зи худ кардаӣ, сароғ макун,
Рақам нагиру назан занг, тоза доғ макун.

Хулоса хӯса барорад хазони ман дида,
Чу об рӯй ту бефоида ба боғ макун.

Задӣ ҳаданг ба он чашмсурхи номабарам,
Ҳавола номаи тақдири худ ба зоғ макун.

Зи фоли кинаи ту банди фикраму гӯям:
Ту лофи меҳр мазан,ҷавр ҳам ба ҷоғ макун.

Димоғи сӯхта аз ту ҳанӯз пурдуд аст,
Дигар ба пеши ҷигаррехта димоғ макун.

Ба боди ғусса супурдӣ чароғи ҳастиям,
Дубора маскани пурсӯзи ғам чароғ макун.

* * *

Ашк ҳам аз абри чашмон меравад,
Дард ҳам аз роҳи дармон меравад.

Доғҳо дар боғи ҳастӣ чархзан,
Даври султонии борон меравад.

Лолаҳои рӯйҳо коҳидаранг,
Аз диёри дил баҳорон меравад.

Дар найистони вуҷуд оҳанги ҳузн,
Шери уммед аз найистон меравад.

Қиссаи талх аз пайи ҳар ҷустуҷӯст,
Рахши Рустам бар Самангон меравад.

Синаи гардун тиҳӣ аз шафқат аст,
Он чӣ мушкил омад, осон меравад.

*  *  *

Аз бисоти дил ҳавасҳо мераванд,
Оҳу овоз аз нафасҳо мераванд.

Мурғакони умрҳо озод низ
Аз пайи ҳам бар қафасҳо мераванд.

Мо чу гӯгирдем, хомӯш оташем,
Нахлҳо аз дасти хасҳо мераванд.

Додгӯён аз сарои панду фанд
Додхоҳу додрасҳо мераванд.

Бод бечо мекунад садҳо ғубор,
Нокасон аз оҳи касҳо мераванд.

Бар сафе, ки дар ҳисоби зиндагист,
Пештар аз пеш пасҳо мераванд.

*  *  *

Дигар нигоҳи чашми ҳубобе намерасад,
Бедорӣ аз шафоати хобе намерасад.

Чун баҳри мурда аст ба пиндор зиндагӣ,
Осори мавҷу ҷунбиши обе намерасад.

Аз нони хушк пур бағалу лек об нест,
Дар хони дашт ғайри саробе намерасад.

Дар ҳар қадам, ки чоҳи гуноҳе нуҳуфтааст,
Нақше зи по ба роҳи савобе намерасад.

Дар чеҳраҳои зарди зи фасли хазони ҳаҷр
Ранги уммедбахши кабобе намерасад.

Он номаҳои пуралами синасӯзи ишқ
Бар дасти кӣ расид, ҷавобе намерасад.

Мастӣ гузашт, ҳасрати андуҳ ҳам намонд,
Бар ёди майпараст шаробе намерасад.

Ҷон аз ҳуҷуми дард, Муҳаммад, кунад фиғон,
Бар пир тоби аҳди шабобе намерасад.

*  *  *

Дар ҷаҳони меҳрубонӣ беназирӣ, модарам,
Дар диёри бовафоён ту амирӣ, модрам.

Хонашиниҳои ту моро ҷаҳонбин кардааст,
Баҳри озодии мо дар худ асирӣ, модарам.

Зуд гарди осёби умр бар мӯят нишаст,
Аз ҷавонӣ аз ғами мо ранги пирӣ, модарам.

Сурхрӯ аз сӯхтанҳо нони иқболи ту шуд,
Дар танӯри зиндагӣ мисли хамирӣ, модарам.

Бори нози мо миёни қалбҳоро бишканад,
Ту фақат ин борро бар дӯш гирӣ, модарам.

Илми роҳи ҷонфидоиро ба мо омӯхтӣ,
Садқаат бодо ҳазорон ҷон, кабирӣ, модарам.

Имтиҳони маргро дар зиндагӣ биспурдаӣ,
Зиндагибахшандаӣ, ҳаргиз намирӣ, модарам.

*  *  *

Роҳи мо наздику аз ту дур шуд,
Дар ғами мо қалби ту ранҷур шуд.

То чароғи чашми мо равшан шавад,
Шамъи сӯзони дилат камнур шуд.

Интизорӣ монду кунҷи кулбае,
Рафта-рафта шаҳди ҳастӣ шӯр шуд.

Кард бори шодиву ғамҳо асар,
Хестан баҳри ту аз ҷо зӯр шуд.

То сарои бахт моро шуд  насиб,
Сад дареғо, хонаи ту гӯр шуд.

*   *   *

Бо шодиву ғами умр як умр хӯ гирифтам,
Дар поси зиштҳояш худро накӯ гирифтам.

Дур аст роҳи қисмат, зӯр аст роҳи қисмат,
Раҳтӯшае дар ин раҳ аз орзӯ гирифтам.

Мисли хамир ҷонам хелидаанд чанде,
То аз танӯри тафсон н-афтода рӯ гирифтам.

Шабҳо накардаам хоб, аз дида рехтам об,
Аз оби дидаи худ ман обрӯ гирифтам.

То аз сурудам ояд бӯйи Ватан, Муҳаммад,
Аз сабзаву гиёҳаш ман рангу бӯ гирифтам.

* * *

Раҳнаварде, ки равон бар роҳи дури матлаб аст,
Дар нигоҳаш ҳар ғуборе ҳарфу ҳар пай мактаб аст.

Илми болоро касе донад, насозад роҳ гум,
Дар шаби тори биёбон раҳнамояш кавкаб аст.

Нест меҳрам бар саворе, ки ба манзил мерасад,
Баски бурду обрӯи ӯ зи пушти маркаб аст.

Аз вуҷуди дилсиёҳон доғи сӯзон рӯ занад,
Ҳалқаҳои соявшан доғи сӯзони шаб аст.

Ҷояш ояд қасди худ аз зӯр гирад нотавон,
Ханҷари теғи забонро роҳзан кӯки лаб аст.

Медиҳад бар дида ҷо холи лабашро сӯзи ишқ,
Ҳастии табхоларо сарчашма ҳастии таб аст.

Ҷо наёбад пояи тухмат ба қасри ростӣ,
Оламе донад Муҳаммадро кадомин мазҳаб аст.

* * *

Оташам ман, оташи бедуд нест,
Бе шиканҷу мавҷ оби рӯд нест.

Пуштаву саҳрои худ дорад агар,
Зиндагӣ бе боди гардолуд нест.

Ҷашн дар як дам ба мотам шуд бадал,
Ку фалон? Омад садое: «Буд, нест.»

Омаду рафт аст агар боре насиб,
Фарқҳо дар байни деру зуд нест.

Гуфт Фирдавсӣ ба хоби ман шабе:
Фикри некӣ дар сари Маҳмуд нест.

Рустам аз Ковус ҳамдардӣ надид,
Аз ҷаҳондоре ба дунё суд нест.

Гар туро бошад, Муҳаммад, раҳнамо,
Дур роҳи қуллаи мақсуд нест.

*   *   *

Бар хазинаҷои дил ганҷи дарду ғам дорам,
Дар замини тақдирам хоки пур зи нам дорам.

Даври ёди шоир рафт, номи ман зи хотир рафт,
Баҳри кӣ сухан гӯям, баҳри кӣ қалам дорам?

Бар матои дил имрӯз ҳеҷ кас надорад майл,
Дида ин харидорон чун кунам, шикам дорам.

Сӯзад оташ оҳанро, сӯзи ҳар писар танро,
Морпарваре то ҳаст, Коваам, алам дорам.

Ман зи дасти худ мирам, хунбаҳо зи кӣ гирам,
Дар Аҷам адам дорам, дар адам Аҷам дорам.

Дар ҷаҳони пур аз роҳ, ҳар раҳаш пур аст аз чоҳ,
То раҳам зи банди оҳ фикри ҳар қадам дорам.

Бар касе насозам ҷабр, баҳри худ канам ман қабр,
Чун Муҳаммад аст исмам, бар худам ситам дорам.

*   *   *

Рафт даврони ғами худ, ғами дунё ба ман аст,
Дар дилам нолаи сад бекафану беватан аст.

Мард бояд накунад шиква зи сӯзи тану ҷон,
Ҳама дарду аламам олиҳаи ҷону тан аст.

Метавонад гузарад дарди баде бар ҳама кас,
Оқил он кас, ки ба ёди ҳамаву хештан аст.

Осмонест, ки зор аст ба як пораи абр,
Қитъаҳоест, ки зори гулу барги чаман аст.

Сипари хеш наяндоз зи каф чун Ҳурмуз,
Баски шамшерзану душмани даҳр Аҳриман аст.

Мор аз хона бурун аз сухани хуб шавад,
Зафару бурди Муҳаммад ҳама умр аз сухан аст.

* * *

Шабҳо мунаввар мешаванд аз тобу аз табҳои мо,
Равшан самои хотир аст аз нури кавкабҳои мо.

Биме куҷо, яъсе куҷо, то дар азоби мо шавад,
Гарди сиёҳиро барад шаббодаи шабҳои мо.

То рӯз ҳамчун ғунчае аз печҳо во мешавем,
Аз гиряҳо пайдо шавад як ханда дар лабҳои мо.

Сад қиссаи меҳру вафо дар қалби мо ҷо додаанд,
Дарси муҳаббат медиҳад устоди мактабҳои мо.

Бо он ҳама шодии худ дорем ғамҳои ҷаҳон,
Осудагии олам аст армону матлабҳои мо.

Рӯи Муҳаммад бар Худо, бурдаш ҳама аз илтиҷост,
Савти саодат мерасад аз бонги «ёрабҳо»-и мо.

*   *   *

Сар намемонам ба бистар, то нагардам бистарӣ,
Шамъи сӯзонам надонад олами хокистарӣ.

Шаҳди дунёи лаганбардорҳо бе заҳр нест,
Чокдил як умр будан беҳтар аст аз чокарӣ.

Машқгоҳи ҷоҳилон гаштаст майдони ҳаёт,
Кас намегирад ба дӯши хеш бори доварӣ.

Гар ба мулке бадниҳодон дастболо мешаванд,
Халқ бар фардои неки худ надорад боварӣ.

Ҳар кӣ нашносад бародарро насибаш мешавад
Ҳасрати Дорову мотамдории Искандарӣ.

Модарон имрӯз мегирянду мо дар хандаем,
Нест нодонро ба сар фикри забони модарӣ.

Хешро бар даргаҳи ширинсуханҳо мезанад
Талхкоме, гар чашад аз шарбати лафзи дарӣ.

Аз ғами фарзанди инсон шуд Муҳаммад дардманд,
Шеъри пурдардаш бувад осори инсонпарварӣ.

*  *  *

Шамъи бедорам, худафрӯзам, ҳаводорам шавед,
Дар дили шаб партави рӯзам, ҳаводорам шавед.

Қудрати меҳри ватан зӯри дигар бахшад маро,
Дар набарди нанг пирӯзам, ҳаводорам шавед.

Оташи миннат нахоҳам, рағми сардии ҳаёт
Шуълаҳо мерӯяд аз сӯзам, ҳаводорам шавед.

То дами ҷон доданам бо меҳр сӯи меҳанам
Дидаи носер медӯзам, ҳаводорам шавед.

Дар ҳамин фурсат, ки бошад сайри олам номи ӯ
Зиндагии ибратомӯзам, ҳаводорам шавед.

* * *

То ғусса гарди ҷодаи паймуда мешавад,
Бовар макун, ки зиндагӣ осуда мешавад.

Ҳастӣ чу чашм ҳаст, ки нураш тамоми умр
Бо қатраҳои рӯзада олуда мешавад.

Ҳарчанд дуди оташи мақсад равад ба бод,
Пайдо сиёҳкорияш аз дуда мешавад.

Хонаш пур аз кабоби фиреб аст, пур махӯр,
Дилро шикам макун, ки рагат рӯда мешавад.

Монад зи боғи пурталабӣ шираҳои доғ,
Ҳар мева уқдаи тари накшуда мешавад.

Дар хандаҳои сангзан осори гиря аст,
Маҷмуи сангҳои зада тӯда мешавад.

Бар пойи решдори дили мо ғубори роҳ
Сӯзандатар ҳам аз намаки суда мешавад.

Доғ аз либоси умр, Муҳаммад, намеравад,
Ҳасратгузор амри нафармуда мешавад.

Вақте ки баъди марги ҳам аз карда пурсиш аст,
Бовар макун, ки зиндагӣ осуда мешавад.

* * *

Аз сӯзи лола ғофилӣ, доғе нагаштаӣ,
Огаҳ наӣ зи дуд, димоғе нагаштаӣ.

Чандест об мечакад аз навдаҳои ток,
Микроз ҳам надидаӣ, боғе нагаштаӣ.

Рақс аст дар нигоҳи ту ҷон кандани шуъо,
Дар раҳгузори бод чароғе нагаштаӣ.

Дар базми давр аз ҳама хунинҷигар манам,
Ғофил туӣ зи ҳолам, аёғе нагаштаӣ.

Дар ҷустуҷӯи гумшуда гумҷӯ ҳалок шуд,
Як қатра ҳам ба рӯди суроғе нагаштаӣ.

Ҳаргиз нагардад исми шарифат ҳаромхӯр,
Зеро Муҳаммад аз пайи зоғе нагаштаӣ.

* * *

Марди роҳи эҷодам, аз ман аст ин ҷода,
Ранҷи роҳро донад побароҳбинҳода.

Санг дида дар роҳам, мебарам фурӯ оҳам,
Дар қаламрави номус модарам маро зода.

Гарчи як гаронборам, бори нанг бардорам,
То ба ман набигзорад хасм ном: «Афтода».

Рафта гӯй бар нозир ҳарфи хомаи шоир:
Қадри фаҳми худ бошад одамӣ Худодода.

Мастро агар дорӣ, мастӣ аз ҷазо додан,
Ман ба фикри подошам, мастам аз дигар бода.

Фаҳмҳо, ки як сон нест, чеҳрафаҳмӣ осон нест,
Ман мураккабам, хонанд аблаҳон маро сода.

*   *   *

Нигаҳ афкандан осон, ҳифз кардан аксро мушкил,
Зи коридан гаронтар аз замин бигрифтани ҳосил.

Расад гармию сардӣ бар кулолаш, сахттар гардад,
Намерезад зи девори муҳаббат то қиёмат гил.

Сухангӯ чашму гӯшандоз ҳар як тори миҷгон аст,
Ба ҳар ҷое, ки ороянд агар дилдодагон маҳфил.

Ба роҳи бозпасгардӣ пайи худро намебинанд
Тамоми хунҷигарҳову ҳама биспурдагони дил.

Ба дунё аз ҳама хуштамъу ширин лаззати ишқ аст,
Нагардад сер дарё ҳеҷ аз бӯсидани соҳил.

Муҳаммад, имтиёзи пеш рафтан мехӯрад барҳам,
Ба ҳар ҷое, ки гирад корвони ишқ агар манзил.

* * *

Заҳмати роҳ фаромӯш шавад,
Хидмати чоҳ фаромӯш шавад.

Аз кафи хирман агар дона равад,
Тӯдаи коҳ фаромӯш шавад.

Муҳри шабро, ки супурданд ба рӯз,
Партави моҳ фаромӯш шавад.

Ба фалак нағмаи ҷашни саҳар аст,
Базми бегоҳ фаромӯш шавад.

Токи бехӯша натобад ба назар,
Дасткӯтоҳ фаромӯш шавад.

Баъди доро шудани қавми гадо
Мадади шоҳ фаромӯш шавад.

Даври ҳукми дили ноогоҳ аст,
Дили огоҳ фаромӯш шавад.

Зиндагӣ дар ҳаваси даргаҳи нав,
Куҳнадаргоҳ фаромӯш шавад…

*   *   *

Пинҳон даруни синаи ҳар нола мотам аст,
Дар боғ баъди рехтани жола мотам аст.

Дар баҳри чашм ғарқа ба хун аст мардумак,
Яъне ки дар куҳанчамани лола мотам аст.

Маҳтоб ҳам ба дида чу мотамгирифтаест,
Гарде, ки хезад аз қадами ҳола мотам аст.

Аз корзори ишқ умеди раҳоӣ нест,
Ҳатто ба рӯзи шодии ҳар вола мотам аст.

Фарёди хаста навбати худ бар сукут дод,
Ҳар базмро чу соя ба думбола мотам аст.

Тақсими хуб ҳам тиҳӣ аз гарди шиква нест,
Дар ҳар нигоҳи дӯхта бар кола мотам аст.

Ҷуз оҳ аз муҳити ҷаҳолат ҳаво наруст,
Поёни ҷашни соҳиби гӯсола мотам аст.

Қурбони он суханварам аз ин хулосааш:
«Лабханди мо нишонаи садсола мотам аст.»

*    *    *

Ҳар кӣ қадри фаҳми худ бар ҷаҳон нигаҳ дӯзад,
Дида он яке бар дон, дигаре ба каҳ дӯзад.

Хонда достонашро, чашми ормонашро
Роҳрав ба раҳ дӯзад, чоҳкан ба чаҳ дӯзад.

Ҳамчу мурдае бар гӯр меравад ба комаш нур
Бар шуо нигоҳи бад шишаи сияҳ дӯзад.

Мекашад азоби беш, нӯши ӯ бигардад неш,
Интизор чашмонаш рӯзу шаб ба раҳ дӯзад.

Дар сияҳқабои шаб чун гул аст ҳар кавкаб,
Ё ки ин ҳама гулро боазоб маҳ дӯзад?

Дар сиёҳхоки сар пахта мешавад пайдо,
Сӯзани хаёли пур гӯиё кӯлаҳ дӯзад.

Диди туст то мижгон, аз ман аст то кайхон,
Ҳар кӣ қадри фаҳми худ бар ҷаҳон нигаҳ дӯзад.

* * *

Субҳи мо аз шоми мо сар мешавад,
Пухтагӣ аз хоми мо сар мешавад.

Ҷон ба сармо додаему фасли гул
Аз гули бодоми мо сар мешавад.

Мо ҳамон заҳматкаши пуртоқатем,
Ҳарфи нанг аз номи мо сар мешавад.

Ҳаст девори умеди мо баланд,
Аз фалакҳо боми мо сар меашвад.

Зиндагӣ аз марг бошад дар ҳарос,
Ҷунбиш аз ороми мо сар мешавад.

Аз Муҳаммад бишнавед, оғози мо
Баъди ҳар анҷоми мо сар мешавад.

*   *   *

Аспи сияҳи абр бурун аз гала рафт,
Хуршед хӯрад хун, ки зи каф машъала рафт.

Дар боғ зи сабзрангӣ осор намонд,
Хушкид ҳама, зи хок ҳам ҳавсала рафт.

Дарё ба лабаш вожаи ҳасрат дорад,
Айёми хурӯшу давраи валвала рафт.

Ҷуз ҳамлаи гурги бод бар раммаи барг
Аз хотири дузд ҳам хаёли тала рафт.

Дармонда ҳисоб асту дар андеша рақам,
Аз дасти қалам даври ҳали масъала рафт.

Пайҳо зи раҳи суроғҳо канда шаванд,
Зеро ҳама чиз аз бисоти пала рафт.

* * *

Аз маскани ишқе раҳи эҷод гирифтем,
Аз сӯхтадилҳо ҳунаре ёд гирифтем.

Чун хирмани пуркоҳ фиребанда нагардем,
Худро ба гузаргоҳу раҳи бод гирифтем.

Аз киштаи дигар нагирифтем баре мо,
Он донаи худкошта бар дод, гирифтем.

Ҳарчанд хароб аз аламе хонаи дил шуд,
Кошонаи уммеди худ обод гирифтем.

Аз қисмати беҳиммати худ бахти накӯро,
Чун сайд ба ранҷ аз кафи сайёд гирифтем.

Дар маҳбаси андеша нишастем, Муҳаммад,
Дар баҳси бузургон нафас озод гирифтем.

*   *   *

Ҳасрати ӯро ҷудоӣ нест аз оғӯши мо,
Бозгардӣ нест рози гуфтаро аз гӯши мо.

Ганҷро оқил намесозад ниҳон дар пушти дар,
Гавҳари ҳарфе наёбанд аз лаби хомӯши мо.

Мекашад дам нурро ранги сияҳ дар коми хеш,
Мебаранд аз сар сияҳчашмон чу нуре ҳуши мо.

Сарддил будем, нори ишқ кори хеш кард,
Вазъи деринро намеёбад касе аз ҷӯши мо.

Дил наметобад зи пушти сина он ранге, ки ҳаст,
Оламе хоб аст зери кулбаи хаспӯши мо.

Нақши роҳи мо ба мағзи устухон биншастааст,
Нест рафтан захми бори нангро аз дӯши мо.

Ҳаст гаҳ дар нӯшбоде ҳам, Муҳаммад, нешбод,
Ояд овози шикасти дил зи бонги нӯши мо.

* * *

Мерасад аз дурҳо номи ту бар гӯши ман,
Боркаши ишқи ту нест ба ҷуз души ман.

Қатраи ашки вафо қатраи равған шавад,
Мавҷ занад аз дигар оташи хомӯши ман.

Тан ҳама дар оташам, гӯӣ, ки чун чойҷӯш
Сар занад аз дидаам оби дили ҷӯши ман.

Дур зи ғамҳо шавам, соҳиби дунё шавам,
Гар ту намои даме майл ба оғӯши ман.

Гар сари худро ниҳам бар сари болини ту,
Боз ба ёдам расад хоби фаромӯши ман.

Оҳи Муҳаммад шунав, аз барам асло марав,
Неш ба комам шавад бе ту ҳама нӯши ман.

* * *

Дили нодида туро дид, ба ман гӯш накард,
Асаре зораи ҳушёр ба мадҳуш накард.

Ғунчаи дидаи ман дид чу хуршеди рухат,
Ҳамчу вартоҷ ба сӯи дигаре рӯш накард.

Зардпечи ғамат оғӯш маро кард, вале
Нахли уммеди маро токи ту оғӯш накард.

Хостам бигзарам аз пеши ту бо қомати рост,
Тоқати бори гарони дили ман дӯш накард.

Хабар аз лаззати дидори ту як бор наёфт,
Он кӣ ғамбодаи ҳиҷрони туро нӯш накард.

Ғайри ту оташи ғамҳои парешони маро
Ҳеҷ дилсӯзу ҷигарсӯхта хомӯш накард.

Риштаи пираҳане риштаи иқбол нашуд,
Фикри ғамҳои ҷигарпора қабопӯш накард.

Бурдӣ аз ёд маро, лек Муҳаммад ҳаргиз,
Рӯзгору ғами дерина фаромӯш накард.

* * *

Ишқ дард асту тан аз дард даво мехоҳад.
Дили шайдошуда аз турк вафо мехоҳад.

Дасти уммед зи лутфи ту нашӯям ҳаргиз,
Ошиқ аз румии белутф сахо мехоҳад.

Кулбаи меҳри маро мулки фараҳ носоз аст,
Дилам аз кӯйи ғами ишқи ту ҷо мехоҳад.

Зиндагӣ бе ту маро ҳаст гаронтар аз марг,
Марги худро ҳама дам зиндаҷудо мехоҳад.

Худгазидан ба сари мо чӣ балоҳо орад,
Хасм беақлии ғолибшударо мехоҳад.

Бе ҷароҳат натавон бар ватани ишқ расид,
Раҳи пур аз намакаш обилапо мехоҳад.

Ҳаваси хоки пур аз ганҷи дигарро нахӯрад,
Гарди ишқи ту, Муҳаммад, зи Худо мехоҳад.

*  *  *

Надорам заррае оташ, кафи хокистарам бе ту,
Набошад хомаам гӯё, набошад дафтарам бе ту.

Ба сар сад мушкил ояд бо ту бошам,тоб меорам,
Надорам тоби як мушкил, ки ояд бар сарам бе ту.

Ту хоки ишқию ман мурғаке дар осмони меҳр,
Нагардӣ такягоҳам, бишканад болу парам бе ту.

Дили ман мезанад фарёд, туро меоварад бар ёд,
Ҳамон рӯзе, ки шинад нозанине дар барам бе ту.

Ҳазар дорам зи бурди бозии майдони тақдирам,
Ман он бозингари бе довару бе ёварам бе ту.

Фурӯ дар худ равам чун хок, хуршеди Муҳаммад бош,
Нагардад хушк ҳаргиз оби чашмони тарам бе ту.

*   *   *

Қадамат бар раҳи армони дили ман нарасид,
Гули меҳрат ба гулистони дили ман нарасид.

Чу табибе, ки барад қисмати бемор зи ёд,
Ба хаёлат раҳи дармони дили ман нарасид.

Гарчи аз нахли қадат меваи ғам хӯрд дилам,
Рутаби ишқ ба дандони дили ман нарасид.

Ба лаб омад зи ғами фурқати ту ҷони азиз,
Хати васли ту ба дастони дили ман нарасид.

Хӯрам афсӯс, ки бар ёди ту – ҷӯяндаи ганҷ
Зари ман – байти парешони дили ман, нарасид.

Нури чашмони Муҳаммад ба қадамгоҳи ту рехт,
Хабари сурма ба чашмони дили ман нарасид.

*  *  *

Диламро бар ту бахшидам, ки то дилдори ман бошӣ,
Шудам бемор, то дармонгари бемори ман бошӣ.

Барои шодии фардо ғами ишқи туро хӯрдам,
Зи ғам ман ҳам шавам озод, агар ғамхори ман бошӣ.

Маро бе ту ғубори зиндагӣ бори гарон тобад.
Гарониро намедонам ту ҳам гар бори ман бошӣ.

Маро ёди гули рӯят барад бозори гул ҳар рӯз,
Аз он беҳтар харидори гули бозори ман бошӣ.

Ту зеби хонаам ҳастӣ, магӯ бегонаам ҳастӣ,
Ту ҳам, эй хоназеб, аз чӣ паси девори ман бошӣ.

Ба тори қисмати худ муҳраи меҳри туро хоҳам,
Чунин як муҳра мехоҳам барои тори ман бошӣ.

Муҳаббатномаам осори ишқи ҷонгудози туст,
Аз он шодам, ки ёдовар ту аз осори ман бошӣ.

*   *   *

Ёди борон аз баҳори рафтаӣ,
Хотирот аз рӯзгори рафтаӣ.

Нақши ишқи ту ба девори дил аст,
Лек худ чун рангубори рафтаӣ.

Заҳри таъхири худ акнун мечашӣ,
Мурғи раҳгум аз қатори рафтаӣ.

Ҷони ширин, аз кафи тақдири талх
Чун инони ихтиёри рафтаӣ.

Мерасад бар мағзи сар таъсири ишқ,
То ба пойи фикр хори рафтаӣ.

Эй раҳи пурпечи умрам низ ту
Як нишон аз изи мори рафтаӣ.

Дасти кӯтаҳ шуд Муҳаммадро насиб,
Аз дараш чун дастёри рафтаӣ.

*  *  *

Баҳри рӯди оҳи ман роҳи гулӯ тангӣ кунад,
Сели ашки ишқро саҳрои рӯ тангӣ кунад.

Дар нигоҳи мурғи ҳастӣ дом метобад ҷаҳон,
Баҳри парвозаш самои орзу тангӣ кунад.

Мерасад аз печхӯрданҳо хамӯш овозҳо,
Ҳалқаи оташ барои тори мӯ тангӣ кунад.

Бар димоғи дигарон худро задан беҳуда нест,
Ҳуҷраҳои хонаи гул баҳри бӯ тангӣ кунад.

Хурд ҳам додан нахоҳад ҷойи худро бар бузург,
Об раҳгум мезанад, вақте ки ҷӯ тангӣ кунад.

Тӯшаи пуртоқатӣ кашшофро бошад зарур,
Варна паҳно ҳам ба чашми ҷустуҷӯ тангӣ кунад.

Ношиноварро барад дур аз лаби дарё ҳарос,
Узр пеш орад, ки ҷойи шустушӯ тангӣ кунад.

Аз либоси хуб маҳрум аст агар ҷисми сухан,
Бар ҳаводорон макони гуфтугӯ тангӣ кунад.

Гардад охир масканаш кӯи фаромушгаштагон,
Баҳри азхудрафта қасри обрӯ тангӣ кунад.

Сокини машҳури мулки дӯстхоҳӣ шоир аст,
Бар Муҳаммад вусъатободи адӯ тангӣ кунад.

*   *   *

Зору ранҷур аз барои ту шудам,
Аз ҳама дур аз барои ту шудам.

Дида банди мӯйро зеби қадат,
Ҳамчу Мансур аз барои ту шудам.

Шоми ҳаҷр асту дили сӯзони ман,
Чашмаи нур аз барои ту шудам.

Аз нигоҳи беш чашмам хира шуд,
Даст деҳ, кӯр  аз барои ту шудам.

Олами нозӯрҳо марговар аст,
Канда ҷон, зӯр аз барои ту шудам.

Аз Муҳаммад  зиндагӣ дигар мапурс,
Зиндадаргӯр аз барои ту шудам.

*  *  *

Баҳори ҳусни ту осор аз хазон дорад,
Дар ин китоб гули зард достон дорад.

Шамоли сард зи кӯи муҳаббатат ояд,
Магар, ки чашми пур аз об ях ба ҷон дорад?

Фалак танӯри сиёҳу занӣ намакобаш,
Ба ранги гирдаи маҳ дар бисот нон дорад.

Шафақ либосу саҳоб аст ҳамчу рӯмолат,
Тамоми хубсифат аз ту як нишон дорад.

Маёр ёд дигар он чӣ аз миён бигзашт,
Фироқдида ба оҳ ашки ноаён дорад.

Ба чашми захми бадилмонда аз хаданги ишқ,
Нигоҳи раҳмсиришк аз ҳама камон дорад.

Ба мулки бахт бидӯзӣ ду дидаи ҳасрат,
Ниёз бомбаро ҳам ба нардбон дорад.

Чиҳо кунам, ки назар дӯхтӣ, нафаҳмидӣ,
Замин ба хоки баланди худ осмон дорад.

Ба дарди ҳасрати дилбохта давое нест,
Муҳаммад ин сухани талх бар забон дорад.

* * *

Зи бӯйи васли ту садсола хоб аз хоб мехезад,
Ҳазорон дард агар дорад, зи ҷо нотоб мехезад.

Диҳад аз шӯри ишқ оромӣ аз даст обрӯяшро,
Ба ҳар баҳре, ки тӯфон по гузорад, об мехезад.

Ба хоки ишқ чун об аст лозим нармрафторӣ,
Ки ин ҷо гард ҳам аз мазраи одоб мехезад.

Ҳама андозаи неруву зӯрашро кунад эҳсос,
Таб аз даргоҳи тан охир зи бими тоб мехезад.

Барои ҳифзи шаъну обрӯи шабдурахшияш
Зи базми рӯзи равшан бехабар маҳтоб мехезад.

Мазан худро ба он ҷое, ки танг аз баҳри ҷавлон аст,
Навоҳои шикасти шишаат аз қоб мехезад.

Ба худ ҳар вожаи эҷоди ман овозҳо дорад,
Муҳаммадро садои табъ аз ҳар боб мехезад.

*      *      *

Агар ваҳм аст, бар сар дидаи андешаи дур аст,
Ба чашми мех мижгон сояи дандони анбур аст.

Норад дузд ҳам аз тарс рӯ бар даргаҳи золим,
Агарчи воқиф ӯ аз бедарии кохи занбӯр аст.

Агар дар тори сар гирӣ, агар гирӣ ба рӯи дил,
Надорад пос ҳурматро, газидан одати мӯр аст.

Ба рӯзи равшан он кӣ ҷодаи худро намеёбад,
Бигӯяд боз ҳар мурғе, ки шабгард аст, он кӯр аст.

Шавад рӯзаш сиях, равшандилеро он ки ранҷонад,
Барои барқ умеди аввалину охирин нур аст.

Ба роҳи тухмату одамфурӯшӣ гом бигзоранд,
Нигоҳи шубҳаи нозӯрҳо пайваста бар зӯр аст.

Намакдории конаш зиндагониро кунад ширин,
Арақҳое, ки резад аз ҷабини ранҷкаш, шӯр аст.

Сухан гуфтан чӣ ҳоҷат, ҳарф агарки нест Бедилвор,
На ҳар тори хате бар сози ашъори дилам ҷӯр аст.

Ба ҷашнаш мотаму дорад ба рӯзи шодмонӣ ғам,
Дилам аз дарди ин ҳастӣ, Муҳаммад, сахт ранҷур аст.

* * *

Ба ғайри доми нигоҳат ҳазору як дом аст,
Ба ғайри мӯи сиёҳат ҳазору як шом аст.

Қатори ханҷари гесӯ ҳазор ханҷаркаш,
Чиҳо кунам, ки гаҳе комҷӯй ноком аст.

Ба ранги лолаи рӯят ҳазору як сурхист,
Далели ин ҳама ранги фиреби айём аст.

Зи шишаҳои пур аз хуни давр бехабарӣ,
Ба рағми ҷоми лаби ту ҳазору як ҷом аст.

Ҷуз оҳи ҳаҷри ту сӯзу ғами ҷаҳон кам нест,
Кӣ гуфт, баҳри пур аз мавҷи даҳр ором аст?

Хабар баранду бигӯянд дорад осоиш,
Ба базми шиквагар афтад хамӯш, бадном аст.

Чу роҳи зинаву бом аст ҷодаи қисмат,
Зи нардбони умедаш баланд ин бом аст.

Зи ҷон супурдан асар дорад интизориҳо,
Ба кӯи васл расидан хаёли ҳар хом аст.

Ниҳодаанд агарчи маро Муҳаммад ном,
Надонам ин раҳи тақдирро чӣ анҷом аст.

* * *

Биё, биё, ки зи ғам хотирам парешон аст,
Биё, биё, ки чу бегона бе ту хешон аст.

Фироқро намаку захм ишқро донад,
Ҳамон, ки бохабар аз сӯзи синарешон аст.

Миёни ҷону дил аз баҳри бурди қисматҳо
Ҳуҷуми гургу парокандагии мешон аст.

Ба сел рӯд, ки пайваст, хонавайрон шуд,
Ками ҳалол фузун аз ҳароми бешон аст.

Касе, ки ишқ биварзад, ба зистан арзад,
Ҳамин ҳидояту таъкиди ман ба ишон аст.

*    *    *

Аз пай раҳи остона гул кард.
Аз мақдамаш ошёна гул кард.

Гарди қадамаш, ки тутиё тофт,
Дар дида маро баҳона гул кард.

Бе ӯ гули бахт заъфарон буд,
Бо ӯ ҳама боғи хона гул кард.

Бардошта аз фараҳ ба сар хок
Дар киштаи умр дона гул кард.

Зулфаш, ки ба каф гирифт шона,
Чун навдаи сабз шона гул кард.

Аз меҳр бадард ҳарфҳо гуфт,
Дар қиссаи ӯ фасона гул кард.

Аз файзи муҳаббаташ, Муҳаммад,
Дар дафтари ман тарона гул кард.

*  *  *

Дидаи зорам ба раҳат рӯзу шаб, бе ту ҷигарпораам,
Чашми пур аз ашкаму ҷони ба лаб, бе ту ҷигарпораам.

Теғи ғамат аз ҳама чӣ тезтар, аз ҳама хунрезтар,
Тоби маро шуд ғами ишқи ту таб, бе ту ҷигарпораам.

Аз чӣ малолию зи чӣ шиквагар, дур шудӣ аз назар.
Чист надонам ба малолӣ сабаб, бе ту ҷигарпораам.

Бе ту маро сол бувад ҳар нафас, мурғи дилам дар қафас,
Бе ту зи ғам фарқ надорад тараб, бе ту ҷигарпораам.

Тифли ғами ишқ ба дил ҷо диҳам, хеш тасалло диҳам,
Баъди ғами зиндагӣ ояд тараб, бе ту ҷигарпораам.

Ҷуз ба висоли ту надорам мароқ, оҳ зи дасти фироқ,
Дорад аз Эзид Муҳаммад ин талаб, бе ту ҷигарпораам.

*  *  *

Зи сӯзи ишқ дилам офтоб хоҳад шуд,
Яхи уммеди куҳанғусса об хоҳад шуд.

Ба ҷоми дидаи ман он нигоҳи обият
Чу ашки ток чакида, шароб хоҳад шуд.

Нигоҳи ту шуда табхола бар тани чашмам,
Ба бори таб асари пур зи тоб хоҳад шуд.

Ҳама азобу ғаму сӯзи беҳисоби ман
Гуноҳи беғамии ту ҳисоб хоҳад шуд.

Ба ёди ту гузаронам агарки бедорӣ,
Ба фикри дидани ту чашм хоб хоҳад шуд.

Муҳаммадат агар дигар сӯ нагардонӣ,
Ҷигаркабобтар аз ҳар кабоб хоҳад шуд.

*   *   *

Ғами ишқ аз дили ғамхораи худ меҷӯям,
Пайи умр аз ҷигари пораи худ меҷӯям.

Ба сари ҳаҷр хаёли дами васл аст маро,
Чора аз қисмати бечораи худ меҷӯям.

Душмани модари ман модари гетӣ бошад,
Роҳат аз ҷунбиши гаҳвораи худ меҷӯям.

Ҳама хобу мани бедор зи дунёи хаёл
Тифли гумгаштаву овораи худ меҷӯям.

Канда шуд аз фалаки бахти баланд ахтари меҳр,
То дами вопасам истораи худ меҷӯям.

Чашмам аз бехабарӣ гавҳари нозат нашинохт,
Авфи худ аз асари зораи худ меҷӯям.

Нақши барҷойи Муҳаммад ҳунари пуртобист,
Ҳайкали ишқи ту аз хораи худ меҷӯям.

* * *

Гуфтам, ки рӯй аз ту битобам, нашуд, нашуд,
Роҳи ҳисоб бе ту биёбам, нашуд, нашуд.

Бар хоби ман даромадӣ имшаб чу дина шаб,
Гуфтам, ки бе хаёли ту хобам, нашуд, нашуд.

Пайванди хоки дигаре гаштам, вале бурун
Аз киштзори ёди ту обам нашуд, нашуд.

Дур аз ту хостам равам, рафтӣ ту пеш-пеш,
Роҳат рафиқи банди азобам нашуд, нашуд.

Сад бор аҳд бастаму паймон шикастаам,
Пок аз гуноҳ боз савобам нашуд, нашуд.

Аз он танур – аз ҳамон пурлахча лонаат,
Як лаҳза дур мурғи кабобам нашуд, нашуд.

Аз боби ишқ Муҳаммад саволам бидодаанд,
Аммо писанди хеш ҷавобам нашуд, нашуд.

*   *   *

Падар оби ҳаёташро зи дашти ташналаб меёфт,
Зи сози ғуссаҳои умр оҳанги тараб меёфт.

Зи баъди ранҷҳои беш мешуд соҳиби ганҷе,
Ба душворӣ сарои роҳат он заҳматталаб меёфт.

Дар он саҳро ҳама тирукамонҳои умедашро
Зи хатҳои қабояш, аз матои беқасаб меёфт.

Замини пуштаи полез пинҳон зери ҳосил буд,
Дили хоки ба нам муҳтоҷи саҳроро аҷаб меёфт.

Наметарсид шаб ҳам дар миёни пуштаи пурваҳм,
Дуо дар лаб, барори рӯзро аз файзи шаб меёфт.

Ҳама аз рӯди инсофаш, зи ҳавзи дидаи софаш,
Зари гумкардаи мулки аҷамро аз араб меёфт.

Чу ҳарфе буд ҳар дон дар хати шудгори саҳрояш,
Яке девони қисмат, дигар аз он мунтахаб меёфт.

Муҳаммад низ ёбад ризқи худ аз пуштаи номус,
Чунонки қиблагоҳаш тоби нангашро зи таб меёфт.

*   *   *

Маро ишқи ту пайғоми дигар дод,
Ба нанги қисматам номи дигар дод.

Ба базми зиндагонӣ даъватам кард,
Шароби ҳастӣ аз ҷоми дигар дод.

Нигоҳи сардро бахшида гармӣ,
Кабоби пухта аз хоми дигар дод.

Ҷаҳон мемонд бе ин ҳам қафасро,
Ба мурғи бахти ман доми дигар дод.

Зи барфи рӯзгор эмин нигаҳ дошт,
Шарар аз чашми бодоми дигар дод.

Маро ишқи ту аз ҳимматбаландӣ
Баландиҳои илҳоми дигар дод.

Ғами талхаш Муҳаммадро асал шуд,
Ҷаҳони лаззату коми дигар дод.

*   *   *

Он чӣ дил гуфт аламнок, каломаш кардам,
Он чӣ бӯе зи навӣ дошт, паёмаш кардам.

Талхи ширини маро то ба лаби ноз барад,
Бодаи ашки фурӯбурда ба ҷомаш кардам.

Ҳосил аз файзу сахо коми дили банда шавад,
Он чӣ дар хони вафо буд, ба комаш кардам.

Тани ман бе тани ӯ ҳастии худ гум мекард,
Буд шоҳе дили озод, ғуломаш кардам.

Шояд аз қисмати пурзаҳматам андеша кунад,
Ҳамчу девор ба сар хизмати бомаш кардам.

Равад аз дасти хамӯшӣ самари бурду барор,
Соҳиби нола шуд овоз, мақомаш кардам.

Ишқ ёди нафаре ҳаст, Муҳаммад, ҳама умр,
Нангро пеша ман аз хотири номаш кардам.

*  *  *

Аз ҷароҳат ҷигарам гулзор аст,
Нур дар чашми тарам гулзор аст.

Аз раҳи сӯхтанам бехабарӣ,
Шамъи пур аз шарарам гулзор аст.

Ба хаёлат гули ахтар шумарам,
Осмон дар назарам гулзор аст.

Холи ту тухми гули рӯи ту ҳаст,
Мон ба рӯят нигарам, гулзор аст.

Туӣ дар дидаву дар хона манам,
Ҳама девору дарам гулзор аст.

Гузарӣ аз гузарам ишвакунон,
Қадамат дар гузарам гулзор аст.

Хабарат нест зи ғамҳои дилам,
Дили ғамбохабарам гулзор аст.

Самари умр зи гулзори вафост,
Умри пур аз самарам гулзор аст.

Гули эҷоди Муҳаммад гули ишқ,
Ҳарфҳо дар асарам гулзор аст.

*   *   *

Мақсади умрбоди ман ёфтани дили ту ҳаст,
Мушкили зиндагӣ сабук нисбати мушкили ту ҳаст.

Бе ту ба ҷони худ расам, дар кафи оташе хасам,
Сабзаи майлу орзу як асар аз гили ту ҳаст.

Тоб ба шӯри рӯди ишқ он ки биоварад, манам,
Гарчи ҳазор лофзан дар лаби соҳили ту ҳаст.

Ойинаи муҳаббатам, тарҳи ҷамоли исматам,
Акси ба дида хуфтаам, акси муқобили ту ҳаст.

Бастану боз кардани чашми ту дида, гуфт дил;
Ҳар ду ҷаҳон баҳам занӣ, хасми ту қоили ту ҳаст.

Рӯзу шаби ҳаёти ман мегузарад ба ёди ту,
Донаи ғам насиби ман, лек зи ҳосили ту ҳаст.

Монд зи роҳ корвон, гуфт ба дард сорбон,
Аз ҳама роҳи дури ман ҷодаи манзили ту ҳаст.

Ҳарф шуд ашки хомаам, пуралам аст номаам,
Шод Муҳаммад аст аз он лоиқи маҳфили ту ҳаст.

*   *   *

Дилам аз баҳри ту аз сина бурун меояд,
Аз дараш соҳиби ганҷина бурун меояд.

Хотири меҳр бузург аст, ки аз хотири меҳр
Ноилоҷ аз дари дил кина бурун меояд.

Хок бардошта бар сар, зи таҳи мазраи ишқ
Дони ёди ғами дерина бурун меояд.

Лаззати акси ту гӯянд ба ойина агар,
Зуд аз хонааш ойина бурун меояд.

Чашми мешии туро гургсифат ҳам бинад,
Тарки хӯ карда, зи гургина бурун меояд.

Гар садои қадамат пойгузорак шунавад,
Ба тамошои ту аз зина бурун меояд.

Умрро ишқ, Муҳаммад, асари такрор аст,
Ки аз имсоли ту порина бурун меояд.

*  *  *

Чи гуноҳе, ба Худо, ин ҳама мардум кардаст,
Дидаи абр ниҳон ашки тараҳҳум кардаст.

Ё ягон ҳокиму дорандаи азхудрафта
Дида ҳоли бади талбанда табассум кардаст.

Ё касе дар бари мотамкада ороста ҷашн
Он суруде, ки кунад шод, тараннум кардаст.

Қаҳри яздони бузург омада, шояд ки касе
Дар лаби об ба сар фикри таяммум кардаст.

Чӣ хатое бигузаштаст, ки хушк аст замин,
Осмон қудрати бигристанаш гум кардаст.

Себ бо хурдии худ фарқ зи олу накунад,
Хӯшаи тактакӣ ин донаи гандум кардаст.

Як гиёҳи сараш афрохта дар саҳро нест,
Сари сабзи ҳамаро зардшавӣ дум кардаст.

* * *

Эй дил, зи рӯди ишқ агар нӯш мекунӣ,
Бедор хоки синаи хомӯш мекунӣ.

Чарми сафеди чашми маро дар раҳи висол,
Эй мардумак, ба пой чу попӯш мекунӣ.

Эй ишқ, дода маснади фурқат ба ман, маро
Аз мансаби висол сабукдуш мекунӣ.

Шарманда оқибат шавӣ аз дасти маҳвашон,
Эй ақл, агар ба ҳарфи дилам гӯш мекунӣ,

Эй сина, нест мисли ту бефаҳм дар ҷаҳон,
Девонаро чу тифли худ оғӯш мекунӣ.

Аз ёди посдори Муҳаммад намеравӣ,
Ҳарчанд агар варо ту фаромӯш мекунӣ.

*   *   *

Ғунчаи чашмам шукуфт аз офтоби рӯи ту,
Дидаи уммед чун вартоҷ дӯзам сӯи ту.

Бар машомам аз ту бӯйи нарми борон мерасад,
Абри боронист дар пиндори ман гесӯи ту.

Камсамар чун ток умри бебаҳоям мегузашт,
То намезад хадраҳоямро қалам абрӯи ту.

Моҳии дилро зи баҳри синаам берун кашид,
Нест шасте ҳамчу тори ҳалқадори мӯи ту.

Шери нангам гашт аз оҳуи сеҳрат бемакон,
Ҳукмрони ҷангали тақдир шуд оҳуи ту.

Ман наменолам дигар аз неши оруи фироқ,
Шуд асал гулҳои ишқ аз наштари оруи ту.

Чун ту дар кӯйи вафо сарчашмаи иқбол нест,
Ташнагӣ охир Муҳаммадро барад бар кӯи ту.

*     *     *

Ҳар дам занад иблиси фироқи ту зи роҳам,
Яздони висоли ту кунад боз нигоҳам.

Абрам, ки намебинӣ равон гаштани ашкам,
Раъдам, ки туро нест ғами нолаву оҳам.

Дар мамлакати ноз туӣ шоҳи ягона,
Ман дар ватани тоқати худ мисли ту шоҳам.

Бо лашкари дарду аламам сӯи ту рафтам,
Аз раҳ сафи мижгони ту гардонд сипоҳам.

Хоҳам, ки ба дузди нигаҳам хонаи чашмат
Маҳбас шаваду авф масозӣ ту гуноҳам.

Афтода ба пои ғами ту, рӯт надидам,
Бар дастаи гул баста магар мисли гиёҳам.

Гуфтӣ ба Муҳаммад: – Сияҳ испед нагардад,
Гардид сафед аз ғами ту мӯи сиёҳам.

* * *

Хоҳам, ки даме дур набошӣ зи бари ман,
Бе қуввати дил кор наояд ҷигари ман.

Гар дур равӣ аз бари ман, ғусса чу душман,
Танҳоии ман дида, биёяд ба сари ман.

Аз ҳар тарафе ханҷару шамшери аламҳост,
То чанд занад бо сипаҳе як сипари ман.

Бигрифтани мулки дили ту гарчи гарон аст,
Аз парчами меҳр аст уммеди зафари ман.

Ман даргаҳи иқболаму ман олами меҳрам,
Ҳаргиз ту макун канда паятро зи дари ман.

Афсӯс хато карду ба дасти дигаре дод,
Як умр кунад шиква зи худ номабари ман.

Марди сафар аз роҳ нахоҳад, ки бимонад,
Мон баста шавад баҳри ту роҳи сафари ман.

Сӯзад зи ғами ишқи ту чун шамъ Муҳаммад,
То нури раҳи бахти ту гардад шарари ман.

* * *

Ба ҳар як сина ҷо дорӣ, дилатро ёфтан мушкил,
Ба ҳар ҷо роҳ ёбӣ, манзилатро ёфтан мушкил.

Ту он дарё, ки аз ту нохудоеро раҳоӣ нест,
Зи байни мавҷу тӯфон соҳилатро ёфтан мушкил.

Ҳама ду дида сӯи ту, ҳама дар гуфтугӯи ту,
Зи олам душману номоилатро ёфтан мушкил.

Ба мулки ҳаҷр афтодам, биё бе раҳбалад охир,
Раҳи кӯйи висоли мушкилатро ёфтан мушкил.

Ба девори дили ман ҷуз гили меҳрат намечаспад,
Муҳаммад бо алам гӯяд гилатро ёфтан мушкил.

*   *   *

Хайма зад ишқ ба саҳрои дилам, дилшодам,
Нестам гӯшаи вайрона дигар, ободам.

Корвони ғаму дардаш гузарад аз раҳи дил,
Зи дарояш расад овоз дами фарёдам.

Мичаи дидаи пурмеҳр бишуд нохуни раҳм,
Гираҳи риштаи печидаи дил бикшодам.

Новаки ғамза кунад пур ҳадафи синаи чок,
Ба арӯси нигаҳи нозфикан домодам.

Соҳиби номи ғами ишқ шудам, лек куҷост,
Ғамшиносе, ки биёяд ба муборакбодам.

То даме чашм паси панҷараи мичгон аст,
Зору озурда чу маҳбус мани озодам.

Чӣ тавон кард, ки аз хотири он моҳи бузург
Ман ҷавоби ҳамаи моҳвашонро додам.

Сухани пухта, Муҳаммад, ҳама аз сӯхтан аст,
Сӯхтан кард баланд оташи истеъдодам.

*  *  *

Раҳхате бар ишқободи ту бар ман додаанд,
Кунҷи ғам аз маскани шоди ту бар ман додаанд.

Дида бефарҳангии ҳар худситои роҳи ишқ,
Қиссаи ногаштаэҷоди ту бар ман додаанд.

Тӯтиёи чашм медонам ғубори доманат,
Гардҳои домани ёди ту бар ман додаанд.

Маҳмили хомӯши нозӣ, нестӣ ҳамдарди ман,
Чун ҷарас андӯҳи фарёди ту бар ман додаанд.

Бо чӣ пинҳон мекунӣ дарди пушаймон гаштанат,
Номаҳои рафтабарбоди ту бар ман додаанд.

Тарҳи рӯятро Муҳаммад мекашад рангибаранг,
Ҳасрати ҳусни худододи ту бар ман додаанд.

*   *   *

Ханҷари ноз турову сипари тоб марост,
Нашъаи хоб туро, дидаи бехоб марост.

Сурхии рӯй кунад фарқ зи сурхии ҷигар,
Араќи шарм турову дили зардоб марост.

Ишқ он оя, ки тафсиргараш пайдо нест,
Ҳарфҳо дидаи пуроб ба ҳар боб марост.

Ман нагӯям сухан аз дидани маҳтоби фалак,
Гӯям аз дидани рӯи ту, ки маҳтоб марост.

Дар адабгоҳи муҳаббат, ки сабақ бигрифтам
Сари ҳар як қадам андешаи одоб марост.

Гар, Муҳаммад, садафи меҳр бағал бикшояд,
Гавҳари ишқи худододаву ноёб марост.

*    *    *

Қалам аз хаташ абрӯйи сухан мечӯяд,
Аз гули чеҳраи ту рӯйи сухан мечӯяд.

Мағзи маънӣ, ки ман аз мардумакат меёбам,
Мардуми дилшуда дилномаи ман мечӯяд.

Боғбонам, пайи сарсабзии гулбоғи уммед,
Чашмам аз холи рухат тухми суман мечӯяд.

Мирам аз ҳаҷри ту, рӯйи ту чу рӯйи ватан аст,
Дурафтода дами марг ватан мечӯяд.

Пеши ту мурданам аз зиндагии дур хуш аст,
Гӯр аз хоки висоли ту бадан мечӯяд.

Гар набошӣ бари ман, хона ба чашмам гӯр аст,
Сони рӯпӯш танамро чу кафан мечӯяд.

Ба ҳама ёфта гумкарда зи хотир наравад,
Ошиқ аз поси вафо ёри куҳан мечӯяд.

Ишқ панд аст ва ё фанд, Муҳаммад ҳама умр,
Раҳи дилёбии он шӯрфикан мечӯяд.

*   *   *

Вафо дасти дуъоро ҷом созад,
Ҷафо тори вафоро дом созад.

Хӯрад то оби ашк аз хонаи чашм,
Ба сеҳраш ишқ рӯро ком созад.

Чӣ сеҳр аст ин, ки як оҳутабиат
Ҳазорон шерхӯро ром созад?

Ба роҳам гарди беаҳдӣ надорам,
Ғубор оинаро бадном созад.

Барад олудагӣ осудагиро,
Сиёҳӣ субҳдамро шом созад.

Шаҳиди корвони орзуро
Хати маргаш ҳаёт инъом созад.

Умеде гар набахшӣ, ноумедӣ
Ҳама оғози ман анҷом созад.

Муҳаббат чоҳи ғам дорад, Муҳаммад,
Даромадгоҳи худ аз бом созад.

* * *

Ишқи ту даруни дили ман ҷой гирифтаст,
Дар қатраи хуни дили ман ҷой гирифтаст.

Гарди алами ишқ, ки дар хок нағунҷад,
Дар мағзи вуҷуди гили ман ҷой гирифтаст.

Ҳамқисмати аҳли башарам кард ғами ишқ,
Олам ҳама дар манзили ман ҷой гирифтаст.

Дар кӯи муҳаббат раҳи осонгузаре нест,
Дар мушкили ман мушкили ман ҷой гирифтаст.

Он қиссаи пурдарди ҳикоятгари ишқат
Дар сарсухани маҳфили ман ҷой гирифтаст.

Дарёи ғаму сели фироқи ту – ду офат
Якҷо шуда, дар соҳили ман ҷой гирифтаст.

Дилсӯз Муҳаммад чи кунад, тоири ишқат
Дар хирмани пурҳосили ман ҷой гирифтаст.

* * *

Ноз аз ватани ҳадаш гузаштаст,
Ҷабр аз хати сарҳадаш гузаштаст.

Умрам ба ҷавонӣ аз хаёлаш
Аз марҳалаи садаш гузаштаст.

Бар ман ҳама ростӣ чу ибрат
Аз ростии қадаш гузаштаст.

Дил шубҳа аз он кунад, ки имрӯз
Ҳангомаи мақсадаш гузаштаст.

Бо ин ҳама боумед гӯям:
Некиш расад, бадаш гузаштаст.

Алқисса, ки тири дарди ишқаш
Бар ҷисми Муҳаммадаш гузаштаст.

*   *   *

Аз муҳаббат ашки ман аз қаъри дил берун шавад,
Рӯй бар боло кунад ошиқ, агар Маҷнун шавад.

Дард аз ҳамдардию аз гиря мегардад сабук,
Гар ба як ҷо об ҷамъ ояд, хатар афзун шавад.

Дилсияҳ аз дилсиёҳӣ мехӯрад теғи алам,
Дар гулистон байни гулҳо лола ғарқи хун шавад.

Нарм ҳам созем, сарсабзӣ нахоҳад шӯрахок,
Мурдадил кай бар ҷамоли зиндагӣ мафтун шавад?

Мисли хуршед аз ягон кунҷи ҷаҳон тобад бузург,
Гар паси сад пуштаи абри сияҳ макнун шавад.

Қомати мавзуни ӯро ҳар гаҳе орам ба ёд,
Дафтари умед пур аз мисраи мавзун шавад.

Ишқро нозам, Муҳаммад, дар дабистони ғамаш
Гар фитад нофаҳм ҳам, доно чу Афлотун шавад.

*  *  *

Бар кӯйи ғами ту кашам охир сипаҳи ишқ,
Андешаи ҷонаш накунад марди раҳи ишқ.

Чун хасми ниҳонкори муҳаббат бубарорам
Ман кинаи пинҳоншудаашро зи чаҳи ишқ.

Бар хирмани пур аз гуҳари даҳр набахшад
Дилбохта аз дасти дилаш гарди каҳи ишқ.

Дар мамлакати зиндагии хеш ғариб аст
Ҳар кас, ки фитад дур агар аз нигаҳи ишқ.

Чун тифли ғаше ҷони Муҳаммад ба лаб орад,
Осон набувад тарбияти бегунаҳи ишқ.

*     *     *

Дар сарои ёди ошиқ ёр пайдо мешавад,
Вақти хобаш низ як бедор пайдо мешавад.

Дидаи боз аст маҳрум аз висоли рафтагон,
Чашмро пӯшем агар, дидор пайдо мешавад.

Аз нишоти ҷамъ танҳомонда ҳам ноком нест,
Дар сараш андешаи бисёр пайдо мешавад.

Дар китоби дарди ҳастӣ мо тасаллиномаем,
Дар фараҳободи мо ғамдор пайдо мешавад.

Захри ҳастихӯрдаро ангушт агар бар раг расад,
Дар ниҳонҷои хаёлаш мор пайдо мешавад.

Аз ҳама бошад табиби раҳмдил пурдардтар,
Пеши рӯяш чеҳраи бемор пайдо мешавад.

Суд ҳам дорад зиён, ҳатто зи гӯри тоҷирон
Доду ғавғову ғами бозор пайдо мешавад.

Ҳар хабар бар оташи даврон, Муҳаммад, равған аст,
Кинаҳо дар меҳр аз ахбор пайдо мешавад.

*   *   *

Ғамгусорам шав, ки ғам дорад дилам,
Ҳаҷр бе васли ту гардад қотилам.

Ҳамчу дарёӣ, ки бар ёд оварад
Мурдаеро бе ту санги соҳилам.

Гар ба кӯйи ман наоӣ чун баҳор,
Сабзае ҳаргиз нарӯяд аз гилам.

Мисли абр аз киштзоронам гузар
Варна месӯзад тамоми ҳосилам.

Риштаи умри маро созӣ дароз,
Гар кушоӣ уқдаҳои мушкилам.

Манзили меҳри Муҳаммад ҷойи туст,
Кай пайи некат расад бар манзилам.

* * *

Чашми ман кӯйи туро то рӯз бонӣ мекунад,
Мулки худро ҳокими дилсӯз бонӣ мекунад.

Ахтарони осмонро хонда наҷми бахти хеш,
Дар замин ошиқ хаёли осмонӣ мекунад.

Навбати оҳу фироқаш гашта девори висол,
Кош баҳри васл агар навбатпаронӣ мекунад.

Кард агар девонагӣ Маҷнун ба саҳрои кушод,
Дил даруни сина пироҳандаронӣ мекунад.

Бори дардам бар мизони ишқ бояд баркашид,
Бар тарозуи дигар бораш гаронӣ мекунад.

Нест беҳтар аз муҳаббат бар Муҳаммад ҳамсафар,
Корвони бахтро ӯ сорбонӣ мекунад.

*   *   *

Ишқи ту дар синаам бунёди манзил мекунад,
Хонаи дилро зи лои сӯзу ғам гил мекунад.

Умрҳо ором будам, мавҷи пуртӯфони ишқ
Баҳри эҳсони маро берун зи соҳил мекунад.

Нест монанди ту афсунгар, ки барқи сеҳри ту
Шӯъла аз хокистари хомӯш ҳосил мекунад.

Бо ҳама ранҷи ту тоб орам, ки дарди рӯзгор
Он якеро бар дигар ночор моил мекунад.

Бар Муҳаммад гар расад аз шамъи рӯят шуълае,
Тармаи ҳасрат сафар аз пуштаи дил мекунад.

*   *   *

Дасти меҳри ту агар як бор оғӯшам кунад,
Кина аз ғам гашта савдоӣ, фаромӯшам кунад.

Гар расад ангушти ту бар тан, шавад сӯзам ниҳон,
Чун чароғи барқаму як тугма хомӯшам кунад.

Равшаниро дур месозад сафедӣ аз худаш,
Чеҳраи пурнури ту умре сияҳпӯшам кунад.

Қоматамро хам насозад бори сангини ҳаёт,
Хамшавӣ дар пеши ту як рӯз хам дӯшам кунад.

Гӯш месозам ба гуфтори ту аз наздику дур,
Роҳат аз мизроби ҳарфат пардаи гӯшам кунад.

Эй табиби ҷони ширини Муҳаммад, сеҳри ту
Заҳрро шаҳди ҳаёту нешро нӯшам кунад.

*   *   *

Як рӯз наоӣ, ғами садсола биёяд,
Бар дидани доғи ҷигарам лола биёяд.

Хуршедию бе рӯи ту борони сиришкам
Ях баста, зи абри нигаҳам жола биёяд.

Аз оташи ишқи ту чу най мағзи дилам рехт,
Аз синаи дилрехтагон нола биёяд.

Фикрам, ки ба алвони рухат банд мудом аст,
Кай бар сари ман ёди дигар кола биёяд.

Чун ҳола занам ҳалқа ба гирди маҳи меҳрат,
Бошад сари мӯ раҳми ту бар ҳола биёяд.

Озодӣ агар ҳаст, ба ищқ аст, Муҳаммад,
Бар кӯйи азобовари худ вола биёяд.

*  *  *

Корвони бахтам аз саҳрои заҳмат омадаст,
Сорбони ишқам аз мулки муҳаббат омадаст.

Бин ҳамон занбӯраке, ки хонавайрон гашта буд,
Марқади парвонаро гирён зиёрат омадаст.

Гардҳои мурдаи хоки диламро то барад,
Аз диёри орзу боди мурувват омадаст.

Ҳиммати мардонаро бин, баъди сад теғи ҷафо,
Бар дараш хунгаштае бо як ишорат омадаст.

Даргузашт абри ғаму барқи ҷигарсӯзи фироқ,
Бар самои умр хуршеди саодат омадаст.

Бигзарондӣ дар вафову меҳр аз бигзаштагон,
Бо ҳамин мазмун, Муҳаммад, хат ба номат омадаст.

*  *  *

Расад бӯйи гул аз пироҳани ишқ,
Магар ҳаст ин матоъ аз гулшани ишқ.

Гирифторон ба садҳо халтаи зар
Намебахшанд гарди домани ишқ.

Зи ошиқ қурби ишқи покро пурс,
Ба тилло мехарад ӯ оҳани ишқ.

Ҳазорон хӯшаи иқбол рӯяд
Зи дони пур зи мағзи хирмани ишқ.

Китобаш аввалу охир надорад,
Ягон одам намедонад фани ишқ.

Ғарибӣ ҳар ду олам ҳаст ошиқ,
Ватан бошад барояш маскани ишқ.

Муҳаббат ҳаст агар хуршеди қисмат,
Дили пурсӯз мехоҳад тани ишқ.

Дили чоки Муҳаммадро надӯзад,
Ба ҷуз тори вафою сӯзани ишқ.

*   *   *

Дар вафо то ҷигаре пора накардем, нашуд,
Ҷабр то бар дили бечора накардем, нашуд.

Хонаи дил ба калонгашта ғамаш тангӣ кард,
Бурун ин тифл зи гаҳвора накардем, нашуд.

Гираҳи риштаи иқбол набикшод ғурур,
То шабу рӯз варо зора накардем, нашуд.

Дур гаштем, шуд аз дурии мо дуртарак,
Хешро аз паяш овора накардем, нашуд.

Сари худ пеши ҳамон кӯҳи баланди нозаш,
То даме паст чу кӯҳпора накардем, нашуд.

Дардмандем Муҳаммад, тани бедармонро,
То ба дастони худаш чора накардем, нашуд.

*   *   *

Пуртоби ҷаҳон тоби нигоҳи ту надорад,
Як зарра ғубор оби нигоҳи ту надорад.

Чашми сияҳат бурд фурӯ нури ҳаётам,
Олам ҳама асбоби нигоҳи ту надорад.

Аз дидани хоби ту нигаҳ сер нагардад,
Бемории мо хоби нигоҳи ту надорад.

Аз як нигаҳат меҳр ба дил ҷой бигирад,
Сад чашм як одоби нигоҳи ту надорад.

Дилдори ту аз ғуссаи тақдир нанолад,
Аз худ гила дилёби нигоҳи ту надорад.

Ҳайратзадаи мисраи абрӯт Муҳаммад,
Девони ҷаҳон боби нигоҳи ту надорад.

*  *  *

Тарҳи рӯйи нозанинат мерасад бар ёди ман,
Дидаҳои раҳмгинат мерасад бар ёди ман.

Дар баёзи гарданат аз муҳра осоре набуд,
Дасти беангуштаринат мерасад бар ёди ман.

Сахтие имрӯз агар бинам, ба сад оҳу дареғ
Нармии хоки заминат мерасад бар ёди ман.

Навбаҳори зиндагонӣ бевафоӣ бар ту кард,
Сунбули мӯйи маҳинат мерасад бар ёди ман.

Ганҷи шеъру меҳри дунёи Муҳаммад аз ту буд,
Олами меҳрофаринат мерасад бар ёди ман.

*   *   *

Узрои азобатро Вомиқ будан осон нест,
Пеши рухи хуршедат бориқ будан осон нест.

Аз фикри туам хаста, бе фикр ту биншаста,
Бар аҳди ба ҳам баста содиқ будан осон нест.

Фармонбари ду дил ман, дарёи ду соҳил ман,
Бар хешу ба бегона мушфиқ будан осон нест.

Бар тоби таби ошиқ, бар моҳи шаби ошиқ,
Бар мартабаи ошиқ лоиқ будан осон нест.

Бори ғами ту бурдам, заҳри ғами ту хӯрдам,
Аз дасти ғамат мурдам, ошиқ будан осон нест.

*  *  *

Бе дарду ғаме, эй дил, ҳамдил шудан осон нест,
Марди сафари роҳи мушкил шудан осон нест.

То рӯи маҳаш бинам, як умр чу хуршедам,
Бар васли накурӯён ноил шудан осон нест.

Гаҳ наздику гоҳе дур, гаҳ ҷӯр, гаҳе ноҷӯр,
Ҳар лаҳза ба сӯи ӯ моил шудан осон нест.

Маънии нигоҳашро ҳар кас натавон фаҳмид,
Дар мактаби ишқи ӯ оқил шудан осон нест.

Ишқ аст чу дарёе тӯфони дигар дорад,
Умре ба чунин дарё соҳил шудан осон нест.

Дилро зи Муҳаммад бурд, бар хоки ғамаш биспурд,
Чун хӯша аз ин дона ҳосил шудан осон нест.

*   *   *

Мурғи хаёл сӯи ту боз ба сад баҳона рафт,
Дар ғами ҷуфти ошно дур зи ошёна рафт.

Шоли ту ҳамчу лона тофт, холи ту мисли дона тофт,
Кафтари дидагони ман боз зи пушти дона рафт.

Шабнами дилнишини ман, ашки дили ҳазини ман
Ҷониби дигар осмон охир аз остона рафт.

Эй садафи умеди ман, эй ҳадафи умеди ман,
Тири нигоҳ аз паят чун зи пайи нишона рафт.

Ҷуст нишот он яке, ганҷи ҳаёт он яке,
Ҷуста Муҳаммадат вафо, бо раҳи ҷовидона рафт.

*   *   *

Ишқ он шӯъла, ки хомӯш нагардад ҳаргиз,
Нешхӯрдаш зи пайи нӯш нагардад ҳаргиз.

Ҳама ғамҳои ҷаҳон гарчи фаромӯш шаванд,
Ғами дилдода фаромӯш нагардад ҳаргиз.

Сӯзад аз оташи меҳраш дилу ҷонам шабу рӯз,
Деги уммед, вале ҷӯш нагардад ҳаргиз.

Гарчи умре ба дилу ҷони чу пӯлод занад,
Дами теғи хами абрӯш нагардад ҳаргиз.

Бӯйи сад боғ агар дур бигардад зи машом,
Дур бӯйи хуши оғӯш нагардад ҳаргиз.

Як ҷаҳон дарду аламхош шавад ёфт, вале
Ёфт як зарраи доруш нагардад ҳаргиз.

Ишқ бошад, ғами оянда, Муҳаммад, чӣ хӯрӣ,
Ғайри ошиқ зи пайи дӯш нагардад ҳаргиз.

*   *   *

Тарҳи ту дар оинаи чашмони ман афтад,
Акси ту ба девори тану ҷони ман афтад.

Аз кулчаи рӯи ту нагирам нигаҳи хеш,
Гирам, ба даҳони дигаре нони ман афтад.

Саҳрои дил аз хӯшаи уммед шавад пур,
Дар хоки вафои ту агар дони ман афтад.

Ғайри ту нашуд бар дигаре гарм дили ман,
Аз оҳи ман имрӯз дуохони ман афтад.

Чун бод набигзар зи барам беғаму дилсард,
К-аз шохаи худ меваи армони ман афтад.

Хушбахттарин шоири дунёст Муҳаммад,
Гар мисраи абрӯт ба девони ман афтад.

*  *  *

Як нигоҳи ту диламро мебарад.
Оҳу фикри ботиламро мебарад.

Мисли борон аз бари девори тан
Ҷӯи ашки ту гиламро мебарад.

Ишқи ту дарёи тӯфонӣ шуда
Сангу хоки соҳиламро мебарад.

Ман наменолам, агар сели ғамат
Хонумони манзиламро мебарад.

Бе насими ишқ ҳам боди хазон
Барги боғу ҳосиламро мебарад.

Васл аз ҷисмам, Муҳаммад, чун даво
Дарди ҳаҷри мушкиламро мебарад.

*   *   *

Марезон ашки чашмамро, ки ғарқи баҳри ғам гардӣ,
Ба хоки пур зи оби ҳасрати ишқам қадам гардӣ.

Саломам бе алеку бе ҷавобат монд пайғомам,
Надорӣ баски пойи раҳм, дар кӯйи ситам гардӣ.

Зи ранги шуҳратовар дафтари бахтам сияҳ гардад,
Нагирӣ гар сари роҳаш, тиҳӣ мисли қалам гардӣ.

Ба худ ҳаргиз намеоӣ, аламро гар диҳӣ аз даст,
Хазон бинӣ гиёҳатро, замини пур зи нам гардӣ.

Ҳаводорон чӣ бисёранд, аммо кам вафодорон,
Маноз аз беш, аз он тарсам, ки рӯзе зори кам гардӣ.

Сари тифли умед аз бори фикри ишқ хам гаштаст,
Мукофоти амал гирӣ, зи ман бадтар ту ҳам гардӣ.

Туро шояд, ки бо ҷурму гуноҳе муттаҳам карданд,
Биё, бахшам гуноҳатро, ки бо ман муҳтарам гардӣ.

Марезон ашки чашмамро, ки ғарқи баҳри ғам гардӣ,
Ба хоки пур зи оби ҳасрати ишқам қадам гардӣ.

*   *   *

Бе ту оби зиндагонӣ зиндагибахшанда нест,
Бе ту наҷми хизри бахтам ҷовидон рахшанда нест.

Бе ту аз домони фардо мекашам дасти умед,
Дар ғамам гарди фараҳ, дар гиряҳоям ханда нест.

Доми ишқат дона ҳасту чоҳи ишқат хона ҳаст,
То наафтад банда дар банди муҳаббат, банда нест.

Нест дар ойинаи чашмам ба ғайри акси ту,
Пойи фикрам аз раҳи гаштугузорат канда нест.

Сӯхтӣ қасри дилам, кардӣ бурун аз манзилам,
Чун шарори ишқ пинҳон оташи сӯзанда нест.

Ғайри ганҷи меҳр дар дунё намонад ҳеҷ чиз,
Соҳиби ганҷинаи меҳрам, чу ман доранда нест.

Гуфтаӣ шарманда аз дастам Муҳаммад мешавад,
Кардаӣ беҳад ғалат, дилбохта шарманда нест.

* * *

Ҳамчун асари ишқ ба олам асаре нест,
Мисли ҳунари ёфтани дил ҳунаре нест.

Аз ишқ нанолем, касе ишқ наварзад,
Чун шӯразамин аст, ки онро самаре нест.

Ҳифзи дари кошонаи бахт аст хатарнок,
Гар ишқ нигаҳбон шавад онро, хатаре нест.

То маскани дидор ҳазорон раҳи ҳаҷр аст,
Бар ёд аз ин дида гаронтар сафаре нест.

Ишқ аст пару бол ба шаҳбози ҳаётам,
Бадрӯзтар аз мурғаки бе болу паре нест.

Беҳуда набошад аламу дарди Муҳаммад,
Бе сӯз диле несту бе хун ҷигаре нест.

*  *  *

Аз банди хаёли ту раҳидан натавонем,
Чун мурғ аз ин дом паридан натавонем.

Дидем фироқи ту, надидем висолат,
Дармони дили хуншуда дидан натавонем.

Мо дони пур аз мағзу ту, эй ишқ, чӣ марзӣ,
Сар аз дили хоки ту кашидан натавонем.

Имдодгаре нест агар дар раҳи тақдир,
Бар маскани иқбол расидан натавонем.

Девори пур аз хори ғам умедгаҳи мост,
Ҳарчанд гул аз боғи ту чидан натавонем.

Гуфтӣ, ки маро соз фаромӯш, Муҳаммад,
Ин бор гарон аст, кашидан натавонем.

*  *  *

Хабарат нест, ки дар сина чӣ дард аст маро,
Дарди ишқ аст, аз он чеҳраи зард аст маро.

Гоҳ дил метападу гоҳ ҷигар месӯзад,
Кас надонад, ки чӣ майдону набард аст маро.

Чашм аз рӯйи ту бигрифтани ман душвор аст,
Нигаҳи гарм давои дили сард аст маро.

Шарбати васли ту бар ман нарасидаст ҳанӯз,
Ғайри ту ҳеҷ касе фанд накардаст маро.

Гӯй бар боди муродат, ки вазад бар кӯям,
Хуфта ойинараҳе дар таҳи гард аст маро.

Ҳама ҷӯянд ба ҳар ранг Муҳаммад шуҳрат,
Шуҳрати ман асари рутбаи мард аст маро.

*   *   *

То бар ҷамоли зиндагӣ дил бохтам, дил бохтам,
Дунёи неку зиштро аз ҳамдигар бишнохтам.

Тарҳи бинои умри ман то боз зеботар шавад,
Бому дарашро аз гилу ранги вафо пардохтам.

Ин духтари зебои бахт осон наояд дар бағал,
То гирам аз ӯ бӯсае, чанд аз қафояш тохтам.

Дарёфтан мушкил будаст оҳанги хоси хешро,
Хуншор шуд дастони ман то савти худ бинвохтам.

Бодард бошад мисрае, донед аз ишқи ман аст,
Бедард бошад мисрае, донед онро сохтам…

* * *

Аз роҳи худ берун шудам аз дасти ишқ, аз дасти ишқ,
Аз хок бар гардун шудам аз дасти ишқ, аз дасти ишқ.

Хомӯши пурфарёд ман, беёди пур аз ёд ман,
Шодии пурмаҳзун шудам аз дасти ишқ, аз дасти ишқ.

Чун рӯшанӣ бар тирагӣ, бигрифта роҳи хирагӣ,
Худ ҳам надонам чун шудам аз дасти ишқ, аз дасти ишқ.

Дорад хазон осори марг, гаштам дарахти сабзбарг,
Бар зиндагӣ мафтун шудам аз дасти ишқ, аз дасти ишқ.

Чун чашма раҳгум будаам, зори талотум будаам,
Сайҳун шудам, Ҷайҳун шудам аз дасти ишқ, аз дасти ишқ.

Ганҷи муҳаббат шуд зи ман, тиллои қисмат шуд зи ман,
Доротар аз Қорун шудам аз дасти ишқ, аз дасти ишқ.

Фикри ту кардам рӯзу шаб, аз фикрат омад ҷон ба лаб,
Доно чу Афлотун шудам аз дасти ишқ, аз дасти ишқ.

Шуд хомаи умрам дигар, шаҳномаи умрам дигар,
Як шакли пурмазмун шудам аз дасти ишқ, аз дасти ишқ.

Нодида зарби тиру теғ, ногуфта сад ҳайфу дареғ,
Охир, Муҳаммад, хун шудам аз дасти ишқ, аз дасти ишқ.

*  *  *

Нохуни меҳрат занад тори диламро ҳар замон,
Бо навои ошиқӣ ҳамдард созам одамон.

Қиссаи Лайливу Маҷнун дар ҳама давр аст нав,
Аз муҳаббат гар сухан гӯем, ёд ояд ҳамон.

Бо камони ҳарф агар ҳар лаҳза тирам мезанӣ,
Дар паноҳи ишқ лек аз нав сарам ёбад амон.

Сӯхтан беҳ аз азоби чашм бар раҳ дӯхтан,
Дар миёни оташам афкан, миёни раҳ намон.

Ишқ дар ҳар сурате дорад мададгорони хеш,
Мисли пул ҳар мавҷ метобад дар ин баҳри дамон.

Нанги ишқат бар Муҳаммад дод маъвои баланд,
Меваи истора чинам аз дарахти осмон.

*   *   *

Дар оташи муҳаббат гаштам чу дони бирён,
Дигар намешавам сабз аз хоки дилфигорон.

Дар ҷодаи вафо нест аз сарпаноҳ осор,
Гирён чу ман набошад имшаб ба зери борон.

Мурдам зи сабр, эй абр, бар ҳоли ман макун ҷавр,
Оё хабар надорӣ, аз дарди интизорон.

Дунёи ишқ бошад дунёи нобаробар,
Он як ҳамеша хандон, дигар ҳамеша гирён.

Ҳарчанд дур бошад, бар дида нур пошад,
Ҷозибаи бузургест охир миёни ёрон.

Ҷони азизи худро бахшам ба ӯ, Муҳаммад,
То ошиқам баландам аз соҳибихтиёрон.

* * *

Чун замин дар гирди тири офтоб,
Мехӯрам дар гирди даври ишқ тоб.

Бо хаёлат оварам шабро ба рӯз,
То фаромӯшам нагардӣ вақти хоб.

Об резад гаҳ агар аз чашми абр,
Ҳар замон резад маро аз дида об.

Сина баҳри дил чу оташхона аст,
Сӯзад ин бечора монанди кабоб.

Тӯри мижгон шуд балои мурғи ҷон,
Ин қафаснодидаро кам деҳ азоб.

Мункир аз аҳди лаби дарё машав,
Дорад охир чашм дарё аз ҳубоб.

Мулки худро соҳибӣ кун, мо туро
Шоҳи тахти бахт кардем интихоб.

Аз барои шодии умри абад
Ҳаст ғамҳои Муҳаммад беҳисоб.

* * *

Дигар ин раҳи қадима пайи ошно надорад,
Ба кӣ гӯям ин аламро, ғами рафтаҳо надорад.

Ба ғубори бенамак ҳам, ки қатори корвон буд,
Сухани маро расонед, ба дида ҷо надорад.

Ҳама ин куҳаннаистон шуда гӯри орзуҳо,
Найи хокхӯрда ҳаргиз ба гулӯ наво надорад.

Гапи «Дил кашад, равад по» зи барои ман набошад,
Наравам дигар ба ҷое, сари шавқ по надорад.

Ту, ки рафтӣ, ашки меҳрам зи сарои худ бурун рафт,
Нарасад садои пояш, ки ба по садо надорад.

Гулу барги ормонам ба кафи хазон фитодаст,
Ба баҳор дил набандам, ки худаш бақо надорад.

Ҳама боғи мушку анбар нашавад ба ту баробар,
Ба бисот бе ту атре, ба Худо, ҳаво надорад.

Ғами ишқ бар Муҳаммад ҳама умр шодмонист,
Чӣ кунад парии ҳастӣ ба касе вафо надорад.

*  *  *

Аз ғами ту оҳ кашам рӯзу шаб,
Нолаи ҷонкоҳ кашам рӯзу шаб.

Пасту баланд аст раҳи ошиқӣ,
Бор ба ин роҳ кашам рӯзу шаб.

Фарқ кунам аз ҳама сураткашон,
Баски фақат моҳ кашам рӯзу шаб.

Чоҳи фироқ аст гарон аз ҳама,
Ранҷ дар ин чоҳ кашам рӯзу шаб.

Оҳи пур аз дард зи мағзи дилам,
Дур зи дилхоҳ кашам рӯзу шаб.

Оҳи саҳаргоҳ писанди Худост,
Оҳи саҳаргоҳ кашам рӯзу шаб.

* * *

Намози ишқ такбире надорад,
Ҳадисаш шарҳу тафсире надорад.

Фироқу васл оянд аз пайи ҳам,
Муҳаббатнома таҳрире надорад.

Дигар гармӣ ба ғайри гармии ишқ
Ба ошиқгашта таъсире надорад.

Ҷавоне, ки равон бар кӯи ишқ аст,
Хати иршод аз пире надорад.

Камони қомати мардони ин роҳ
Ҳадаф дорад, вале тире надорад.

Надорад шиква суд аз умри рафта,
Ки ин тақдир тадбире надорад.

Ба пайдокарда аз гумкарда гӯед,
Ҷаҳон поси ҷаҳонгире надорад.

Ба чашми ишқ чун зар тобад оҳан,
Агарчи гард аз иксире надорад.

Муҳаммад, ранги ашки ошиқонро
Қалам имкони тасвире надорад.

*   *   *

Ишқ аз осудагӣ барбод рафт,
Умр аз олудагӣ барбод рафт.

Аз қадамҳое, ки осораш намонд
Ҷодаи паймудагӣ барбод рафт.

Он матоеро, ки номаш буд шарм
Охир аз фарсудагӣ барбод рафт.

Сарфи нофармудагӣ кардем умр,
Он Худофармудагӣ барбод рафт.

Тавба аз нобудагӣ кардан чӣ суд?
Бар Муҳаммад будагӣ барбод рафт.

*  *  *

Аз ранҷи раҳи ишқ дигар бок надорам,
Дар синаи худ ҷуз дили ғамнок надорам.

Беҳуда ту бар пуштаи умрам мазан оташ,
Он қадр шудам сӯхта, хошок надорам.

Аз он ки ту мастӣ зи ҷамоли гули ҳуснат,
Қадре ба дари боғи ту чун ток надорам.

Заҳр аст ҳама чиз, ки дар косаи ҳастӣ
Ғайри асали ишқи ту тарёк надорам.

Дар синаи ту мисли замин ганҷ зиёд аст,
Гар лоф набошад, ба кафам хок надорам.

Дар чашми ту ҳаст ахтари иқболи Муҳаммад,
Ман шиква зи ту дорам, аз афлок надорам.

* * *

Ғайри ту оламе кунад гӯш фасонаи маро,
Пурс зи моҳу ахтарон сӯзи шабонаи маро.

Сӯи ту то назар кунам, аз гузарат гузар кунам,
Дон ту баҳои ошиқӣ роҳи баҳонаи маро.

Ҷашни арӯсии ту шуд мотами марги бахти ман,
Ҳофизи бехабар вале хонд таронаи маро.

Хоку каҳи ғаму алам хуфта ба ҷону қалби ман,
Бод намекунӣ чаро хирмани донаи маро.

Гашт дили Муҳаммадат тири гудозро нишон,
Дод ба ихтиёри ту ишқ нишонаи маро.

* * *

Гардҳо дар мӯям аз роҳи ту пайдо гаштааст,
Ашкҳо дар чашмам аз оҳи ту пайдо гаштааст.

Гар напиндорӣ ту миннат, ман ҳам эҳсонпешаам,
Аз гудози меҳри ман моҳи ту пайдо гаштааст.

Боди ҳаҷр аз хирмани умрат хабар оварда, гуфт:
Ҷойи дони ҳусни ту коҳи ту пайдо гаштааст.

Ҳар гаҳе ёдат кунам, ойӣ ту ҳам дар хоби ман
Бо алам гӯйӣ, ки: – Дилхоҳи ту пайдо гаштааст.

Мекунам тасдиқ беанҷомии оғози ишқ,
Пеши рӯ чашми дилогоҳи ту пайдо гаштааст.

Ишқро нозад Муҳаммад, боз баъди солҳо
Дар диёри ёд даргоҳи ту пайдо гаштааст.

*  *  *

Ту дигар қадам намонӣ ба қаламрави суроғам,
Қалами алам нависад ҳама байти дарду доғам.

Ҳама ёд мезанад рӯ, ба даме, ки мепарад хоб,
Ки ба ҷои дидаи ту нигаҳ афканад чароғам.

Ба дами хазон ба ҳасрат зи баҳор ёдамояд,
Пайи ошно натобад ба замини нарми боғам.

Туӣ боғу бӯстонам, туӣ рӯҳбахши ҷонам,
Ба Худо, ниёз дорад ба ҳавои ту димоғам.

Хабар аз фироқ ояд, зи висол номае нест,
Зи азоби интизорӣ бирасад магар фароғам?

Хати рози дил супурдам ба кабӯтари муҳаббат,
Ту ба дасти зоғ посух бифирист, доғ-доғам.

*   *   *

Гарчи ҷаҳони дардам, дардошно надорам,
Бегона бар табибам, роҳи даво надорам.

Ман руҳи хаста ҳастам, як дилшикаста ҳастам,
Бори гарони миннат аз мумиё надорам.

Мумам ба ҳалқаи санг, оҳам бигардад оҳанг,
Дар даҳри беканора гӯё ки ҷо надорам.

Сози гусастаторам, рафтаст эътиборам,
Дар панҷаи ҳунар ҳам ширин наво надорам.

Гуфтам ҳазору як ҳарф, мӯ шуд сафед чун барф,
Девонаму асар лек бар девҳо надорам.

Дилро, ки сар нафаҳмид, нурам басар нафаҳмид,
Ҷонро ҷигар нафаҳмид, як бовафо надорам.

Ояд ба лаб маро ҷон, мушкил нагардад осон,
Дар сар Муҳаммад акнун ҷуз чашми во надорам.

*  *  *

Марде даруни хаймаи шаб гиря мекунад,
Бар ҳоли зори ному насаб гиря мекунад.

Марг аст зиндагонии қавмаш ба фаҳми ӯ,
Бадро, ки дид некталаб, гиря мекунад.

Сӯзад дилаш ба қисмати фардои кишвараш,
Аз сӯз гиря карда, на зи таб гиря мекунад.

Ларзад вуҷуди мо ҳама фарёд агар кунад,
Хомӯштар зи абр, ба лаб гиря мекунад.

Ангушти сад хаёли навоҷӯи бенаво
Нохун занад ба тори асаб, гиря мекунад.

Аз дур савти базму навои тараб расад,
Андуҳгин ба базму тараб гиря мекунад.

Хун мехӯрад якеву дигар мехӯрад гулоб,
Аз лолии сипоҳи ғазаб гиря мекунад.

Дар ғуссаи шабаш асари рӯзи шодӣ аст,
Пайдост аз чӣ аҳли адаб гиря мекунад.

Марде даруни хаймаи шаб гиря мекунад,
Дорад барои гиря сабаб, гиря мекунад…

* * *

Дурӯза меҳмонем дар ин сарои ҳастӣ,
Моро сипар нагардад садҳо дароздастӣ.

Баъди вафот моро ёрон ба ёд оранд,
Манфиате надорад дунёи худпарастӣ.

Аз гап, ки гап барояд, накшода худ кушояд,
Дорад зиён ба судаш бисёр ҳамнишастӣ.

Гирён ба ханда гаштем, мурдему зинда гаштем,
Бар ҳар шикастдида хоҳем бешикастӣ.

Воломақом гаштанд онон, ки фанд карданд,
Аз бефиребии худ мондем мо ба пастӣ.

Нопок шубҳа созад аз пок ҳам Муҳаммад,
Девонагӣ надорад қадре ба пеши мастӣ.

*   *   *

Нафас базӯр кашам, пурдавидаро монам,
Сафар тамом, ба ҷо орамидаро монам.

Дигар ба хонаи чашми умед ҷоям нест,
Гузашт навбатам, ашки чакидаро монам.

Ба шустушӯ нашавад ин қабои тан дигар,
Матои кӯҳнаи рангаш паридаро монам.

Чу хасм оташу обанд, ин ду душманро
Шинондаам ба яке ҷой, дидаро монам.

Магар зи панҷаи марг интизори подошам,
Ба қасди ҳастии пурғам қасидаро монам.

Ба сози умр хатарнок захмаро бинам,
Ки тори аз ҳадаш афзун кашидаро монам.

Ба лолаҳо бисупурданд хӯшаҳо ҷоро,
Замини хунасари ҷангдидаро монам.

Ба гӯр мешавам аз бори зиндагӣ ҳамранг,
Сарам ба пой ниҳам, қадхамидаро монам.

Раҳи зи дузди ҳавасҳо қасосгирӣ нест,
Чу боғи боди хазонаш расидаро монам.

* * *

Аз роҳи тайнамуда осори гард монда,
Аз бори ранҷи бурда ҷисми бадард монда.

Даври даву паропар дигар нагардад аз сар,
Машқи вуҷуд монда, тасбеҳу нард монда.

Гармии ҳеҷ як ҳарф об насозад ин барф,
Чандин баҳор бигзашт, ин фасли сард монда.

Хушк аст рӯди хашмам, ҷорист оби чашмам,
Даври набард рафта, ҷаври набард монда.

Ҷӯям ба ҳасрат акнун айёми лоларангӣ,
Умрам дукону дар он як ранги зард монда.

Дунёи сӯзу оҳам, имдодҷӯ нигоҳам,
Дар истгоҳи пирӣ як раҳнавард монда.

Дод он яке шикастам, дигар гирифт дастам,
Дар хотири Муҳаммад номарду мард монда.

*　　*　　*

Дар гузари ёдҳо ҷода қадам мешавад,
Ҳосили тақсимҳо хурдрақам мешавад.

Боз ба шакли бухор оби ҳама рӯду баҳр,
Сӯи само меравад, абри алам мешавад.

Ойинаи дидаҳо аксфурӯшӣ кунанд,
Қоб тиҳӣ аз ҳама сурати ғам мешавад.

Хӯша шавад хокшин боз чу дон бар замин,
Ҷамъ агар тарҳ шуд, кам ҳама зам мешавад.

Ҳар варақ аз каф диҳад нуқтаву ҳарфу хаташ,
Боз сарир он ҳама баҳри қалам мешавад.

Ранги хиҷолат равад аҳдшиканро зи рӯй,
Сӯи забонаш равон қавлу қасам мешавад.

Ашки бари рӯй ҳам гашта зи роҳаш қафо,
Дар дили хоки басар хобиданам мешавад.

Хонаи холишуда пур шавад аз рафтагон,
Рост, Муҳаммад, туро қомати хам мешавад.

*   *   *

Баҳри як ном ҳама умр давидем, афсӯс,
Бодаи ҷоми фараҳро начашидем, афсӯс.

Барги умед намонду асари доғ намонд,
Лола аз пуштаи иқбол начидем, афсӯс.

Такя азбаски ба имдодфурӯшон кардем,
Ғайри бори ғами миннат накашидем, афсӯс.

Ҷаври ёрони вафодори худ арзон додем,
Сабри ёрони ҷафокор харидем, афсӯс.

Ҳаст аз пуди муҳаббат асари рағзаи ишқ,
Ғофил аз пудканон тор танидем, афсӯс.

Чун насими саҳар аз ёд фаромӯш шудем,
Ҳар қадар нарму сафобахш вазидем, афсӯс.

Ғайри як шеър, ки баъд аз сари мо мехонанд
Самар аз умри басарбурда надидем, афсӯс.

Раҳбаладҳо, ки Муҳаммад ҳама раҳбанд шуданд,
Ба диёри ҳаваси худ нарасидем, афсӯс.

* * *

Аз умри рафта дорам дар сар ғубори пирӣ,
Помонии гарон монд аз роҳи дастгирӣ.

Дар ҷо сафар намоям, фикри дигар намоям,
Озодиям шуд охир, ман мондаму асирӣ.

Будаст навҷавонӣ даври амирии умр,
Дар мулки тан нишон нест акнун аз он амирӣ.

Гармои умр дорад асрори зиндагибахш,
Сармои умр дорад осори зиндамирӣ.

Он кӯдакӣ ҳаёту ин кӯдакист марге,
Неру маро набахшад дигар таоми ширӣ.

Он тифлро падар буд, ин тифлро писар ҳаст,
Дорад яке кабирӣ, дигар вале сағирӣ.

Озурдаю бадардам, бо хеш дар набардам,
Ислоҳи худ накардам, э вой аз ин дабирӣ.

Аз як ҷаҳон ба дигар рӯзе равӣ Муҳаммад,
Ин рафтани ту бошад шояд туро сафирӣ.

*   *   *

Дар кӯчаҳои куҳна қадам мезанам ҳанӯз,
Дар бомҳо зи лола алам мезанам ҳанӯз.

Бар ёд тӯри тортани шумпай расад,
Мижгон ба чашми ғӯтабанам мезанам ҳанӯз.

Пирӣ аз он диёр биҷӯяд ҷавонияш,
Ин заҳру шаҳди хеш ба ҳам мезанам ҳанӯз.

Кардам ғалат, ки нимаи умрам ба хоб рафт,
Ин қиссаро ба ранҷ қалам мезанам ҳанӯз.

Ин қомати хамида ҳам аз машқи кӯдакист,
Дар пеши гӯри модарам хам мезанам ҳанӯз.

Дар ҳасрати бародару хоҳар, ки рафтаанд,
Бар сар ҳазор панҷаи ғам мезанам ҳанӯз.

Дар сози кӯчаҳои нав оҳанги меҳр нест,
Дар кӯчаҳои куҳна қадам мезанам ҳанӯз.

*   *   *

Умр ҳар ранге, ки буд аз даст рафт,
Аз баландаш зиндагӣ бар паст рафт.

Он як аз ҳушёр будан панд гуфт,
Дигаре майхора гашту маст рафт.

Қоматамро бори ҳастӣ кард хам,
Сарви умеди маро бишкаст, рафт.

Тухми шодиро ба мо арзон надошт,
Риштаи қисмат ба ғам пайваст, рафт.

Кард пирӣ бар асоям ошно,
Бемадорам, даври зӯру шаст рафт.

Тан дарахте буд, дар он мурғи ҷон
Гӯиё ки лаҳзае биншаст, рафт.

Шоире хуб аз Муҳаммад гуфтааст:
«Ҳар кӣ омад бори худро баст, рафт».

*   *   *

Тарки ҷон гардад ба тан наздиктар,
Марг ҳам гардад ба ман наздиктар.

Лашкари сӯзандаи боди хазон
Гардад акнун бар чаман наздиктар.

Баъд аз ин гӯям сияҳро ҳам сафед,
Баски гардам бар кафан наздиктар.

Одамӣ хокӣ, ки мебошад, ба хок
Мешавад аз нав бадан наздиктар.

Гӯр ҳам бошад камингоҳи дигар,
Мешавам ман бар ватан наздиктар.

Гардам аз бемеҳрии ёрони нав
Ман ба ёрони куҳан наздиктар.

Оқибат хилватнишинро ҳам аҷал
Мекунад бар анҷуман наздиктар.

Бо алам орад Муҳаммадро ба ёд,
Он кӣ бошад бар сухан наздиктар.

*   *   *

Вақти бурданам омад, бори бастаро монам,
Интизори имдодам, раҳнишастаро монам.

Шиша шиква кард аз санг, оҳи худ шумурд оҳанг,
Хайрият намедонад, дилшикастаро монам.

Лоли таҳ ба таҳ розам, холӣ аз наво созам,
Гӯши зори овозам, куҳнарастаро монам.

Бори сад алам дидам, мисли ришта ёзидам,
Тоби ман ҳама таб шуд, ҷисми хастаро монам.

Фанди боди ҳастӣ кард аз ҳадам маро берун,
Хоки бахти худ ҷӯям, гарди ҷастаро монам.

Пушти уқдаҳои ғам муҳраи фараҳ хоб аст,
Торам, эътиборам нест, он гусастаро монам.

Зиндагӣ Муҳаммадро тешаест бар реша,
Боз баҳри ин теша чӯбдастаро монам.

* * *

Мо фақат хоҳем некӣ, гӯш панди мо кунед,
Ҷои кин дар хонаи дилҳо муҳаббат ҷо кунед.

Хоксоронро зи афтодан ғами озор нест,
Пойро сар кардан осон аст, сарро по кунед.

Зиндагӣ рӯди равон асту ба поён мебарад,
Ташнаҷон миреду оби рӯи худ боло кунед.

Риштаи умри бахил аз укдаи ғам кӯтаҳ аст,
То даме дасти дарозед, он гираҳро во кунед.

Омаду рафтан набошад аз ҳунармандӣ нишон,
Нақши худро пешкаш аз саҳнаи дунё кунед.

Ҷой дар оинаи чашмон шавад акси ҳама,
Акси худро ҷой дар оинаи дилҳо кунед.

Рӯзи мавлуди шуморо бо сухан кардем гарм,
Бо ду ҳарфе гарм рӯзе ёдбуди мо кунед.

Гиря карда, хандаҳоям бар шумо бахшидаам,
Рӯзи маргам гиря карда, чашмаро дарё кунед.

## МУНДАРИҶА

Хӯшаи иқболам аз дони алам рӯидааст........................3
Тани бар ранҷ тобоварда дорам .........................................4
Суханро дода печутобҳо гирдоб месозам............................5
Пайи фаҳми ҳар мусофир нарасад ба ҷодаи мо ..................6
Ҳарфи чашми ман сурх аст, хунҷигар фақат хонад....................7
Ҳамон роҳе, ки поёнаш намебинам, ватандорист................8
Ватан мегӯям аз рӯзе, ки ман фаҳми сухан дорам..............9
Дур назар карданам, ёди ватан кардан аст .........................10
Аз ҳама пайғомат илҳомат бас аст ....................................11
Маҷмӯаи дилобкунӣ рӯди сухан шуд ................................12
Тоҷикистон чашмаӣ, ҷӯят манам.........................................13
Ватанро аз як оҳангаш шиносам.........................................14
Манам доротарин одам, ватан дорам, ватан дорам ...........15
Гар забондон нестем, аз анҷуман берун шавем .................16
Рақам намонд, хато дар раҳи шумурдан нест....................17
Биё, ки дар сари як масъала қарор кунем ..........................18
Оламе ҷӯяд бузургӣ, хурд будан хуб нест..........................19
Ғамхориям аз ҳад гузашт, рӯ бар рақамҳоям кунед ..........20
Зиндагӣ ҳама фарёд, зиндагист хомӯшӣ............................21
Сад ҷони ширин кандаам, пайдо нашуд як қанд ҳам ........22
Нест азбаски ғуборе зи раҳи кин моро...............................23
Пухтагӣ талаб дорам, то ба кай ману хомӣ .......................24
Дар дафтари дили ман меҳрам чунин навиштаст .............25
Чашм хобидаву дил бедор аст ...........................................26

Роҳ то қуллаи армон дур аст ............................................ 27
Зи хобаш мекунам бедор боди бомдодиро ......................... 28
Субҳи уммед шуда дар назарам шом имрӯз ......................... 29
Ба чашми посдорон зиндагӣ ранги дигар дорад ................ 30
Ифтихори сода моро мекушад ............................................ 31
Зиндагонӣ асари пайғом аст ............................................... 32
Омад баҳори гулфишон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд ........... 33
Гард берун қадами худ зи раҳи тар накунад ...................... 34
Тобовар аз гудозу ранҷҳо тан мешавад .............................. 35
Бо умеди зистан ҷон меканам ............................................. 36
Рост асло пайи ожанг наафтад ба ҷабин ............................. 37
Фикри дунё ҳама гирди сари мо мегардад ......................... 38
Фӯлодро бипурс раҳи обутобро ......................................... 39
Бероҳа набошӣ, ҳама олам хати роҳ аст ............................. 40
Мо олами меҳрем, ба дил кина надорем ............................ 41
Хуршед ғами гардиши вартоҷ надорад .............................. 42
Намедонам чӣ сон дар сина дилро одамин ҷо дод ............ 43
Ҳар барги зиндагонӣ барги тараб набошад ....................... 44
Ғамхор ба ҳар ғамзада масрур нагардад ............................ 45
Тарафи хоки мулоим раҳи нам мегардад ............................ 46
Нури маҳ бо рангҳои шоми тор олуда аст .......................... 47
Пайдо ба назар реги ғаму хори ҷафо нест .......................... 48
Раҳи куйи фараҳро бе ғубори ғам намебинам .................... 49
Аз раҳи хуниҷигарнӯшӣ бурун кардӣ маро ........................ 50
Мушкгумкардаро суман хонем ........................................... 51
Ба Худо замони ман нест, асаре зи худ наёбам .................. 52
Бар зӯрҳо бигӯед занҷирҳо кушоянд .................................. 53

Дар мағзи сиришк оҳ дорам ........................................ 54
Дар дафтари дил ҳарфи ҷигарсӯз надорем ........................ 55
Марди раҳи азоби ҳунар ёри мо шавад ............................. 56
Сароби умр ба чашми муҳаббатам об аст .......................... 57
Дигар чӣ метавон кард, аз кор кор бигзашт ...................... 58
Ҳазорон сурат аз девори ҳастӣ бенишон гардад ............... 59
Дур афкан нигоҳи худро, дур ........................................... 60
Бархез, нишастан асари обила дорад ................................ 61
Майли мо бар дароздастӣ нест ......................................... 62
Майли навмедии дилро ишқ барҳам мезанад .................... 63
Сари хам қадам ниҳодан, на кам аз дароздастист ............. 64
Аз ҳарфҳо расанд фиғони китобҳо .................................... 65
Хуфтабахти оламем, аз ғафлатободем мо .......................... 66
Таъкиднома мерасад аз кӯйи ёдҳо .................................... 67
Гӯё садои ғайб аз ин хона мерасад .................................... 68
Зиёнбахшон, агар сад ҷон канӣ, судат намебахшанд ........ 69
Аз зери хокҳову таги жарфи обҳо ..................................... 70
Гург аст ҳар суроб ба чашмони ҳелҳо .............................. 71
Кам роҳрав ба ҷодаи инсоф мондааст ............................... 72
Аз хонаҳои дида гурезанд хобҳо ...................................... 73
Бархез, пур нишастан поро ба хоб орад ............................ 74
Фарёд, даво ба дард хомӯш накард .................................. 75
Дар ёдгоҳ кулбаи дардошноӣ аст ..................................... 76
Ман аз бурун чӣ нолам, бадхоҳ дар дарун аст .................. 77
Баҳр маҳбас хонда соҳилро талотум мекунад ................... 78
Ба абри дидагони ман зи гиря об ҳам намонд .................. 79
Таҳ ба таҳ ҳама панд аст ояҳои қуръонӣ ........................... 80

Ҷавон ба гиряи пурдарди пир механдад ............................ 81
Дилам майле ба маҳфилҳо надорад.................................... 82
Нигоҳи панҷараҳо чун нигоҳи дуздон аст .......................... 83
Зиндаи як умр ҷон биспурдаам ........................................... 84
Ин раҳ куҷо барад? Ба саволам ҷавоб нест......................... 85
Мо тӯдаем, тӯдаи бисёр содаем ........................................... 86
То писанд ояд туро дил раҳмгин гардидааст ..................... 87
То нома ба дасти зоғ дорем .................................................. 88
Ҳалқа бошад дидаи пӯшида дар занҷири ман .................... 89
Гарчи роҳам бастаанд, аз садди Чин бигзаштаам .............. 90
Интизорӣ гар зи ҳад бигзашт, тамкин бигзарад................. 91
Поиз дар насими саҳар навбаҳор дошт ............................... 92
Ҳарфи меҳр аз дидагони эътибор афтодааст ....................... 93
Ин чӣ оташ, ки аз он дуд бурун меояд ................................ 94
Моро ба ҳоли хештан, эй бевафо, гузор .............................. 95
Шодем, ки ҳамқисмати маҳзуншудагонем........................ 96
Боғи хазонрасида асар аз нумӯ надошт ............................. 97
Дармони дилшкастаро аз мумиё маҷӯ ................................ 98
Шонаи хаёли ман бори орро донад ..................................... 99
Парад аз дида хоб, андеша чун бисёр мегардад............... 100
Баски дар куҳандунё диди тоза ман дорам...................... 101
Гаҳ ба сайёҳи нафас роҳи гулӯ танг ояд .......................... 102
Зиндагӣ чист? Зи маънииш хабарҳо дорам ....................... 103
Як умр зи пушти сухан осуда нагаштем ........................... 104
Зиндагӣ созад мураккаб содаро ......................................... 105
Чашмро дар ашки худ тар мекунам.................................. 106
Дардро як умр дармон хонданам беҳуда нест ................. 107

Фарқе намебинам дигар байни баҳору тирамоҳ .............. 108
Манам он оташи аз об руста ............................................. 109
Беши худро аз ками худ ёфтам ......................................... 110
Субҳи мо моили шом аст, аз ин бехабарем ...................... 111
Дар дили сози вуҷуди худ алам мепарварем .................... 113
Номаи хонои умр аз лавҳи чинам мерасад ....................... 114
Зиндагонӣ фанд месозад маро .......................................... 115
Ба хомӯшии худ фарёд дорам ............................................ 116
Сӯзи оташ дар вуҷуди дуд нест ......................................... 117
Беҳуда дигар берун аз хона намегардам ............................ 118
Шодем ё ки маҳзун, моро ба мо гузоред ........................... 119
Чашм аз дидану ғам хӯрдани мо гирён аст ....................... 120
Ҳарфи дилро аз нигоҳ омӯхтам ......................................... 121
Раҳо кун соҳили бераҳм бандиҳои дарёро ......................... 122
Зи абрӯҳо ҷабин бар хеш таҳдеворҳо дорад ...................... 123
Пайи моро ба мо пайғом карданд ....................................... 124
Баски ноҷо қолаби даврони моро рехтанд ......................... 125
Ҳарфҳои хати раҳ дидаи по медонад ................................. 126
Зи урён гуфтани худ шарм медорад қалам имрӯз ............ 127
Дар хеш субҳи козиб осори шом дорад ............................. 128
Эй ҷуфти фараҳ, бин сари ғамҳои ту тоқ аст ................... 129
Сарчашмаи дарёи ҳақиқат ҳама фанд аст ......................... 130
Рӯҳи ман аз фикри дарди зиндагонӣ хаста аст .................. 131
Ожанг чу мавҷ асту ду чашмам чу ҳубоб аст .................... 132
Бодаи ғамҳои дил дар ҷоми чашмам ҷо нашуд ................. 133
Гарчи мастем, вале ҷом нигаҳ медорем ............................ 134
Раҳгумзадаему раҳи мақсуд надонем ................................ 135

Сад ҷон биканӣ, аз раҳи бад мор нагардад....................... 136
Як назар бар сӯи ман аз дур даркор асту бас.................... 137
Гарде намонд аз ашкам дар роҳи интизорӣ...................... 138
Ёфтем аз бурди кам-кам бешро ...................................... 139
Ба ҳоли боғдорони сабукандеша мегирям........................ 140
Субҳ аз ашки башабрехта шабнам дорад ........................ 141
Зи шӯре ёр ҳам бегона гардад, ёр мемонад ...................... 142
Аз муҳити хеш то худро бурун овардаам......................... 143
Чун хоки мулоим дами озор надорам .............................. 144
Зи як фарёд гардад кабк бар тақдири худ зомин............. 145
Ҷон ба сад ранҷ ба тан баста шавад ................................ 146
Хати шамшер зи ҷавшан наравад .................................... 147
Оқил зи мағзи қатраи ашкаш гуҳар гирифт.................... 148
Фидойии раҳи тақдир гаштам.......................................... 149
Лофи доноӣ мазан, имрӯз даври лоф нест....................... 150
Номи мо аз нанг пайдо мешавад...................................... 151
Субҳро чарх дар оғӯш нигаҳ натвон дошт ...................... 152
Одамиро фикри дунёӣ ҷаҳонбин мекунад........................ 153
Аз чоҳи ноумедӣ имдод мебарорад................................. 154
Зи ҷунбиш даст ҳаргиз такягоҳи сар намегардад ............ 155
Корвон мегузарад, роҳ ба ҷо мемонад ............................. 156
Кӯҳи фароҳатро фиканад сели ғам охир.......................... 157
Хоки кӯи бахтам, аз сели ҳаводис растаам...................... 158
Аён шуд, дар либоси дӯст ҳам душман хатарнок аст...... 159
Ғазаболуд ҳам меҳри ниҳон дар кинааш дорад ............. 160
Чарх мегардад ба гирди тири худ..................................... 161
Дар қалби бемурувват аз ғам асар набошад .................... 162

Зи роҳаш нафси бад берун нагардад ................................ 163
Оҳани рӯи оташам, занг ба ман намерасад........................ 164
Шуълаи оҳи шаби тори маро ёд оваред ............................ 165
Оҳи ман дорад ба худ оҳангҳо ........................................... 166
Як ҳарфи баҷо дар рақами дида надорем ......................... 167
Дур мегардем аз ҳам, дуртар............................................. 168
Баҳри номи нек бурдан омадам ......................................... 169
Дар чашми маст тобад ҷоми шаробдорам ........................ 170
Фахр аз як ҷумласозӣ мекунем ......................................... 171
Дар раҳи кӯи тамаъҷӯён пае аз нанг нест ......................... 172
Берун аз рози дарун огоҳ нест .......................................... 173
Муҳаббатпеша сӯзи ишқу тоби сабр медонад ................. 174
Мулоимтинатам, оҳан набошам ........................................ 175
Зикри ҳар анҷуман шавад номам........................................ 176
Хуршедро ба доман ҳаргиз касе напӯшад ........................ 177
Чашме назар надорад бар дасти холии мо........................ 178
Зи ашки дида рӯям об дорад ............................................. 179
То ба болин сар намондам, қадри сар пайдо нашуд ........ 180
Дар дили ман хуфта меҳри ҷонфидоёни диёр................. 181
Ҳалқаи ҳар сухан нашуд ҳалқаи панди мо ба гӯш........... 182
Шуълаи уммеди ман ҳаргиз намегардад хамӯш .............. 183
Дар муҳити дарду доғ афтодаам........................................ 184
Дар баҳори зиндагонӣ лолагун афтодаам......................... 185
Додгӯиҳо ба ҷон зад, шуд хамӯшӣ пешаам...................... 186
Домони мусофирҳо чун гард намегирем .......................... 187
Хокро бо ашки худ гил мекунам ...................................... 188
Об гаштем, ки бе чашмаву рӯде нашавем ........................ 189

Лолаи уммеди ман рӯсурх шуд аз сӯхтан ........................ 190
Ранҷи бори тани мо маркаби по мебинад ......................... 191
Одамӣ ҳамдарду дилсӯз аз дилогоҳӣ шавад ..................... 192
Ба ҷашни ғайр хасми бахт мотамро хабар кардаст .......... 193
Бинам агар ғамине ранҷур мешавам ман .......................... 194
Намегардам пайи нафъе ба гирди меҳвари дигар ........... 195
Баҳравар аз шарбати васл интизорон мешаванд ............. 196
Намехоҳам, ки як дам модаре дур аз писар гардад.......... 197
Даргаҳи ҳаҷр зи тифлони вафо холӣ нест ....................... 198
Чашми пуробам ба чашми маст ҷому бода аст ............... 199
То ба сар фикру хаёли олами ганҷина аст ........................ 200
Дар хаёли ҷамъаму танҳо чаро монам гаҳе ...................... 201
Об рафту нақшаш аз соҳил нарафт................................... 202
Неъмати рӯи ҷаҳонро ҳар кучо берӯ гирифт ................... 203
Ба ғуборе дилам олуда набошад ҳаргиз ........................... 204
Дунёи пур аз розаму ҳамроз надорам .............................. 205
Замин луқмасон гӯрро мехӯрад ....................................... 206
Боз аз тақвими умрам канда шуд як рӯзи ман................. 207
Дар хонаи хаёлам ёрони пок хуфта .................................. 208
Хоҳам, ки равам ҳамчу сабо хона ба хона........................ 209
Мекашам бар дӯши худ бори азоби зиндагӣ .................... 210
Дар раҳи умр аз баландӣ беш пастӣ дидаам..................... 211
Бар фараҳ бе ғам расидан мушкил аст ............................. 212
Озори дунё дидаам, озурдаам, озурдаам......................... 213
Ба оташ дар миёни коҳ хомӯшӣ гарон бошад ................. 214
Ёди мардум мекунем, аз худ фаромӯшем мо .................. 215
Ба ҷоми меҳр захри неш афтад, нӯш мегардад ............... 216

То наёрам чун садаф гавҳари мақсуд ба чанг .................. 217
Муҳтоҷи як шарорем афсурдаему дилсард ....................... 218
Зиндагониро ҷаҳони нанг медонем мо............................. 219
Бо умеди як фараҳмандӣ ғамам афзун шавад ................. 220
Хилвати асрорро дорад таманно пешаам .......................... 221
Дар саре, ки фикри ному нанг нест ................................. 222
Роҳи гирифтаи мо бошад писанд моро ............................ 223
Шавам овозадор аз дасти меҳру тобу тамкинам.............. 224
Чун шӯразор тобад чашме, ки нам надорад ..................... 225
Аз барои дили озурда дилам месӯзад............................... 226
То бар диле ёбем раҳ, мо худ саропо дил шудем............. 227
Равад аз худ, агар ганҷина ёбад ғанҷнодида .................... 228
Бар дидаи мо фарқи шабу рӯз набошад ........................... 229
Оҳ аст бесиришк, асарнок роз нест .................................. 230
Шиква аз тундию тезии маяш хум накунад...................... 231
Гӯё, ки аз ҳавас ба лаб оҳе намондааст ........................... 232
Зиндагӣ ҳамдарду ҳамсӯзам ба мардум кардааст ............ 233
Ҳар замон дар пеши рӯ Ҷонофарин пайдо шавад ............ 234
Дил зи ашки аламам пок шавад ........................................ 235
Ошиқонро ҳар кӣ ранҷонад, асири ғам шавад ................. 236
Қадам дониста мемонам, ки поям низ сар дорад ............. 237
Кӯҳам, зи бори ҳодиса ҳам хам намезанам ...................... 238
Дар рӯзи ҷашн ҳарф зи мотам намезанам......................... 239
Инсоф агар ки ҳукм кунад, дам намезанам ...................... 240
Ман фоли эътимод ба одам намезанам ............................. 241
Ҳастам забони ашки алам, дам намезанам ....................... 242
Ба дунёе, ки худ бошад бақоро зор, машҳурем................ 243

Олами ман дигар, аз ту дигар аст ...................................... 244
Дар сарҳади ғурурам сарбози нанг дорам ......................... 245
Домони умр аз ҳама маҳкам гирифтаам ........................... 246
Раҳи мақсудро пурнуртар аз сӯхтан кардам..................... 247
Як умр по ба роҳи қаноат ниҳодаем.................................. 248
Инсоф сарҳад аст, зи сарҳад гузаштаед ............................ 249
Ҳоҷати ҳастӣ ба садҳо дар барад........................................ 250
Бисӯзад аз ғами олам диле, ки ман дорам ......................... 251
Дар лабонам ханда дорам, оҳ низ ...................................... 252
Ба унвонам зи номи мардуми осуда мактуб аст............... 253
Пайҳои меҳр дар раҳи уммед ҳам намонд......................... 254
Нигоҳи ҳайратам акнун, зи хоб метарсам ......................... 255
Ҳанӯз ашки пур аз ғам зи дидаам ҷорист .......................... 256
Маро, ки дур зи худ кардаӣ, суроғ макун .......................... 257
Ашк ҳам аз абри чашмон меравад..................................... 258
Аз бисоти дил ҳавасҳо мераванд ...................................... 259
Дигар нигоҳи чашми ҳубобе намерасад ............................ 260
Дар ҷаҳони меҳрубонӣ беназирӣ, модарам ....................... 261
Роҳи мо наздику аз ту дур шуд .......................................... 262
Бо шодиву ғами умр як умр хӯ гирифтам.......................... 263
Раҳнаварде, ки равон бар роҳи дури матлаб аст .............. 264
Оташам ман, оташи бедуд нест .......................................... 265
Бар хазинаҷои дил ганҷи дарду ғам дорам........................ 266
Рафт даврони ғами худ, ғами дунё ба ман аст.................. 267
Шабҳо мунаввар мешаванд аз тобу аз табҳои мо ............ 268
Сар намемонам ба бистар, то нагардам бистарӣ.............. 269
Шамъи бедорам, худафрӯзам, ҳаводорам шавед ............. 270

То ғусса гарди ҷодаи паймуда мешавад .......................... 271
Аз сӯзи лола ғофилӣ, доғе нагаштаӣ ................................ 272
Марди роҳи эҷодам, аз ман аст ин ҷода .......................... 273
Нигаҳ афкандан осон, ҳифз кардан аксро мушкил .......... 274
Заҳмати роҳ фаромӯш шавад ............................................ 275
Пинҳон даруни синаи ҳар нола мотам аст ....................... 276
Ҳар кӣ қадри фаҳми худ бар ҷаҳон нигаҳ дӯзад ............. 277
Субҳи мо аз шоми мо сар мешавад .................................. 278
Аспи сияҳи абр бурун аз гала рафт ................................. 279
Аз маскани ишқе раҳи эҷод гирифтем ............................. 280
Ҳасрати ӯро ҷудоӣ нест аз оғӯши мо ............................... 281
Мерасад аз дурҳо номи ту бар гӯши ман ......................... 282
Дили нодида туро дид, ба ман гӯш накард ...................... 283
Ишқ дард асту тан аз дард даво мехоҳад. ......................... 284
Надорам заррае оташ, кафи хокистарам бе ту ................ 285
Қадамат бар раҳи армони дили ман нарасид.................... 286
Диламро бар ту бахшидам, ки то дилдори ман бошӣ ...... 287
Ёди борон аз баҳори рафтаӣ............................................. 288
Баҳри рӯди оҳи ман роҳи гулӯ тангӣ кунад..................... 289
Зору ранҷур аз барои ту шудам ....................................... 290
Баҳори ҳусни ту осор аз хазон дорад ............................... 291
Зи бӯйи васли ту садсола хоб аз хоб мехезад.................. 292
Агар ваҳм аст, бар сар дидаи андешаи дур аст ............... 293
Ба ғайри доми нигоҳат ҳазору як дом аст ........................ 294
Биё, биё, ки зи ғам хотирам парешон аст ........................ 295
Аз пай раҳи остона гул кард ............................................ 296
Дидаи зорам ба раҳат рӯзу шаб, бе ту ҷигарпораам ....... 297

Зи сӯзи ишқ дилам офтоб хоҳад шуд ............................... 298
Ғами ишқ аз дили ғамхораи худ меҷӯям .......................... 299
Гуфтам, ки рӯй аз ту битобам, нашуд, нашуд .................. 300
Падар оби ҳаёташро зи дашти ташналаб меёфт............... 301
Маро ишқи ту пайғоми дигар дод ..................................... 302
Он чӣ дил гуфт аламнок, каломаш кардам ....................... 303
Аз ҷароҳат ҷигарам гулзор аст .......................................... 304
Мақсади умрбоди ман ёфтани дили ту ҳаст ...................... 305
Дилам аз баҳри ту аз сина бурун меояд ............................ 306
Чи гуноҳе, ба Худо, ин ҳама мардум кардаст ................. 307
Эй дил, зи рӯди ишқ агар нӯш мекунӣ.............................. 308
Ғунчаи чашмам шукуфт аз офтоби рӯи ту ....................... 309
Ҳар дам занад иблиси фироқи ту зи роҳам ...................... 310
Хоҳам, ки даме дур набошӣ зи бари ман .......................... 311
Ба ҳар як сина ҷо дорӣ, дилатро ёфтан мушкил............... 312
Хайма зад ишқ ба саҳрои дилам, дилшодам ..................... 313
Раҳхате бар ишқободи ту бар ман додаанд ....................... 314
Ханҷари ноз турову сипари тоб мароcт ........................... 315
Қалам аз хаташ абрӯйи сухан меҷӯяд .............................. 316
Вафо дасти дуъоро ҷом созад ............................................ 317
Ишқи ту даруни дили ман ҷой гирифтаст ........................ 317
Ноз аз ватани ҳадаш гузаштаст ......................................... 319
Аз муҳаббат ашки ман аз қаъри дил берун шавад........... 320
Бар кӯйи ғами ту кашам охир сипаҳи ишқ ....................... 321
Дар сарои ёди ошиқ ёр пайдо мешавад............................. 322
Ғамгусорам шав, ки ғам дорад дилам ............................... 323
Чашми ман кӯйи туро то рӯз бонӣ мекунад ..................... 324

Ишқи ту дар синаам бунёди манзил мекунад .................. 325
Дасти меҳри ту агар як бор оғӯшам кунад ........................ 326
Як рӯз наоӣ, ғами садсола биёяд ...................................... 327
Корвони бахтам аз саҳрои заҳмат омадаст ....................... 328
Расад бӯйи гул аз пироҳани ишқ ...................................... 329
Дар вафо то ҷигаре пора накардем, нашуд ....................... 330
Пуртоби ҷаҳон тоби нигоҳи ту надорад ........................... 331
Тарҳи рӯйи нозанинат мерасад бар ёди ман ...................... 332
Узрои азобатро Вомиқ будан осон нест ............................ 333
Бе дарду ғаме, эй дил, ҳамдил шудан осон нест .............. 334
Мурғи хаёл сӯи ту боз ба сад баҳона рафт ........................ 335
Ишқ он шӯъла, ки хомӯш нагардад ҳаргиз ........................ 336
Тарҳи ту дар оинаи чашмони ман афтад ............................ 337
Як нигоҳи ту диламро мебарад ........................................ 338
Марезон ашки чашмамро, ки ғарқи баҳри ғам гардӣ ...... 339
Бе ту оби зиндагонӣ зиндагибахшанда нест ...................... 340
Ҳамчун асари ишқ ба олам асаре нест .............................. 341
Аз банди хаёли ту раҳидан натавонем .............................. 342
Хабарат нест, ки дар сина чӣ дард аст маро ..................... 343
То бар ҷамоли зиндагӣ дил бохтам, дил бохтам ............. 344
Аз роҳи худ берун шудам аз дасти ишқ, аз дасти ишқ.... 345
Нохуни меҳрат занад тори диламро ҳар замон ................ 346
Дар оташи муҳаббат гаштам чу дони бирён ..................... 347
Чун замин дар гирди тири офтоб ...................................... 348
Дигар ин раҳи қадима пайи ошно надорад ........................ 349
Аз ғами ту оҳ кашам рӯзу шаб .......................................... 350
Намози ишқ такбире надорад ........................................... 351

Ишқ аз осудагӣ барбод рафт ........ 352
Аз ранҷи раҳи ишқ дигар бок надорам ........ 353
Ғайри ту оламе кунад гӯш фасонаи маро ........ 354
Гардҳо дар мӯям аз роҳи ту пайдо гаштааст ........ 355
Ту дигар қадам намонӣ ба қаламрави суроғам ........ 356
Гарчи ҷаҳони дардам, дардошно надорам ........ 357
Марде даруни хаймаи шаб гиря мекунад ........ 358
Дурӯза меҳмонем дар ин сарои ҳастӣ ........ 359
Нафас базӯр кашам, пурдавидаро монам ........ 360
Аз роҳи тайнамуда осори гард монда ........ 361
Дар гузари ёдҳо ҷода қадам мешавад ........ 362
Баҳри як ном ҳама умр давидем, афсӯс ........ 363
Аз умри рафта дорам дар сар ғубори пирӣ ........ 364
Дар кӯчаҳои куҳна қадам мезанам ҳанӯз ........ 365
Умр ҳар ранге, ки буд аз даст рафт ........ 366
Тарки ҷон гардад ба тан наздиктар ........ 367
Вақти бурданам омад, бори бастаро монам ........ 368
Мо фақат хоҳем некӣ, гӯш панди мо кунед ........ 369

**Муҳаммад Ғоиб**

# СЕСАДУ ШАСТУ ШАШ ҒАЗАЛ
*(ғазалҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 22.02.2017 супорида шуд.
Чопаш 28.02.2017 ба имзо расид. Андозаи 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 24,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар матбааи ҶДММ «Олами дониш» чоп шудааст.